**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ВБД: 378: 33 (575.3)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

АЛИЗОДА ҲУСНИГУЛИ СОҲИБ

# ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ
(08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Азизов Ш.С.

Душанбе – 2023

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ..................................................** | **3** |
| **МУҚАДДИМА..................................................................................** | **4** |
| **БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР................................** | **15** |
| 1.1. Низоми маориф ва таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ.......................................................................... | 15 |
| 1.2. Мазмун ва сохтори низоми идоракунии рушди таҳсилоти касбӣ......... | 26 |
| 1.3. Хусусият ва проблемаҳои ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ............................................................................. | 36 |
| **БОБИ 2. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ...........................................................** | **50** |
| 2.1. Таҳлили вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ......... | 50 |
| 2.2. Арзёбии вазъи таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ..................................................................................... | 66 |
| 2.3. Таҳлили таъсири омилҳо ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ.......................................................................................... | 82 |
| **БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ...........................................................** | **109** |
| 3.1. Истифодаи модели барномавию мақсаднок ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ............................................................... | 109 |
| 3.2. Рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ.......................................................................................... | 124 |
| 3.3. Таҳияи амсилаи такмили низоми идоракунии зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ.................................................................................... | 137 |
| **ХУЛОСА...........................................................................................** | 148 |
| **Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.......................................** | 151 |
| **РӮИХАТИ АДАБИЁТ..........................................................................** | 152 |
| **ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ...........................................** | 166 |

## Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

**КОА –** Комиссияи олии аттестатсионӣ

**ММД –** Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**УДНМ** – уҳдадориҳои давлатии номии молиявӣ

**БББ** – Банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**НТҶ** – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди ҷомеаи инсонӣ бо вазъи соҳаи маориф ва зинаҳои гуногуни таҳсилот робитаи ногусастанӣ дорад. Маориф неруи асосии рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа буда, ба инкишофи тамоюлоти мусбати онҳо таъсири назаррас расонида, мутахассисонро барои ҳалли масъалаҳои замони муосир омода месозад. Аз тарафи дигар, маҷмуи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, демографӣ ва ғайра, ки ҷомеа бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, дар соҳаи маориф инъикос меёбад. Дар маҷмуъ, маориф ҳамчун василаи бунёдии рушди мамлакат, ноилшавӣ ба сифати нави зиндагӣ хизмат мекунад.

Нақш ва аҳамияти соҳаи маорифро дар марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯ ба афзоиш ниҳодааст, бисёр муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст. Мавриди зикр аст, ки дар иқтисодиёти мамлакат дар марҳилаи нави рушд таваҷҷуҳи махсус ба роҳи инноватсионии рушд зоҳир карда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 таъкид карда мешавад, ки дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди босуботи мамлакат бидуни истифодаи навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ имконнопазир аст. Ба сифати омили асосии чунин тамсилаи инкишоф метавонанд сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии низомсози он – маориф ва илм ҳамчун шартҳои муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бошанд. Дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда нақши калидӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун бахши муҳимми иқтисодиёти мамлакат, ки он мустақиман ба тайёр намудани мутахассисони сатҳи миёна сару кор дорад, тааллуқ дорад.

Бояд зикр намуд, ки ҳолати муосири иқтисоди ҷаҳонӣ, тағйирёбии рушди илмию техникӣ, сатҳи муносиби донишҳо, маҳорат ва малакаҳоро дар захираҳои меҳнатӣ талаб мекунад. Маҳз дар шароити дигаргуниҳои амиқи илмиву техникӣ, иттилоотӣ ва технологӣ маориф ба омили иҷтимоию иқтисодӣ

мубаддал мегардад, ки хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории пешрафти иҷтимоии инсониятро муайян мекунад.

Феълан ислоҳоти бозорӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба муносибатҳои иқтисодӣ дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсир расониданд, ки боиси паст шудани самаранокии фаъолият, мушкилот дар самти татбиқи технологияи муосири таҳсилотӣ, дар умум муаммоҳои нав ба нав дар низоми идоракунии ин соҳа гардидаанд. Номукаммалии сиёсати давлатии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, маҳдудияти воситаҳо ва механизми муносиби таъмини рушди ин соҳаи муҳим зарурати таҳияи механизми махсуси танзими фаъолияти низоми таҳсилоти касбӣ ва идоракунии рушди онро тақозо мекунад. Бинобар ин, мубрамии мавзуи диссертатсия, талаботи воқеан мавҷудаи амалии соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои ин низом доир ба ҳаллу фасли масъалаҳои такмили механизми мавҷуда ва коркарди механизми нави рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳадаф, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян сохтанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ дар корҳои олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷие, ки бо масъалаҳои иқтисодиёти соҳаи маориф ва соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ машғуланд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар миёни олимон-иқтисодчиёни муосири хориҷӣ ба масъалаҳои рушди субъектҳои низоми таҳсилоти касбӣ таваҷҷуҳи калонро чунин олимон, ба мисли: Аллисон Г., Беккер Г., Берлинер Ҷ., Бойко М., Дорнбуш Р., Махлуп Ф., Самуэлсон П., Фишер С., Шмалензи Р.И., Аганбегян А.Г., Бочков В.С., Струмилин С.Г., Фокин О.И., Чепунов А.А. ва дигарон зоҳир кардаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаи рушди бахшҳои низоми таҳсилоти касбии мамлакат дар соҳа корҳои олимони ватанӣ, ба мисли Бегматов А.А., Ғафорзода Ҷ.Ғ., Катаев А.Х., Катаева З.А., Комилов С.Ҷ., Кошонова М.Р., Қодирова З.Ҳ., Қодиров Ш.Ш., Мирсаидов А.Б., Мирсаидов С.А., Рауфӣ А., Раҷабов Р.К., Рашидова Д.Ҷ., Сангинов Н.С.,

Факеров Ҳ.Н., Ҳабибов С.Ҳ., Ҷонмамадов Ш.Б., Шаропов Ф.Р., Шоев Н.Н. ва дигарон бахшида шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар адабиёти ватании иқтисодӣ таҳкурсии зарурӣ барои идома додани таҳқиқотҳо дар самти омӯзиши вазъи идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат, имкониятҳо, маҳдудиятҳои он ва заминаи асоснок кардани роҳҳои такмили механизми идоракунии рушди ин низом эҷод шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар корҳои олимон масъалаи омӯзиш ва таҳияи механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба сифати омиле, ки гузариши мамлакатро ба амсилаи рушди саноатӣ таъмин месозад, ҳанӯз ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои таъмини рушди сармояи инсонӣ ва соҳаи маориф, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самти муҳим муайян гардидааст, робита дорад.

Мавзуи таҳқиқотӣ ҳамчунин ба масъалаҳои марбут ба нақшаи дурнамои кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ “Механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2015-2022 иртибот дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳияи муқаррароти илмию назариявии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва асоснок намудани тавсияҳо ҷиҳати такмили ҷанбаҳои иқтисодию ташкилии он иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ кардани мақсади зикршуда, дар таҳқиқот иҷрои **вазифаҳои зерин** муҳим шуморида шуданд:

- омӯзиши нақш, мазмун ва сохтори маориф ва таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими хизматрасонии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ;

- ошкор намудани хусусият ва проблемаҳои ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- таҳлил ва арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- арзёбии вазъи таъмини захиравӣ ва таъсири омилҳо ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- таҳияи модели барномавию мақсадноки рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- асоснок намудани самтҳои асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва таҳияи модели такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Объекти таҳқиқот** низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии марбут бо истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар ин соҳа мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ марбут бо такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рушди муассисаҳои миёнаи касбӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба нақши баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар таъмини рақобатпазирии сармояи инсонӣ ва ба ин восита ба рушди иқтисодӣ асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои зарурӣ оид ба такмили низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба таъмини рушди иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия солҳои 2016-2022 дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** корҳои илмие ба ҳисоб мераванд, ки дар онҳо ҷанбаҳои назариявии шарҳу тавзеҳи низоми таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими хизматрасонии иқтисоди миллӣ, сохтори идоракунии рушди

низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳқиқи механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти касбӣ, таҳлил ва арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, арзёбии вазъи таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, таъсири омилҳо ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таҳия кардани диссертатсия методҳои гуногуни абстраксияи илмӣ, оморӣ, методҳои экспертӣ, таҳлили омилӣ ва усули экстраполятсия, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ муҳим мебошад, истифода карда шудаанд.

**Сарчашмаи иттилоотро** манбаъҳои иттилоотӣ ва омории расмӣ, хусусан, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо ташкил додаанд.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ манбаъҳои электронии шабакаи Интернет, маводи таҳқиқоти эмпирикӣ иттилооте мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар ҷараёни мониторинг ва коркарди иттилооти муассисаҳои соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба даст омадаанд. Як қатор тавсияҳои таҳияшуда дар натиҷаи ташкил ва гузаронидани пурсишҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ ба даст омадаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат иборат мебошад.

**Натиҷаҳои асосии илмие, ки аз ҷониби муаллиф ба даст омада, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Дар диссертатсия низоми маориф ва таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими хизматрасонии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ тавсиф дода шуда, таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун низоми ягона арзёбӣ гаштааст, ки дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он ниҳон аст ва дар мустақилияти нисбии низом, дар хусусияти хоси сохт ва вазифаҳои он, роҳи инфиродии рушд ифода ёфта, дар таркиб, сохтор, мақсаднокӣ муқаррар карда мешавад ва мавҷудияти тобеият

байни унсурҳои низом, зинанизомӣ, мураттаб будани онҳо, мавҷудияти алоқаҳои низом бо муҳити беруна зоҳир мешавад.

2. Муаяйн карда шудааст, ки низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тобеъ буда, аммо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки бо усулҳои гузориши мақсадҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва ноилшавӣ ба онҳо дар шароити мушаххаси раванди муташаккили таҳсилотӣ муайян шудаанд. Мутаносибан, ду объекти идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷудо карда шудааст: а) объекти идоракунӣ, равандҳои таҳсилотӣ ва шароити онҳоро таъминкунандаи барномавию методӣ, кадрӣ, моддию техникӣ, меъёрию ҳуқуқӣ; б) ба сифати объекти идоракунӣ худи тағйирот дар мазмун, ташкил ва технологияҳои раванди таҳсилотӣ, ки бо мақсади афзун гардонидани неруи таҳсилотӣ, баланд бардоштани самаранокии он хизмат мекунанд, ҷудо карда шудааст.

3. Дар асоси таҳлили вазъи муосири фаъолияти низоми таҳсилоти миёнаи касбии кишвар ва механизми идоракунии он муайян шудааст, ки айни замон тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва тағйир ёфтани сохтори иқтисодӣ дар саноат ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсири бевосита расонидаанд. Дар натиҷаи тағйироти мунтазам дар иқтисодиёт дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ равандҳои манфии зерин пайдо шуда, инкишоф ёфтаанд: а) нисбатан паст шудани сифати таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳои раванди таҳсилотӣ, маблағгузории нокифояи зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ; б) мувофиқат накардани низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба талаботи бозори меҳнат ва номутаносибии шумораи донишҷӯён вобаста ба ихтисосҳои мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ; в) сатҳи пасти ҳамгироии соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, илм ва истеҳсолот, тамоюли коҳиш ёфтани фаъолияти инноватсионии дохилимуассисавии иқтидори кадрӣ, набудани кори ҷиддии илмиву таҷрибавӣ бо донишҷӯён ва ғ.

4. Дар асоси таҳлили вазъи муосири низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ арзёбии вазъи таъмини захиравии низоми мазкур амалӣ гардонида шуда, омилҳои ба он таъсиррасон вобаста ба мазмуну мундариҷа, соҳаи

муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири арза ва тақозо, зинаҳои фаъолияти иқтисодӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ муайян ва асоснок карда шудаанд

5. Пешниҳод карда шудааст, ки дар марҳилаи нави рушди мамлакат зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ (БББ) асос меёбаду аз муносибати маҳдуди соҳавӣ даст кашида, таҳкими хусусияти байнисоҳавии он меафзояд, ба миён омадааст. Алгоритми таҳия ва амалисозии модели барномавию мақсаднок, ки аз пайдарҳамии марҳилаҳо иборат аст, пешниҳод шудааст.

6. Самтҳои асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ асоснок гардонида шуда, модели такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия шудааст. Модели идоракунии рушди инфрасохтори инноватсионӣ-таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва алгоритми татбиқи он аз марҳилаҳои мақсадгузорӣ, интихоби стратегияи рушди низом, таҳияи равандҳое, ки ба ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда нигаронида шудаанд, тамсиласозии ҷараёнӣ, ки ба таҳқиқи ҷараёнҳои молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва ва ғайраҳо нигаронида шудааст; роҳҳои такмили механизми идоракунии захиравии муассисаҳои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- пешниҳоди муқаррароти муаллифии мафҳуми низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун низоми ягона, ки дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он, созиши таркиб, сохтор ва мақсаднокӣ зоҳир мешавад.

- муаяйн кардани хусусият, мушкилот ва қонуниятҳои умумии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- муайян кардани тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва зарурати такмили идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ;

- ошкор намудани омилҳои ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсиррасон бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ;

- асоснок намудани зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низомҳои мураккаби таҳсилоти касбӣ;

- таҳияи модели идоракунии рушди инфрасохтори инноватсионӣ-таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ ва пешниҳоди алгоритми татбиқи он.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар рисола маҷмуи муқаррароти усулӣ таҳия шудааст, ки асосро барои ташаккули қарорҳои стратегӣ ва тактикии идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалие, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, дар раванди омодасозӣ ва хондани лексияҳо доир ба курси “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисоди таҳсилот”, “Менеҷменти инноватсионӣ” барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Минбаъд натиҷаҳои таҳқиқотро дар кори илмӣ доир ба мавзуи бо ҳам наздик истифода бурдан мумкин аст.

Механизми идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ба мақсад мувофиқ буда, метавонад зимни ташаккул ва такмили маҷмуи чораҳо оид ба баланд бардоштани мутобиқатнокии механизми танзими давлатии соҳаи таҳсилоти касбӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқу мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси

таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.02-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мутобиқ мебошад: 1.1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ умумимиллӣ; 1.2. Самаранокии иҷтимоӣ–иқтисодӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.4. Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиршавӣ ва фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.6. Механизми баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.7. Тамоюлоти муосири рушди шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.9. Асосҳои иқтисодии амалкард ва дастгирии давлатии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф мустақилона тавсияҳои усулиро доир ба такмили механизми идоракунии рушди низоми таҳсилоти касбӣ, алгоритмҳои паёпайи таҳияи стратегияи рушд ва механизмҳои ташкилию иқтисодӣ-иҷтимоии он пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллиф натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар семинарҳои илмӣ назариявии кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ, конференсияҳои илмӣ-амалие, ки ҳар сол (2016-2022) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шудаанд, гузориш додааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 167 саҳифаи матни компютерӣ, 28 ҷадвал ва 5 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якум “Асосҳои илмию назариявии рушди низоми таҳсилоти касбӣ дар шароити муосир” – низоми таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими соҳаи хизматрасонии иқтисоди миллӣ, мазмун ва сохтори идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм “Арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ” – таҳлили вазъи муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ, арзёбии вазъи таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, таъсири омилҳо ба рушди низоми миёнаи касбӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Дар боби сеюм “Самтҳои асосии такмили механизми рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ” – муносибатҳои барномавӣ – мақсаднок ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ – таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳияи амсилаи низоми идоракунии зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, мушаххас карда шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври мухтасар натиҷаҳо ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо нишон дода шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Низоми маориф ва таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ

Рушди ҷомеаи инсонӣ бо инкишофи соҳаи маориф робитаи ногусастанӣ дорад. Маориф нерӯи асосии тағйирдиҳандаи тамоми соҳаҳои ҳаёт буда, ба рушди тамоюли мусбати онҳо таъсири ҳалкунанда расонида, насли наврасро ба ҳалли масъалаҳои замони муосир омода месозад. Аз тарафи дигар, маҷмӯи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, демографӣ ва ғайра, ки ҷомеа бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, дар соҳаи маориф инъикос меёбад. Дар маҷмӯъ, низоми маориф ҳамчун василаи бунёдии рушди мамлакат, ноилшавӣ ба сифати нави зиндагӣ хизмат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки баланд бардоштани сатҳи таҳсилот ва омодагии касбии аҳолӣ шарти асосии танзими сохтории иқтисодиёт ва таъмини рушди иқтисодӣ мебошад. Назарияи иқтисодӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ аз мавҷудияти робитаи мустақим байни сармоягузорӣ ба омодасозии кадрҳо ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ гувоҳӣ медиҳад. Мувофиқи Консепсияи рушди устувор, ки онро Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар “Эъломия оид ба ҳуқуқ ба рушд”[1] – и қабулшуда (1985) пешниҳод намудааст, маориф, илм ва фарҳанг ҷузъи муҳимтарини сармояи миллии кишвар мебошанд. Маҳз ин се ҷузъ ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди иқтисодӣ баррасӣ мешаванд.

Дар асарҳои олимони амрикоӣ Ҷ. Грейсон ва К. О'Делл вобастагии рушди босуръати иқтисодии ҷомеа аз раванди таҳсилот асоснок карда шудааст. Ҳамин тавр, дар асари онҳо оварда шудааст, ки «...маориф бо рақобатпазирӣ мустақиман алоқаманд аст. Ҳеҷ як ҷомеа наметавонад бидуни ашёи хоми баландсифат маҳсулоти баландсифат дошта бошад. Маориф «сармояи инсонӣ»-ро ба вуҷуд меорад, ки якҷоягӣ бо “сармояи ҷисмонӣ” афзоиши ҳосилнокӣ

---

[1] Декларация о праве на развитие – https: // www.un.org /ru/documents/decl _conv/declarations/right _to_ development.shtml

сифатро таъмин мекунад. Ин ҳамеша дуруст буд, аммо барои иқтисодиёти ҷаҳони аз ҷиҳати техникӣ мураккаб дучанд дуруст аст”[2]. Маҳз дар робита бо тақвият ёфтани вазифаи маориф мафҳуми “сармояи инсонӣ” серистеъмол гардид, мавқеи васеъро консепсияи муосири донишҳои иқтисодӣ касб намуд, ки дар самаранокии баланди шахсӣ ва ҷамъиятии сармоягузориҳо ба захираҳои инсонӣ асос ёфтааст.

Самти илми неоклассикии иқтисодии марбут бо шарҳи илмии ин масъалаи мураккаби ичтимоию иқтисодӣ *назарияи сармояи инсонӣ* мебошад. Асосгузорони он иқтисодчиёни муосири амрикоӣ, барандагони ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисод Г.Беккер ва Т.Шултс мебошанд[3].

Хизмати бешубҳаи назарияшиносони сармояи инсонӣ аз эътирофи нақши аввалиндараҷаи инсон дар рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ иборат аст. Паҳншавии васеи ин назария дар Ғарб ва пайдоиши шумораи зиёди ҷонибдорони он аз он иборат аст, ки ҷузъи асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ – омили инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ин бо нақши афзояндаи маориф, ки ба манбаи асосии ташаккули нерӯи кории хеле рушдёфта табдил ёфтааст, алоқаманд аст.

Воқеан, муносибати иқтисодӣ ба инсон, ки дар доираи консепсияи сармояи инсонӣ инкишоф дода мешавад, дар амалияи хоҷагидории бозории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода мегардад. Аксари иқтисодчиён имрӯз сармоягузориҳоро ба соҳаи маориф ҳамчун намуди муҳими маблағгузориҳо ва яке аз манбаъҳои асосии зиёд кардани боигарии миллӣ баррасӣ менамоянд[4].

Нақши афзояндаи маориф дар рушди иқтисодӣ бо тағйироти ҷиддӣ дар ҳамкории ду омили истеҳсолот: *субъективӣ* ва *объективӣ* алоқаманд аст. Табдили омили инсонӣ ба нерӯи пешбар ва муайянкунандаи истеҳсолкунанда нисбат ба омили моддӣ аз миёнаҳои асри XX инчунин ба он сабаб сурат гирифта истодааст, ки “фосилаи замонӣ”, яъне фосила дар миқдори солҳои

---

[2] Грейсон, Дж., О'Делл К. Американский менеджмент на пороге XXI века [Текст] / Дж. Грейсон, К. О'Делл: Пер. с англ. - М.: Экономика, 1991. – С. 212. (319 с.)

[3] Беккер Г. Человеческий капитал: теоретический и эмпирический анализ, - 1964 г.; 130. Schultz T. Investment in Human Capital. // "Economic Growth - an American Problem", Englewood Cliffs, 1964.

[4] Мирсаидов А.Б. Институциональние аспекты инновацинного развития учреждений социального сектора экономики // Экономика Таджикистан, 2017. - №.2. – С. 39 - 51.

барои иваз кардани технологияҳо ва тайёр кардани кадрҳо барои онҳо зарур ба тарафи баръакс тағйир ёфтааст.

Қаблан, тағйироти техникии истеҳсолоти ҷамъиятӣ тақрибан дар ҳар 35 то 40 сол ба амал меомад ва аз ин рӯ донишҳои дар донишгоҳҳо ба даст овардашуда тақрибан дар тамоми ҳаёти ояндаи мутахассис кифоя буданд. Ҳамзамон, ба ҳисоби миёна барои таълим 6-8 сол кофӣ буд. Дар шароити муосир давраи миёнаи навсозии технология то 4-5 сол ва дар баъзе соҳаҳо то 2-3 сол кам шудааст, дар ҳоле ки талабот ба навсозӣ асосан на бо фарсудашавии ҷисмонӣ, балки маънавии таҷҳизот вобаста аст. Муҳлати тайёр кардани мутахассисони баландихтисос бошад, то 10-12 сол ва зиёда аз он боло рафтааст.

Далели он, ки истеҳсолоти муосир сатҳи баланди таҳсилот, дониш ва фарҳанги кормандонро талаб мекунад, ба мо имкон медиҳад, ки мавҷудияти тамоюли «зеҳнисозии иқтисод» ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоиро шарҳ диҳем. Ин раванд бо ду роҳ зоҳир мешавад: аз як тараф, нақши чунин соҳаҳои иҷтимоӣ, ба монанди маориф ва илм меафзояд; аз ҷониби дигар, аҳамияти фаъолияти зеҳнӣ дар дохили дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ меафзояд. Ҳар ду ин тамоюлҳо ба ташаккул ва такмили нерӯи таҳсилотӣ, касбӣ, илмӣ ва маънавии ҷомеа мусоидат намуда, ҳоло ба омилҳои муҳимтарини рушди иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал гардидаанд.

Ба туфайли рушди ин раванд афзоиши мунтазами сатҳи таҳсилотӣ ва фарҳанги кормандон ба шарти зарурии мутобиқгардонии онҳо ба шароит ба таври динамикӣ тағйирёбандаи меҳнат табдил меёбад. Навсозии мунтазами технологияҳо ва техника на танҳо дониш ва малакаҳои илми мувофиқ, балки инчунин омодагии психологӣ барои қабули қарорҳо, амалҳо дар шароити ғайристандартӣ, муносибати эҷодкорона, фаъолона ба кор ва қобилияти ба уҳда гирифтани масъулиятро барои қарорҳои қабулшавандаро талаб мекунад.

Бояд қайд кард, ки самти нави илмӣ – иқтисоди соҳаи маориф самараи баланди сармоягузориҳоро ба таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ҳам барои ҷомеа, ҳам барои корманди алоҳида собит сохт. Ба самти асосии сиёсати иқтисодии сохтории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таваҷҷуҳ ба ташаккули иқтисодиёти сифатан нав – *иқтисоди ба дониш асосёфта (knowledge-based economy)* табдил

меёбад. Дар баробари ин, диққати асосӣ ба ҳавасмандгардонӣ, аввалан, инкишофи бахши соҳаҳои илмғунҷоиш, ки техникаи пешрафта истеҳсол мекунанд, ва дуввум, ба истифодаи васеи он дар ҳама дигар бахшҳои иқтисодиёт нигаронида шудааст. Дар маркази таваҷҷуҳи иқтисоди ба дониш асосёфта на танҳо ҳамаи ҷузъҳои ҳалқаи даври илмию техникӣ – аз таҳқиқоти бунёдӣ то истеҳсоли намунаҳои нави маҳсулот ва технология, балки инчунин расонидани онҳо то истифодаи саноатӣ ва татбиқи тиҷоратӣ дар бозори дохилӣ бо дастгирии минбаъдаи давлатии содироти он қарор доранд.

Таҳқиқоти илмӣ, ки дар самти иқтисоди таҳсилот гузаронида шудаанд, имкон доданд, ки як қатор нуктаҳои муҳим муайян карда шаванд. Сармоягузорӣ ба маориф ҳам дар микро-, ҳам дар макросатҳ қонуни коҳиши самаранокӣ пайваста бо афзоиши хароҷот ба сифати қонунияти умумии арзи ҳастӣ дорад. Ҳамчун таҷассуми мушаххаси ин андешаро коҳишёбии вазни қиёсии боздеҳи иҷтимоии маориф дар мавриди афзоиши даромади миллӣ ҳисобидан мумкин аст. Ба сифати мисоли бевосита фарқияти назаррас дар таъсир аз маблағгузориҳои молиявӣ ба маориф дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ва дар кишварҳои ҷаҳони сеюм хизмат мекунад.

Сababи равшани қонунияти мазкур қоидаи боздеҳи бештари хароҷоти аввалия дар муқоиса бо хароҷоти миёна ё ниҳоӣ мебошад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо далелҳои дигар низ мавҷуданд. Масалан, муаллифони ҷудогона дар асоси маълумоти васеи эмпирикӣ дар бораи коҳишёбии меъёри боздеҳи иҷтимоии маориф ба қадри баландшавии сатҳи рушди кишвар дар натиҷаи афзоиши хароҷоти умумӣ ба таҳсилот хулоса баровардаанд[5]. Илова бар ин, меъёри боздеҳ бо баландшавии сатҳи таҳсилот кам мешавад. Сababи ин миқдори хароҷот мебошад: таҳсилоти донишгоҳӣ ба ҳисоби як донишҷӯ, назар ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна ба ҳисоби ба як хонанда хеле гаронтар аст.

Тамоюли пастшавандаи ҳосилнокии сармояи инсонӣ ҳамчун падидаи ҷузъии қонуни умумии коҳиши боздеҳи захираҳо паёмадҳои назаррасро барои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба бор меорад. Аз ҷумла, ин падида маънои онро дорад, ки ба даст овардани саводнокии умумӣ

[5]Джуринский А.Н. Интернационализация высшего образования в современном мире // Педагогика. - 2004. -№3. – С. 83 - 92.

нисбат ба таълими як гурўҳи одамон зимни ҳузури аксарияти аҳолии бесавод ба ҷомеа самараи назаррастари иқтисодиро меорад. Воқеан, ба истифодаи маҳз ҳамин қонуният сиёсати инқилоби фарҳангӣ, ки дар кишвари мо дар даҳсолаҳои аввали ҳокимияти шўравӣ татбиқ гардид, нигаронида шуда буд. Миллате, ки дар он ҳама хондан ва навиштанро метавонанд, дар дурнамои дарозмуддат аз ҷиҳати техникӣ аз миллате, ки дар он аксарияти аҳолӣ бесавод аст, гарчанде шахсиятҳои алоҳида нобиға ҳастанд, пеш меравад.

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон боздеҳи иҷтимоии таҳсилоти миёна тақрибан 10 %, олӣ – 8% - ро ташкил медиҳад. Арзишҳои дахлдор барои кишварҳои тараққиёбанда дар сатҳи 25% ва 15% лаппиш мехўрад. Ҷолиб он аст, ки як қатор сохторҳои ҳукуматии кишварҳои Ғарб ҳангоми арзёбии лоиҳаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нархҳои равшан ё ҳисобии меъёри боздеҳи аз 8% пастро истифода мебаранд[6].

Айни замон соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҷаҳонии таҳсилот шомил шуда, ба ниҳоди калонмиқёс табдил ёфта истодааст, ки тавассути он таҳаввулоти бозории ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа сурат мегирад. Дар тўли солҳои соҳибистиқлолӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ дигаргуниҳои сохтории сифатан нав сурат гирифтанд, ки ногузир дар стратегияи низоми миллии маориф инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, бо таҳаввулоти иқтисодиёти кишвар принсипҳои асосии ислоҳоти маориф ба сатҳи демократикунонӣ, бисёрвариантӣ, омода будан ба инноватсияҳо, бефосилагии таълим, хусусияти таҳсилоти онро рушддиҳанда ва ғайра муайян карда шудаанд.

Тағйироти идомаёбандаи сохторӣ дар низоми маорифи ватанӣ аз равандҳои воқеӣ ва объективие, ки дар ҷомеа сурат мегиранд, сарчашма мегиранд. Дар кишвар тамоюли гирифтани сатҳи баланди таҳсилот ба мушоҳида мерасад. Ин натиҷаи пайдошавии ҳавасмандии нав дар рафтори аҳолӣ мебошад, ки бо арзёбии таҳлилии даромад аз чунин навъ сармоягузориҳо ба соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, сабаби афзоиши сармоягузориҳо ба соҳаи маориф ва баландшавии нуфузи таҳсилот дар ҷумҳурӣ дар шароити муосир аз он иборат аст, ки одамон имкониятҳои нави гирифтани манфиатҳои

[6]Джуринский А.Н. Интернационализация высшего образования в современном мире // Педагогика. - 2004. - №3. – С. 83 - 92.

иловагиро аз таҳсилот ҳам дар ҷанбаи моддӣ ва ҳам маънавӣ дарк кардаанд. Афзоиши ҳаҷми талабот ё дархости аҳолӣ ба таҳсилот ва хизматрасониҳои таълимӣ, албатта, бо беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ, афзоиши даромади аҳолӣ алоқаманд аст. Дар навбати худ, зиёдшавии ҳаҷми талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати таҳсилот рушди дигаргуниҳои бозориро дар соҳаи маориф, тиҷоратишавии фаъолияти муассисаҳои субъектҳои ин соҳа муайян карда, ҳамзамон таъминоти молиявии онҳоро беҳтар сохт.

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи маориф ва ҷалби хизматрасониҳои таълимӣ ба доираи манфиатҳои иқтисодӣ истеҳсолкунандагони онҳоро ба татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ, ки ҳамзамон бозори хизматрасониҳои таҳсилотии онҳоро васеъ мекунад, ҳавасманд месозад[7]. Ҳамин тариқ, маориф ба яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасонӣ табдил меёбад (ҷадвали 1.1.) .

**Ҷадвали 1.1. - Нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи маориф дар низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | Хизматрасониҳои пулакии таълимӣ, млн. сомонӣ | Ҳаҷми хизмат-расониҳои пулакии таълимӣ нисбати даромади пулии аҳолӣ, бо фоиз (%)* | Ҳаҷми хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли ММД, млн. сомонӣ | Ҳиссаи хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли ММД, бо фоиз (%)* |
|---|---|---|---|---|---|
| 2014 | 24196,5 | 903,4 | 3,7 | 1878,4 | 4,1 |
| 2015 | 25569,8 | 990,2 | 3,87 | 2522,7 | 4,9 |
| 2016 | 31373 | 1173,8 | 3,7 | 2871,3 | 5,2 |
| 2017 | 37247,5 | 1354,8 | 3,6 | 3022,7 | 4,7 |
| 2018 | 41083,9 | 1576,5 | 3,8 | 3256,3 | 4,6 |
| 2019 | 47986,3 | 1761,1 | 3,67 | 3752,6 | 4,7 |
| 2020 | 65347,0 | 1841,1 | 2,82 | 4086,8 | 4,9 |
| 2021 | 80508,8 | 2125,2 | 2,64 | 5923,9 | 6,0 |
| Соли 2021 нисбати соли 2014, маротиба | 3,33 | 2,35 | - | 3,15 | - |

**Сарчашма:** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2022. – ҶДММ “ЭР-граф”. – С. 11; 216-217; 357.* Ҳисобҳои муаллиф.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 1.1. бармеояд, бо афзоиши ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таълимӣ низ зиёд

[7] Мирсаидов А.Б. Особенности формирование цена спроса на рынке высшего профессионального образования// Альманах, научный журнал РФ, 2014, № 2. – С. 43.

шудааст. Дар давраи соли 2014 то соли 2021 ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ аз 24196,5 млн. сомонӣ то 80508,8 млн. сомонӣ ё зиёда аз 3,33 маротиба зиёд шудааст. Мутаносибан, ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таълимӣ аз 903,4 млн. сомонӣ то 2125,2 млн. сомонӣ, яъне 2,35 маротиба зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои таълимӣ аз суръати афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ пеш рафта истодааст. Вазни холиси он дар ҳаҷми даромадҳои пулӣ ба ҳисоби миёна 2,64 % - ро ташкил медиҳад.

Чӣ тавре, ки дар боло ишора намудем, дар замони муосир иқтисоди соҳаи маориф, бахусус соҳаҳои таҳсилоти касбӣ ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст ва саҳми он дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат сол аз сол афзуда истодааст.

Аз рӯи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2021 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамалакат аз 45606,6 то 98910,7 млн. сомонӣ афзудааст, яъне беш аз 2,17 маротиба зиёд шудааст ва ё суръати афзоиши он ба ҳисоби миёна дар 7 соли охир зиёда аз 7%-ро ташкил дод[8]. Ҳамин тавр, дар давраи таҳлилшаванда, ҳаҷми хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 1878,4 то 5923,9 млн. сомонӣ ва ё 3,15 маротиба зиёд шудааст. Вазни холиси он дар ММД-и ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 5,9 %-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ бозори хизматрасониҳои таълимӣ ташаккул ёфта истодааст, ки ба тамоюлоти ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад. Аз нуқтаи назари сохтори иқтисодиёт соҳаи маориф ба бахши истеҳсолоти ғайримоддӣ мансуб аст, ки ҳиссаи он дар кишварҳои пешрафта аз 50% баланд буда, ин соҳа аз ҷиҳати шуғли аҳолӣ сершумортарин соҳа маҳсуб меёбад.

Бояд қайд кард, ки принсипҳои муосири ислоҳоти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ҳамчун соҳаи иқтисодиёт таҷассуми худро ҳам дар фаъолияти муассисаҳои давлатии таҳсилотӣ, ҳам дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатӣ ёфтаанд, ки дар шароити ташаккули низоми

[8]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2022. – ҶДММ “ЭР-граф”. – С. 213.

бозории иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд. Нақши махсусро дар татбиқи ин принсипҳо ташкили муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии инноватсионӣ, литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимӣ-озмоишгоҳҳо ва ғайра мебозанд. Айни замон барномаҳои инноватсионӣ ва махсуси муаллифии таълим зимни нигоҳдори ҳамзамон ҳамаи чизи беҳтарин аз таҷрибаи қаблан андӯхташуда паҳн гардида истодаанд. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки алоқаҳо ва ниҳодҳои иҷтимоиро дар вақт ва фазо тавсеа бахшида, амиқ месозад, инчунин дар соҳаи маориф низ инъикос меёбад, ки дар натиҷаи он симои нави маорифи миллӣ ба ташаккулёбӣ оғоз мекунад. Маориф ба соҳаи хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мансуб буда, дорои таъсири муҳими самараи берунии мусбат ба ташаккулёбии ҳам шахсияти алоҳида, ҳам сармояи инсонӣ ва ҷомеа дар маҷмӯъ таъсир мерасонад. Истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ бевосита ба инсон нигаронида шуда, натиҷаҳои ниҳоии таъсири онҳо дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ буда, на танҳо дар баланд шудани сатҳи таҳсилот ва фарҳанги аҳолӣ зуҳур меёбад, балки инчунин ба омили асосии инкишофи иқтисодии мамлакат табдил меёбад.

Хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз он иборатанд, ки муносибатҳои бозорӣ дар ин соҳа дорои хосияти маҳдуд мебошад. Ҳар гуна субъекти соҳаи маорифро дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун як навъ корхона тасаввур кардан мумкин аст, ки натиҷаи он истеҳсоли хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун неъматҳои беназири иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Донишҳое, ки дар ин раванд аз ҷониби хонанда ба даст оварда мешавад, бояд ҳамчун василаи истеҳсолот, олоти меҳнат баррасӣ шавад, ки дорандаи он минбаъд фоидаҳои иқтисодӣ ба даст оварда, дар айни ҳол, барои худ сатҳи сазовори зиндагиро таъмин менамояд. Раванди таҳсилотӣ-истеҳсолотӣ ба монанди соҳаҳои дигари истеҳсолоти воқеӣ истифодаи қувваи корӣ, воситаҳои техникӣ, мавод, нерӯ, хизматрасониҳои гуногунро пешбинӣ менамояд. Ҳамаи ин хароҷот ва кӯшишҳои марбут бо истеҳсоли маҳсулоти таҳсилотӣ дорои арзиш мебошанд. Дар робита ба он, ки маҳсули таҳсилотӣ дорои қобилияти қонеъгардонии талабот на танҳо инсони алоҳида, балки

инчунин аъзои дигари ҷомеа мебошад, яъне дорои хусусияти на инфиродӣ, балки ҷамъиятӣ мебошад, аксар вақт дар бораи арзиши талаботӣ ҳарф мезананд. Умуман, хизматрасонии таълимӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун моли махсус баромад карда, мушаххасоташ аз он иборат аст, ки дар раванди истеъмоли он ҳамчун неъмати иқтисодӣ фоидаро на танҳо истеъмолкунандаи бевосита (баланд шудани сифат ва сатҳи сармояи инсонӣ), балки инчунин иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмӯъ ба даст меоранд. Бинобар ин, бозор дар соҳаи маориф дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад.

Тавре дар боло зикр гардид, маориф наметавонад танҳо мантиқи иқтисоди бозориро пайгирӣ намояд, зеро аҳамияти аввалиндараҷаи маориф аз арзиши ҷамъиятии он низ иборат аст. Аз ин рӯ, механизмҳои бозорӣ дар соҳаи маориф дахолати ҳатмии давлатро талаб карда, танзими соҳаи маориф авлавияти муҳимтарини давлат маҳсуб меёбад. Дар робита бо хусусиятҳои дар боло зикргардида ва махсусияти истеъмол ва истеҳсоли хизматрасониҳои таълимӣ, гуфтан мумкин аст, ки амсилаи стандартии бозори хизматрасониҳои таълимӣ вуҷуд надорад. Маориф ва хизматрасониҳои таълимӣ ба доираи неъматҳои ҷамъиятӣ ва ба таркиби бахши ҷамъиятии иқтисодиёт дохил мешаванд. Дар ин бахши муносибатҳои бозорӣ онҳо дорои хусусиятҳои хос мебошанд.

Намояндагони “назарияи интихоби ҷамъиятӣ” (public choice) Ҷ. Бюкенен ва Г.Таллок қайд мекунанд, ки дар бозори давлатӣ, ба монанди бозори хусусӣ-капиталистӣ, ҳамкории талабот ва пешниҳодоти фардҳо сурат мегирад. Вале он дар шакли махсус сурат мегирад. Ин хусусияти хос аз он иборат аст, ки ҳамкории талабот ва пешниҳод дар чаҳорчӯби низоми сиёсӣ ба амал меояд. Сиёсат бошад, ба ақидаи онҳо, раванди мураккаби мубодила, вале ба бозорӣ мушобеҳ мебошад[9]. Талаботро ба ин неъматҳо аҳолӣ тавассути намояндагони расмии худ дар мақомоти қонунбарори ҳокимият, бо пардохти он тавассути андозҳо пешниҳод менамояд, ин молҳоро бошад, мақомоти давлатӣ бо

[9] Бьюкенен, Дж. Расчет согласия. Логические основания конституционной демократии / Дж. Бьюкенен, Г. Таллок // Муниципальная экономика. - 2014. № 1. – С. 2 - 14.

дарназардошти имкониятҳои молиявии давлат пешниҳод менамоянд. Маҳз ҳукумат ҳаҷми молҳои пешниҳодшаванда, намудҳо ва сифатҳои онҳо, инчунин андозсупорандагони мушаххасро, ки барои истеъмоли онҳо пул ворид месозанд, муайян мекунад.

Дар низоми маорифи миллӣ фаъолияти якчанд зинаҳои таҳсилот, ба монанди томактабӣ, умумӣ, иловагӣ, ибтидоӣ, миёна, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ҷойгоҳи махсуси худро дар ташаккули шахсият ва сармояи инсонӣ дорад. Зинаи асосӣ (асосӣ)-и таҳсилот, пеш аз ҳама, ба рушди умумии шахсият, ташаккули насли нави одамон барои дохил шудан ба соҳаи меҳнати аз ҷиҳати ҷамъиятӣ фоиданок нигаронида шудааст. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳсилоти асосӣ ҳатмӣ мебошад. Ин барои он зарур аст, то ки ҳуқуқи ҳар як узви ҷомеа ба таҳсилоти асосӣ кафолат дода шавад. Аз ин рӯ, давлат кӯшиш мекунад, то ки онро барои ҳамаи аъзои ҷомеа ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ дастрас намояд. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар соҳаи маориф бахши давлатӣ мавқеи афзалииятнокро ишғол менамояд. Давлатҳо бо такя ба захираҳои иқтисодии худ кӯшиш мекунанд, ки барномаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳими рушдро дар соҳаи маориф таҳия ва татбиқ намуда, ҳамзамон манфиатҳои миллатро дар соҳаи мазкури хизматрасониҳои иҷтимоӣ воқеан таҷассум намоянд.

**Ҷадвали 1.2. - Динамика ва сохтори буҷети соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 ба 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳароҷот, ҳамагӣ | 3146,2 | 3581,2 | 3863,0 | 4404,9 | 5004,7 | 5597,1 | 177,9 |
| Дар %; ба ММД | 5,5 | 6,1 | 6,3 | 6,3 | 5,7 | 6,0 | 0,5 бф |
| Дар % ба буҷети давлатӣ | 16,9 | 18 | 18,4 | 18,4 | 19,0 | 19,9 | 3 бф |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Таҳсилоти томактабӣ | 129,7 | 201,8 | 241,2 | 267,2 | 299,2 | 396,3 | 305,5 |
| Таҳсилоти миёнаи умумӣ | 1951,9 | 2101,3 | 2338 | 2596,2 | 2838,6 | 3103,5 | 158,9 |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 58,6 | 59,6 | 63,1 | 68,5 | 75,5 | 81,5 | 139,1 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 100,2 | 140,2 | 146,8 | 176,9 | 222,4 | 260,9 | 260,3 |
| Таҳсилоти олӣ | 556,2 | 632,8 | 606,1 | 716,5 | 781,5 | 975,6 | 175,4 |

**Сарчашма:** Маълумотномаи омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2021. С. 221.

Тавре маълумоти ҷадвали 1.2 гувоҳӣ медиҳанд, дар шаш соли охир, яъне давраи аз соли 2016 то соли 2021 маблағгузорӣ ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ зиёд шудааст. Дар давраи мавриди таҳлил ҳаҷми маблағгузории давлатӣ аз 3146,2 то 5597,1 млн. сомонӣ ва ё 77,9% зиёд шудааст. Афзоиши баландтарини маблағгузорӣ ба таҳсилоти асосӣ, яъне ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ ба мушоҳида мерасад: он мутаносибан зиёда аз 3 ва 2,6 мартиба афзоиш ёфтааст. Дар давраи баррасишаванда ҳаҷми маблағгузории давлатӣ, инчунин ба бахши таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва ба соҳаи таҳсилоти олӣ зиёд шуд.

Ҳамин тариқ, бо таҳким ёфтани иқтисоди кишвар ва мутаносибан зиёдшавии ҳаҷми буҷети давлатӣ тамоюлоти афзоиши устувори маблағгузорӣ ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад. Бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат на танҳо дастгирии молиявии субъектҳои соҳаи маорифро амалӣ месозад, балки инчунин нақши маркази ҳамоҳангсоз ва танзимкунандаи фаъолияти низоми маориф ва робитаи онро бо соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба бозори дохилӣ ва берунаи меҳнат мебозад.

Бо ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ сатҳи нигоҳдории инҳисори давлат дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ, ки дорои самтнокии иҷтимоӣ мебошад, фаъолнок мешавад. Айни замон дар баробари бахши анъанавии давлатӣ инчунин бахши бозаргонии таҳсилотӣ рушд ёфта истодааст. Ба ташаккули ин бахш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ибтидо гузошт. Дар моддаи 43 – уми ин Қонун таъкид шудааст, ки “ба муассисаҳои таълимӣ мустақилияти молиявӣ ва хоҷагӣ дар ҳудуди воситаҳои ҷудошуда ва воридшуда аз манбаъҳои дигар пешниҳод карда мешавад. Муассисаи таҳсилот ҳуқуқ дорад, ки тибқи тартиб аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардашуда воситаҳои иловагии молиявӣ, аз ҷумла асъориро аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасониҳои пулакии иловагӣ ва фаъолияти дигар, ки аз ҷониби оинномаи он пешбинӣ шудааст, инчунин аз

ҳисоби эҳсонкорӣ ва ҳақпулиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ ҷалб намояд[10].

Дар шароити нави хоҷагидорӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон стандартҳои давлатии таҳсилоти сифати хизматрасониҳои таҳсилотиро муқарар намуда, мутобиқати онро ба стандарт назорат карда, шаклҳои гунонуни таҳсилотро дастгирӣ намуда, тадбирҳоро оид ба нигоҳдории кафолатҳо ба гирифтани таҳсилоти ройгон меандешад.

## 1.2. Мазмун ва сохтори низоми идоракунии рушди таҳсилоти касбӣ

Мафҳуми низоми таҳсилоти касбӣ аз ибтидо дар робита бо таҳқиқоти таҳсилоти касбӣ ҳамчун ҷузъи низоми маориф ба вуҷуд омада, минбаъд барои маънидоди зернизоми иқтисодиёт, ки барои афзоиши самаранокии сармояи инсонӣ ҳудуди муайян ҷавобгӯ буд, мавриди истифода қарор гирифт[11]. Ба андешаи мо, фаҳмидани низоми таҳсилоти касбӣ бидуни истифодаи муносибати низомӣ имконнопазир аст.

Дар ин робита, дар ибтидо ба мафҳуми низом равшанӣ меандозем. Асосгузори назарияи низомҳо Людвиг Фон-Берталанфи низомро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои бо ҳамдигар якҷоя амалкунанда ё ҳамчун маҷмӯи унсурҳое таъриф мекард, ки бо ҳамдигар ва бо муҳит дар муносибатҳои муайян қарор доранд[12].

А. Холл низомро ҳамчун маҷмӯи ашёҳо бо робитаҳо байни ашёҳо ва аломатҳои онҳо таъриф мекунад[13].

Дар аксари таърифот дар ин ё он шакл дар бораи он гуфта мешавад, ки низом – ин унсурҳо ва робитаҳо (муносибатҳо) байни онҳо мебошанд. Дар

---

[10]Закон Республикеи Таджикистан «Об образовании»//Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 год, №3, ст.81; № 5, ст. 336; №7-8, ст. 500)

[11] Адарина Р.Т., Тонжеракова А.А. Методологические основыструктурного анализа региональной системы профессионального образования // Теория и практика общественного развития. - 2013. -№ 9. Режим доступа: http://teoria-practica.ru/-9-2013/economics/adarina- tonzherakova.pdf

[12]L. von Bertalanffy, General System Theory—A Critical Review, «General Systems», vol. VII, 1962, p. 1—20. Перевод Н. С. Юлиной

[13] Анализ концепций общей теории систем /http://www.monographies.ru/16-410.

китоби “Назарияи умумии низомҳо” М.Месарович ва Я.Такахара низомро ҳамчун “алоқаи мутақобилаи расмӣ байни аломатҳо ва хосиятҳои мушоҳидашаванда” таъриф мекунанд[14]. Баъдан дар таърифоти низом мафҳуми таъйиноти мақсаднок ва функсионалии низом пайдо мешавад. Ба таърифи мафҳуми низом дар қатори унсурҳо, алоқаҳо ва хосиятҳо ва мақсадҳои онҳо ба дохил кардани ҳамкорӣ бо омилҳои беруна шурӯъ мекунанд.

Ҳар гуна унсур (масалан, таҳсилоти касбӣ дар низоми маориф) – ро ҳамчун низоми мустақилонаи тартиби пасттар баррасӣ кардан мумкин аст, ки қисми вазифаҳои ноилшавиро ба мақсади тамоми низом иҷро мекунад. Зери вазифа (функсия) муносибатҳои моддӣ ва иттилоотӣ байни равандҳои воридшаванда ва хориҷшаванда фаҳмида мешавад. Агар чунин унсури низом дорои сохтори худи дохилӣ бошад, яъне аз унсурҳои оддие иборат бошад, ки бо алоқаҳои дохилии худ муттаҳид шудаанд, пас онро зернизом меноманд. Мавҷудияти мақсади амал кардани низом алоқаҳои мутақобиларо байни унсурҳо ва низом, ва ин бавуҷудоии сохтори низом, ташкили онро муайян мекунад. Ин раванд бо тақсимоти вазифаҳо байни унсурҳои алоҳидаи сохторӣ ва ҷудокунии қисмҳои махсус – зернизомҳои идоракунӣ ҳамроҳӣ мекунад[15].

Бинобар ин, таҳсилоти касбӣ ҳамчун низоми ягона бо хусусиятҳои ба он хос рушд меёбад. Мувофиқи хулосаҳои Ю.А. Конжаревский, ягонагии низом дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он ниҳон буда, дар мустақилияти нисбии низом, дар хусусияти хоси сохт ва вазифаҳои он, роҳи инфиродии рушд ифодаёфта, дар таркиб, сохтор, мақсадноки муқаррар кардашуда, мавҷудияти тобеият байни унсурҳои низом, зинанизомӣ, мураттаб будани онҳо, мавҷудияти алоқаҳои низом бо муҳити беруна зоҳир мешавад[16].

Мақсади фаъолияти низоми муосири таҳсилоти касбиро ба тариқи зайл: рушди сармояи инсонӣ дар асоси тайёркунии кадрҳо мувофиқи талаботи иқтисоди миллӣ, бозор, инчунин қонеъгардонии талаботҳои таҳсилотӣ ва

[14] Месарович М., Такахара Я.Общая теория систем: математические основы: Пер. с англ., 1978. – С. 211 (312 с.)
[15] Ерохина, Е.А. Теория экономического развития: системно-организационный подход. - Томск: Изд-во Том. ун-та, 1999.
[16] Конаржевский, Ю. А. Системный подход к анализу воспитательного мероприятия: учебное пособие по спецкурсу / Ю. А. Конаржевский. -Челябинск: Челяб. ГПИ., 1980. – С. 93.

касбии инсон ифода кардан мумкин аст. Мақсади мазкур фаъолияти низоми таҳсилоти касбӣ сохтори аз ҷиҳати қонунӣ муқарраршудаи онро дар сатҳи миллӣ муайян намуд, ки аз як қатор зернизомҳо: таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти иловагии касбӣ ва таълими касбӣ, инчунин зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ иборат аст.

Дар доираи муносибати низомӣ муайян кардан мумкин аст, ки тағйирёбии мақсад – ин сарчашмаи дигаргуншавии худи низом мебошад. Тафовути асосии фаъолияти низоми таҳсилоти касбӣ аз низоми қаблан эъломшуда аз он иборат аст, ки тайёркунии кадрҳо на танҳо аз рӯи самтҳои асосии фаъолият аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муфид амалӣ гардонида шуда, ба қонеъгардонии талаботи шахсият дар амиқсозӣ ва тавсеаи таҳсилот нигаронида шудааст, балки инчунин аз он иборат аст, ки он мутобиқи талаботи иқтисоди миллӣ ва дар чаҳорчӯби ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии рушди мамлакат амалӣ гардонида мешавад.

Фарқгузории таълими касбӣ ва таҳсилоти иловагии калонсолон, ки имконияти татбиқи ҳуқуқро ба таҳсилот дар тӯли тамоми ҳаёт (таҳсилоти бефосила) мисоли равшани таҳаввули низом ҳамчун натиҷаи тағйири мақсади он маҳсуб меёбанд. Ба ҷумлаи тағйирот дар низоми таҳсилоти касбӣ, илова бар тағйирот дар боло зикргардида, ислоҳот ва беҳтарсозии шабакаи муассисаҳои таълимӣ, ташкили муассисаҳои бисёрзинагӣ бо роҳи ҳамгиросозӣ, рушди низоми маркетинг дар низоми таҳсилоти касбӣ, мутобиқшавӣ ва ҷорикунии унсурҳои инноватсионӣ ба раванди таҳсилот ва ғайраро нисбат додан мумкин аст.

Акнун дар бобати таърифи мазмун ва хусусияти идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ истода мегузарем. Азбаски дар сатҳи муосир таҳқиқи чунин низоми мураккаби динамикӣ, ба монанди соҳаи маориф, хусусияти хос раванди идоракунӣ маҳсуб меёбад, зери раванди идоракунӣ мо маҳз мураттабозии сохтори низомро мефаҳмем. Дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ идоракунии низомҳои мураккаби динамикӣ, ба монанди соҳаи маориф, нигоҳдории мувозинати динамикӣ бо ҳолате мураккаб мешавад, ки фаъолияти чунин навъи

низомҳо дар шароити муносибатҳои бозории рушдёбанда маҳз ба хизматрасониҳои таълимӣ дахл доранд ва он дар шароити тағйирёбии бефосилаи муҳити дохилӣ ва беруна амалӣ гардонида мешавад. Аз ин ҷо, вазифаи идоракунӣ дар соҳаи маориф аз он иборат аст, то ки ҳарчӣ мақсаднoктар ба ин тағйирот вокуниш нишон дода шавад, ки бо бозсозии саривақтӣ ва самараноки низоми таҳсилоти касбӣ мувофиқи шароити тағйирёбанда таъмин карда мешавад. Идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ – ин намуди идоракунии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки ба нигоҳдории мақсаднок ва муташаккилии равандҳои таълимию тарбиявӣ, илмӣ-таҳсилотӣ, инноватсионӣ ва ғайра (дар низоми таҳсилоти касбӣ) нигаронида шудааст.

Идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тобеъ буда, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки бо усулҳои гузариши мақсадҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва ноилшавӣ ба онҳо дар шароити мушаххаси раванди муташаккили таҳсилотӣ муайян шудаанд. Мутаносибан, ду намуди идоракунии низоми таҳсилоти касбиро фарқ мегузоранд:

Намуди аввал, объекти идоракунӣ равандҳои таҳсилотӣ ва шароити онҳоро таъминкунандаи барномавию методӣ, кадрӣ, моддию техникӣ, меъёрию ҳуқуқӣ буда, мақсади идоракунӣ истифодаи самараноки иқтидори мавҷуда дар низоми таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад.

Намуди дуюм, ба сифати объекти идоракунӣ худи тағйирот дар мазмун, ташкил ва технологияҳои раванди таҳсилотӣ бо мақсади афзун гардонидани нерӯи таҳсилотӣ, баланд бардоштани самаранокии он хизмат мекунанд.

Ба мақсади татбиқ ва таъмини вазифаҳои идоракунӣ низомҳои таҳсилоти касбӣ эҷод карда мешаванд. Дар доираи ҳар якеи онҳо баррасии ҳаҷм ҷузъҳои бо ҳамдигар алоқаманд, ҳам нисбатан мустақилона: инсонӣ, моддӣ, техникӣ, иттилоотӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва ғайра имконпазир аст (расмҳои 1.1.).




**Расми 1.1. - Сохтори низоми идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Барои сохтани амсилаи оптималии идоракунӣ донистани намудҳои амсилаҳои сохторҳои ташкилӣ (хаттӣ, функсионалӣ, матритсагӣ, омехта ва ғайра), инчунин принсип ва технологияҳои сохтани амсилаҳо зарур аст. Идоракунии таҳсилот дар сатҳҳои мухталиф: миллӣ, минтақавӣ ва дар сатҳи муассисаҳои низоми таҳсилоти касбӣ хос аст, ки мутаносибан мақомоти идоракунии таҳсилоти касбӣ низ ташаккул меёбанд.

Вақте ки сатҳи баландтари назарияи идоракунии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, як қатор муқаррароти онро ҳамчун умумӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Ҳамзамон, бо ин нодида гирифтан номумкин аст, ки сатҳи мазкури дониши илмӣ умумӣ буда, аз ҳаёти воқеӣ, аз объекти мушаххас канда ҳам мебошад, танҳо такя ба назарияҳои ҷамъбастшудаи он амалисозии идоракунии воқеии самаранок дар як ташкилоти мушаххас имокнnопазир аст. Дар ин маврид принсипҳо, методологияҳо (муносибат, нуқтаи назар), қоидаҳо, талабот, технологияҳо, механизмҳо ва дигар чизҳое лозиманд, ки хусусияти объекти идоракуниро дар назар мегиранд.

Идоракунии дар пояи илм асосёфта доимо тамоюли ба объект нигаронидашуда дорад. Маҳз барои ҳамин айни замон дар чаҳорчӯби ғояи фавқулода мубрам дар бораи касбикунонии идоракунӣ дар муассисаҳои соҳаи

таҳсилоти касбӣ ихтисосҳои навро барои тайёркунии кадрҳо: идоракунӣ дар маориф, идоракунӣ дар иқтисодиёти маориф ва ғайра ҷорӣ карда истодаанд. Донистан муҳим аст, ки амалҳои идоракунӣ ин вазифаҳои умумии идоракунӣ, намуди вазифаҳое мебошанд, ки чун онҳо мушаххас мешаванд. Аз мавқеи назарияи муосири идоракунӣ вазифаи банақшагирӣ, ташкил ва ғайра вуҷуд надорад. Ин танҳо муайянкунии як намуди вазифаҳо мебошад, маҳз ҳамонро амали идоракунӣ номидаанд. Вазифа бошад, муносибатҳои субъект ва объекти идоракуниро инъикос менамояд, яъне амали идоракуние мебошад, ки ба объект нигаронида шудааст. Асосан чор намуди амалҳои идоракуниро фарқгузорӣ карда, муаллифон дар он асос меёбанд, ки дар маҷмӯъ амалҳои идоракунӣ даври пурраи идоракунӣ – аз гузориши мақсадҳо то ноилшавӣ ба онҳоро ташаккул медиҳанд, аз ин рӯ, онҳо зарур ва кифоя мебошанд. Дар таҳқиқот ин амалҳо ҳамчун раванди мураккаб баррасӣ мешаванд, ки дорои сохтори худ буда, амалҳои дигар ба сифати ҷузъҳо (таҳлил, ҳамоҳангсозӣ, ислоҳсозӣ, танзим, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра)–ро дар бар мегиранд. Инчунин амалҳои ҷузъитар: иттилоърасонӣ, меъёрбандӣ, батанзимдарорӣ ва ғайра вуҷуд дошта метавонанд.

Бо кӯшиши фарқгузорӣ кардани намудҳои идоракунӣ нисбати объект ба мураккабии сохтори он, имконияти сохторсозии он мувофиқи на як низоми идоракунӣ тасниф, балки дар пояи якчанд низомҳои ба таври муайян бо ҳамдигар алоқаманд диққат додан лозим аст. Агар чунин объекти идоракунӣ, ба монанди муассисаҳои идоракунии касбӣ (ташкилот) баррасӣ шавад, пас дар низоми падидаҳо ва равандҳо, ки аз онҳо фаъолияти ҳаёт ташаккул меёбад, унсурҳои ин се намудҳои гуногун: технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро фарқгузорӣ кардан мумкин аст. Ҳар яке аз онҳо низоми махсусро дар объекти идоракунӣ ташаккул медиҳад. Мутобиқан, дар идоракунии объекти мазкур низ се самти асосиро фарқгузорӣ кардан мумкин аст:

1. Технологӣ, ки маҷмӯи амалҳо, амалиёти аъзои ташкилот доир ба иҷрои вазифаи асосии мақсаднок, масалан, оид ба истеҳсоли маҳсулоти муайян, иҷрои

хизматрасониҳо, амалисозии фаъолияти таҳсилот ва ғайраро ба танзим медарорад;

2. Ииқтисодӣ, ки ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти ташкилот ва алоқаҳои онро бо муҳити атроф ба танзим медарорад. Маҳз маҷмӯи ин ҷанбаҳо низоми дуюми фаъолияти ҳаётии ташкилотро ташаккул медиҳад;

3. Иҷтимоӣ, ки намуди махсуси фаъолияти идоракуниро талаб намуда, аз маҷмӯи унсурҳое иборат аст, ки дар онҳо сифатҳои иҷтимоии худи иштирокдорони онро ташаккулдиҳанда, сатҳи фарҳанги онҳо, донишҳои умумӣ ва касбӣ, талабот, манфиатҳо, арзишҳои тақсимшавандаи онҳо, инчунин муносибати онҳо ба шароити фаъолияти ҳаётӣ, хусусияти муносибатҳои мутақобилаи инсонӣ ва ғайра таҷассум меёбанд. Тавассути идоракунии иҷтимоӣ таъсири мақсаднокро ба падидаҳо ва равандҳои дахлдор амалӣ гардонидан мумкин аст.

Сарфи назар аз робитаи зич байни намудҳои гуногуни идоракунӣ, ҳар яке аз онҳо дорои хусусияти хоси худ мебошад. Барои мисол, дар баъзе ҳолатҳо функсияҳои идоракунии технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ чунин мешавад, ки байни воҳидҳои гуногуни низоми идоракунанда тақсим карда мешаванд: масалан, хадамоти технологӣ бо якумӣ аз намудҳои номбаршудаи идоракунӣ машғул мешавад, хадамоти маркетинг – бо дуюмӣ, ва хадамоти кадрӣ бошад, - бо намуди сеюм машғул мешавад. Ташкилоти муосири иҷтимоӣ бидуни махсусгардонии дақиқ, бидуни низоми тақсимоти меҳнат иммконнопазир аст. Фаъолияти бомуваффақият ва рушди ташкилот муттаҳидсозӣ, гурӯҳбандии намудҳои ба ҳам монанди корҳо, худмухтории нисбии онҳо, дараҷаи баланди махсусгардонӣ ва касбияти кормандоне, ки ин корҳоро иҷро мекунанд, инчунин ҳамкории тамоми намудҳои корҳо, тобеъсозии ҳар гуна соҳаҳои ташкилотро ба мақсадҳои умумӣ талаб мекунад.

Аз нуқтаҳои дар боло зикршуда ё таърифи мазмуни идоракунии низомҳои мураккаб, ки низомҳои таҳсилоти касбӣ маҳз аз ҷумлаи онҳоянд, бармеояд, ки барои интихоби воситаҳои идоракунии низоми таҳилоти касбӣ таҳқиқи сохтор, вазифаҳо ва омилҳои муайянкунандаи тарҳи рушди таҳсилоти касбӣ зарур аст.

Маҷмӯи низоми таҳсилоти касбӣ бо хусусияти сохторҳои гуногун – функсионалӣ, ташкилӣ-институтсионалӣ, замонавӣ ва сатҳ муайян карда мешавад (расми 1.2.). Унсурҳои низомташаккулдиҳандаи таҳсилоти касбӣ унсурҳои сохтори функсионалӣ – мақсадгузорӣ, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва ташкилии унсурҳои сохтор, робитаи мутақобила бо муҳити атроф, инчунин функсияҳои таъминоти захиравии рушд маҳсуб ёфта, маҳз онҳо нишондиҳандаҳои сохторҳои ташкилӣ-институтсионалӣ, заминавӣ ва сатҳиро муқаррар месозанд.

Сохтори ташкилӣ-институтсионалӣ имкон медиҳад, ки робитаҳои идоракунӣ ва ташкилӣ байни муассисаҳо ва ташкилоти мухталиф, ки бо шаклҳои моликият ва шаклҳои маблағгузорӣ муайян мешаванд, ошкор карда шаванд. Сохтори сатҳи таҳсилот вобастагиро аз шароити таърихан ташаккулёфта, талаботи муосири фармоишгарони хизматрасониҳои таълимӣ ва сиёсати гузаронидашавандаи давлатӣ ошкор мекунад. Сохтори заминавӣ муҳтавои мазмун худи тайёркунии касбии кадрҳоро инъикос менамояд. Ба назари мо, таҳлили низоми таҳсилоти касбиро аз мавқеи таҳқиқи такмили идоракунии сохторҳои ташаккулёфта, мутавозинии онҳо, мавҷудияти номувофиқатии сохторҳои гуногун байни ҳамдигар ва ихтилофот дар рушд гузаронидан зарур аст. Маҳз чунин муносибат дар таҳқиқи ҳолати низоми таҳсилоти касбӣ дар марҳилаи таҳлилии кор мувофиқи мақсад мавриди истифода қарор гирифта, дар асоси он бахши усули и таҳқиқот таҳия карда шуд.

Имрӯз аллакай хулоса дар бораи он, ки низоми таҳсилоти касбӣ яке зернизомҳои муҳимтарини иқтисодиёт маҳсуб меёбад, мавриди баҳс қарор надорад, он ба унсури ҷудонашавандаи омӯзиши низомҳои иҷтимоию иқтисодии сатҳи гуногун табдил ёфтааст. Ба ин, аз ҷумла равандҳои ногузири минтақабандии таҳсилоти касбӣ мусоидат намуданд, ки дар ҷумҳурӣ дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба мушоҳида расида, на танҳо дар тааллуқияти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба ҳудуди муайян, ки бо наздикии функсионалӣ, ҳудудӣ, ташкилии низоми таҳсилоти касбӣ ба истеъмолкунандагони

хизматрасониҳо ва ғайримуттамарказкунонии вазифаҳои идоракунӣ, балки, дар навбати аввал, бо самтгирӣ ба рушди маҷмӯии ҳудуди мушаххаси кишвар муайян мешавад, ифода ёфтаанд.




**Расми 1.2. - Сохтори низоми таҳсилоти касбӣ**
**Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст**

Тақвият ёфтани сиёсат дар соҳаи таҳсилоти касбӣ бо он алоқаманд аст, ки рушди низоми таҳсилоти касбӣ шарти зарурии татбиқи стратегияи иҷтимоию иқтисодии кишвар, татбиқи стратегияи саноатикунонии босуръати мамлакат маҳсуб меёбад. Ин аз ҷумла аз ҳисоби робитаи зичи мутақобила бо соҳаҳои дигари фаъолияти ҳаётии он ва таъсири он ба қувваҳои истеҳсолкунанда сурат мегирад, ки аксар вақт, бавосита мебошад, зеро объекти асосии таъсир на унсурҳои моддии истеҳсолот, балки одамон мебошанд.

Низоми таҳсилоти касбӣ ҳамзамон мувофиқи талаботи соҳаҳои иқтисодиёт ба захираҳои кадрӣ, манфиатҳои таҳсилотии фардҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва усулҳои татбиқи онҳо рушд меёбад. Баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ аз ҳисоби дарёфти созиш байни ин омилҳо ва тақвияти минбаъдаи самтгирии мамлакат дар асоси истифодаи пурратари иқтидори андӯхташудаи иҷтимоию иқтисодӣ имокнпазир аст.

Низоми таҳсилоти касбӣ ба ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии рушди соҳаҳои иқтисодиёт нигаронда шудааст ва ин маънои онро дорад, ки мушаххассозии “фармоиш” ба омодасозии касбӣ мувофиқи мақсадҳои гузошташудаи фаъолияти низоми таҳсилоти касбӣ ва бо дарназардошти стратегияи рушди мамлакат ва минтақаҳои онҳо зарур аст, ба ибораи дигар, таҳияи сиёсат дар соҳаи таҳсилоти касбӣ дар ҳамаи сатҳҳо зарур аст.

Ҳамин тариқ, низоми таҳсилоти касбӣ – ин тамоюли пайдарпайи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, соҳаҳо ва минтақа, бозорҳои миллӣ, маҳаллӣ ва байналмилалии меҳнат ва талаботи аҳолӣ ба гирифтани хизматрасониҳои таълимӣ, ғайримуттамарказкунонии вазифаҳои идоракунӣ ва ба низоми таҳсилоти касбӣ додани вобастагии ҳудуди бештар ва зарурати ташаккули барномаҳои худи рушд барои ҳар як соҳа, минтақа ва корхонаҳо мебошад.

Ҳамин тавр, низоми таҳсилоти касбӣ – ин як зернизоми иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ масъул буда, рушди он бо хусусияти тағйирот дар сохторҳои функсионалӣ, ташкилӣ, институтсионалӣ, заминавӣ, сатҳӣ, вобастагии мутақобила, мувозинат, ғайриихтилофнокӣ ва таъсири омилҳои фаъолияти иқтисодиёт мутобиқи стратегияи кишвар муайян карда мешавад.

Бо дарназардошти таъсири омилҳои рушди низоми таҳсилоти касбӣ, илова ба тамоюлҳои умумии рушди таҳсилоти касбӣ, ки дар байни онҳо диверсификатсия, ҳамгироӣ, фардикунонӣ, рушди таҳсилоти пешрафта ва давомдор, рушди принсипҳои даврият ва бисёрзинагиро фарқ гузоштан мумкин

аст, инчунин бояд тамоюлҳои мушаххасе, ки бо рушди соҳа ва минтақаи алоҳида муайян карда шудаанд, фарқгузорӣ карда шаванд.

## 1.3. Хусусият ва проблемаҳои рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир

Маориф соҳаи низомсози иқтисодиёти миллӣ мебошад. Аз рӯйи моҳият ва аломатҳои таснифотии худ маориф ба соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ мансуб аст; тамоюлот дар соҳаи маориф асосан бо омилҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, равандҳои таҳсилотӣ бо саноати миллӣ ва дар маҷмӯъ бо рушди иқтисод бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Илова бар ин, тавре ки дар бахшҳои қаблӣ нишон дода шуд, низоми маориф бояд бо назардошти талаботи дурнамои рушди иқтисодиёти миллӣ асосёфта, рушди муосири илмию техникии соҳаҳои иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Дар Тоҷикистон дар соҳаи маориф шумораи зиёди аҳолӣ кор ва таҳсил мекунанд. Аз рӯйи шумораи аҳолии машғули кор соҳаи маориф аз ҳама соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ бартарӣ дорад.

**Ҷадвали 1.3. - Динамикаи шуғл дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. наф.)**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Афзоиш нисбати соли 2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғулбуда | 2325,4 | 2379,7 | 2384,2 | 2407 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 | 107,7 |
| Дар бахши хизматрасонӣ | 642,8 | 675,7 | 690,5 | 721,7 | 726,6 | 732,4 | 751,8 | 116,9 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Маориф | 203,9 | 209,3 | 220,5 | 231,5 | 235 | 242,1 | 247,1 | 121,2 |
| Ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии дар иқтисодиёт машғулбудагон | 8,8 | 8,8 | 9,2 | 9,6 | 9,68 | 9,8 | 9,8 | 1,06 |
| Ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии дар бахши хизматрасонӣ машғулбудагон | 31,7 | 30,9 | 31,9 | 32 | 32,3 | 33 | 32,86 | 1,16 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, соли 2016, саҳ. 93; Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020, саҳ. 135-139.

Аз таҳлилҳои матраҳшудаи ҷадвали 1.3. маълум аст, ки дар давраи солҳои 2014-2020 шумораи нафароне, ки дар соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ кор мекарданд, аз 203,9 то 247,1 ҳаз. наф. афзудааст. Афзоиш 121,2% -ро ташкил дода, суръати он дар муқоиса бо суръати афзоиши ҳамаи машғулбудагон дар иқтисодиёт ба 1,13 (1,21/1,0,7) баробар шуд.

Маълум мешавад, ки афзоиши шумораи аҳолии дар иқтисодиёти кишвар машғулбуда асосан аз ҳисоби зиёд шудани шумораи шахсони дар соҳаи маориф машғул буда сурат мегирад. Вазни холиси шуғл дар соҳаи маориф аз шумораи ҳамаи машғулбудагон дар иқтисодиёти кишвар аз 8,8 то 9,8% ё 1,0 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Дар давраи таҳлили афзоиши машғулбудагон дар бахши хизматрасонӣ, ки 116,9% -ро ташкил дода, як қисми зиёдшавии он аз ҳисоби афзоиши ҷойҳои корӣ дар соҳаи маориф мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 19  адад афзуда, шумораи донишҷӯёни онҳо аз 57,7 то 97,7 ҳаз. нафар (257,8%) зиёд шуд, яъне ба 10,000 аҳолӣ афзоиш аз 69 то 102 нафарро ташкил дод. Тамоюли афзоиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ намунавӣ мебошад, зеро аҳолӣ дарк мекунад, ки гирифтани таҳсилоти касбӣ шарти асосии дарёфти ҷойи кор ва ба даст овардани воситаҳои даромад мебошад. Кӯшиши ба даст овардани чунин сатҳи таҳсилоти касбӣ инчунин бо сатҳи нисбатан пасти таъминоти моддии онҳо муайян карда мешавад. Дар давраи таҳлилшуда шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 12,4 то 23,6 ҳаз. наф. афзуда, афзоиш зиёда аз 2,3 маротибаро ташкил дод (ҷадвали 1.4)..

Чуноне аз ҷадвали 1.4 маълум мешавад, барои 10,000 нафар афзоиш аз 15 то 25 нафарро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо хатми мутахассисони таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳар 10,000 нафар аҳолӣ нисбат ба соли 2014 1,7 маротиба зиёд шудааст. Дар давраи таҳлилшуда шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 37 адад то 41 адад зиёд шуда, шумораи

донишҷӯён онҳо аз 165,3 то 245,9 ҳаз. наф. расид, ки афзоиш ба 10,000 аҳолӣ 29,2% -ро ташкил дод.

**Ҷадвали 1.4. -Динамикаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва донишҷӯёни онҳо**

| Нишондиҳандаҳо | 2014-15 | 2015-16 | 2016-17 | 2017-18 | 2018-19 | 2019-20 | 2020-21 | Афзоиш нисбати соли таҳсили2014/15 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, адад | 59 | 66 | 67 | 67 | 70 | 74 | 78 | 152,9 |
| Шумораи донишҷӯёни онҳо ҳазор нафар | 57,7 | 68,9 | 76,7 | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 257,8 |
| ба 10000 аҳолӣ | 69 | 81 | 88 | 92 | 96 | 98 | 102 | 204 |
| Шумораи донишҷӯёни қабулшуда ҳазор нафар | 22,7 | 24,6 | 24,1 | 25,3 | 27 | 26 | 32,8 | 250,3 |
| Мутахассисон хатм карданд | 12,4 | 11,7 | 14 | 17,8 | 20,8 | 20,8 | 23,6 | 231,3 |
| - ба 10000 аҳолӣ, адад | 15 | 14 | 16 | 20 | 23 | 23 | 25 | 178,5 |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ | 37 | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 | 124,2 |
| Шумораи донишҷӯён, ҳаз. наф. | 165,3 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 162,0 |
| ба 10,000 аҳолӣ | 198 | 209 | 216 | 221 | 232 | 249 | 261 | 129,2 |
| Шумораи донишҷӯёни қабулшуда | 31,4 | 38,5 | 42,7 | 46,6 | 51,4 | 60,4 | 61,9 | 213,4 |
| Мутахассисон хатм карданд | 30,2 | 29,5 | 33,2 | 38,5 | 44,6 | 43,2 | 42,4 | 153,0 |
| ба 10,000 нафар аҳолӣ | 36 | 35 | 38 | 43 | 49 | 47 | 44 | 118,9 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, соли 2016, саҳ. 55-57; Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020, саҳ.79-95.

Дар соли таҳсили 2020/21 61,9 ҳаз. наф. донишҷӯён ба муассисҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул карда шуданд, ки афзоиши он нисбат ба соли 2014 2,1 маротибаро ташкил дод. Дар давраи солҳои 2014-2021 шумораи хатмкунандагон аз 30,2 то 42,4 ҳаз. наф. афзоиш ёфт, мутаносибан ба 10000 нафар аҳолӣ афзоиш аз 36 то 44 нафарро ташкил дод.

Дар айни замон тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва тағйир ёфтани сохтори иқтисодӣ дар саноат ба низоми таҳсилоти касбӣ таъсири бевосита

расониданд. Дар натиҷаи тағйироти мунтазам дар иқтисодиёт дар соҳаи маориф равандҳои манфии зерин пайдо шуда, инкишоф ёфтанд.

1. Нисбатан паст шудани сифати таҳсилот дар ҳама зинаҳои раванди таҳсилотӣ. Маблағгузории ғайрисамараноки соҳаи иҷтимоӣ ба бадшавии назарраси заминаи моддии соҳа боис шуд: фондҳои асосӣ фарсуда шуда, таҷҳизоти техникӣ ва иттилоотӣ дар сатҳи кифоя нав карда нашуда, тағйироти миқдорӣ ва сифати манфии кадрҳо ба амал меоянд. Набудани ҳавасмандии муносиби донишҷӯён дар баробари норасоии захираҳои молиявӣ, ташкили ғайриоқилонаи шабакаи муассисаҳои таълимӣ ва самтгирии заифи низоми таҳсилоти касбӣ ба талаботи воқеии соҳаи истеҳсолӣ омилҳои асосии ба бозор баровардани мутахассисони пастихтисос мебошанд, ки дар пайдо кардани кор душвориҳои ҷиддиро дучор меоянд.

2. Низоми таҳсилоти касбӣ ба талаботи бозори меҳнат, ки бо сохтори амалкунандаи иқтисодиёт муайян шудааст, суст мувофиқат мекунад. Дар бозори меҳнат шумораи зиёди мутахассисон дар соҳаи иқтисод ва ҳуқуқшиносӣ ташаккул ёфтааст; дар айни замон, муҳандисон, мутахассисони ихтисосҳои техникии дорои тахассуси баланд ба шумораи кам тайёр карда мешаванд. Маълум шуд, ки низоми таҳсилоти давомдори касбӣ пурра ташаккул наёфтааст, ки ин ба навсозии техникӣ ва технологии иқтисодиёт халал расонида, имкон намедиҳад, ки соҳаи иҷтимоӣ мувофиқи талаботи замон вусъат дода шавад.

3. Сатҳи пасти ҳамгироӣ дар соҳаи таҳсилот ва илм. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ташаккул ва рушди бомуваффақияти марказҳои илмиро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ нишон медиҳад. Набудани кори ҷиддии илмӣ бо донишҷӯён боиси паст шудани сифати тайёр кардани мутахассисон ва кам гардидани шумораи унвонҷӯён мегардад. Аз ҷониби дигар, тамоюли аз ба талабот ҷавобгӯй набудани фаъолияти илмии дохилидонишгоҳӣ сатҳи рушди пажӯҳишҳои илмиро дар ҷумҳурӣ коҳиш медиҳад.

Тавре дар боло қайд карда шуд, низоми маблағгузории низоми маориф бо самаранокии паст тавсиф меёбад. Дар ҳолати нокифоягии воридоти маблағҳои буҷетӣ ҷуброни дахлдор аз ҷониби манбаъҳои хусусии сармоягузорӣ сурат

намегирад. Низоми тақсимоти маблағҳои ба таври марказонидашуда тақсимшудаи буҷетӣ вобаста ба тағйирот дар самтҳои афзалиятноки рушди соҳа ва бозсозии сохтории иқтисодиёт ба дигаргуниҳои назаррас ниёз дорад.

Тамоюли тафовути дараҷаи дастрасии таҳсилоти касбӣ барои қишрҳои мухталифи аҳолӣ бо коҳиши таъминоти мутамаркази захираҳо шиддат мегирад; дастрасӣ ба оилаҳои камбизоат ба таҳсилоти босифат паст мешавад. Бо зиёд шудани ҳиссаи ҷавононе, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил мешаванд, нақши таҳсилоти олӣ ҳамчун марҳилаи "аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим" дар рушди шахсият коҳиш меёбад; маориф вазифаи мақоми иҷтимоии шахсро аз даст медиҳад.

Ҳамаи ин омилҳо рақобатпазирии низоми таҳсилоти касбиро дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ паст мекунанд. Барои рафъи ин тамоюлҳои манфӣ ислоҳоти дар айни замон гузаронидашаванда дар соҳаи маориф равона шудааст. Ҳадафи асосии муосиркунонии соҳа, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дода шудааст, расидан ба мавқеъҳои рақобатпазирии таҳсилоти ватанӣ дар дурнамои миёнамуҳлат маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи мо, мушкилоти ташаккули низоми самарабахши таҳсилоти касбӣ, ки ҷавобгӯи талаботи муосири иқтисоди Тоҷикистон асту барои рушди ояндаи истеҳсолот дар заминаи пешрафти илмӣ ва техникӣ замина мегузорад, қобили таваҷҷуҳи хос мебошанд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо бозбинии принсипҳои асосии фаъолияти низоми таҳсилоти касбӣ, муосиркунонии низоми маблағгузории он, ташаккули механизми нави ташкилию иқтисодии идоракунии соҳа зарур мебошанд. Маҷмӯи тадбирҳои ислоҳоти ин соҳа ба мақсадҳои зерин нигаронида шудаанд:

- таъмини истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, ҷалби маблағҳои иловагӣ;

- баланд бардоштани сифати таҳсилот бар асоси навсозии сохтор, мазмун ва технологияи таҳсилот;

- ҷалби кадрҳои рақобатпазир ба соҳа;

- баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳа ва нерӯи инноватсионии кадрҳои тамоми иқтисодиёт.

Ба сифати принсипи асосии ислоҳоти низоми маблағгузории соҳаи маориф паст намудани сатҳи сарбории молиявии давлат аз ҳисоби афзоиши сармоягузориҳои хусусӣ, таҷдиди сохтории хароҷоти буҷет дар ҳама сатҳҳо хизмат мекунад.

Дар шароити гузариши мамлакат ба марҳалаи нави рушд дар партави амалӣ гардонидани нуқтаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ва татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии мамлакат низоми таҳсилоти касбӣ бешубҳа дигаргуниҳои ҷиддӣ ва амиқро талаб мекунад. Низоми мавҷудаи тайёркунии кадрҳо ба талаботи муосири иқтисодиёт ва ҷомеа ҷавобгӯ намебошад. Натиҷаи номутавозинии талаботи бахши соҳибкорӣ ва низоми таҳсилоти касбӣ вазъияте мебошад, вақте ки мутахассисони хатмкардаи муассисаи таҳсилоти миёнаву олӣ талаботи муносиби корфармоёнро қонеъ намекунанд: шумора ва сохтори ихтисосҳое, ки дар ин муассисаҳо тайёр карда мешаванд, ба талаботи соҳаҳои иқтисодиёт пурра ҷавобгӯ нестанд; сатҳи дониш ва маҳоратҳои хатмкунандагон ба сифатҳои матлуб аз рӯйи тахассус мувофиқат намекунад.

Дар натиҷа, субъектҳои иқтисодиёт ва корхонаҳо муддати дароз мутахассиси бо ҳаҷми лозимаи донишҳоро пайдо карда натавониста, бо бозомӯзии кормандон машғул шуда, хароҷоти иловагиро амалӣ мекунанд. Аз тарафи дигар, фарде, ки ба таҳсилоти миёнаву олӣ зимни боздеҳи паст сармоягузорӣ мекунад, дар натиҷа мақоми иҷтимоӣ ва кори бо музди меҳнати баландро ба даст оварда наметавонад. Дар шароити ташаккулёфта, эҳтимол аст, ки ҷомеа роҳҳои дигари маблағгузории муваққатан озодро баррасӣ хоҳад кард.

Таҳлили вазъи мавҷуда имкон медиҳад, ки якчанд роҳи ҳалли мушкилот муайян карда шаванд. Ба сифати алтернативӣ ба таҳсилоти миёна ва олӣ, ки татбиқи сазовори худро надорад, метавонад ташаккули низоми таҳсилоти касбии кормандони баландихтисоси барои истеҳсоли ватанӣ зарурӣ гардад. Барои ин, таҳия намудани стандартҳои микдорӣ ва сифати ихтисосҳо ва

нишонаҳои тахассусии кормандони самтҳои гуногун зарур аст. Барои баҳисобгирии талаботи сохторҳои соҳибкорӣ ҳангоми ташкили низоми тайёркунии касбӣ эҷоди механизмҳои ҷалби фаъол ва ҳавасмандгардонии ташкилоти хусусӣ ба иштирок дар таҳияи барнома тайёр кардани мутахассисони баландихтисос зарур аст.

Ба фикри мо, муосиркунонии низоми таҳсилоти касбӣ ба баланд бардоштани нуфузи ихтисосҳои техникӣ мусоидат менамояд ва муҳимтар аз ҳама, роҳи алтернативии рушди фардро ташаккул медиҳад.

Механизми ояндадори ҳамгиросозии сохторҳои соҳибкорӣ ба раванди ташаккули стандартҳои таҳсилот, ба назари мо, ин таъсиси ташкилотҳои иҷтимоӣ ва касбӣ бо намояндагии васеи корфармоён мебошад. Фаъолияти ин гуна ташкилотҳо ба ташаккули талаботи тахассусии ба сатҳи бозори меҳнат муносиби тайёр кардани мутахассисон, инчунин ба баҳодиҳӣ (сертификатсия)-и сифати барномаҳои таҳсилотӣ нигаронида хоҳад шуд.

Нуқтаи калидии таъсиси чунин механизм бояд таҳияи методологияи пешгӯии талаботи оянда ба кадрҳо, ба мутахассисон бо дарназардошти талаботҳои ҷорӣ, тағйироти сохторӣ ва усулҳои ивазкуние, ки бо сабабҳои табиӣ рух медиҳанд, гардад.

Самти дуюми ҳалли номутаносибии мавҷуда дар соҳаи таҳсилоти касбӣ барномаиислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ мебошад. Дар лоиҳаи ислоҳот имконияти тақсимоти дақиқи раванди таълим ба ду марҳила ба назар гирифта мешавад. Монобарнома (таҳсилоти 5-6 сола ва гирифтани дипломи мутахассис), ки қаблан амал менамуд, бо низоми дузинагӣ иваз шуд: бакалвриат (4 сол) ва магистратура (2 сол). Ба зинаи дуюми таҳсил қабули донишҷӯён маҳдуд мегардад, ки дар давраи миёнамуҳлат имкон медиҳад, то ки таносуби миқдори талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат барои хатмкунандагони дорои таҳсилоти олӣ мувозинат пайдо кунад. Маҳз чунин тарҳ дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии Ғарб қабул шудааст ва бо имзои Конвенсияи Болония (қабули мутақобилаи дипломҳо ва ташкили фазои ягонаи

таҳсилотии Аврупо) Тоҷикистон уҳдадор шудааст, ки низоми таҳсилоти худро бо низоми аврупоӣ ҳамгуна созад.

Чунин тақсимоти раванди таҳсилот, аз як тараф, арзиши тайёр кардани мутахассисонро коҳиш медиҳад, зеро барномаи магистрӣ бештар пулакӣ мешавад. Аз ҷониби дигар, се-чор соли таҳсил (вобаста аз хусусиятҳои ташкили таҳсилот аз рӯйи як қатор ихтисосҳо) бояд мутобиқшавиро ба талаботи муосири ва ояндадории иқтисодиёти миллӣ, ки ба талаботи корфармоён нигаронида шудааст, таъмин намояд.

Дар сурати татбиқи ин навовариҳо, эҳтимолан, таҳсилоти олиро дар сатҳи бакалвриат бо коллеҷ муқоиса кардан мумкин хоҳад буд. Бояд қайд кард, ки дар як қатор кишварҳои мутараққӣ низоми маориф тавре тарҳрезӣ шудааст, ки аз лиҳози дониш ва маҳоратҳо хатмкунандагони коллеҷҳои бонуфузи касбӣ ва хатмкунандагони бакалавриат ба ҳамон як зинаи иҷтимоӣ мансубанд. Аммо, дар шароити мо, бидуни паст кардани сатҳи таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани нуфузи касбии тайёркунӣ муҳим аст. Ин вазифа, албатта, муносибати мутавозин ва дурнамоҳои дарозмуҳлати татбиқи онро талаб мекунад.

Тибқи нақшаи ислоҳоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ду сатҳи таҳсилот на танҳо бо имтиҳон барои донишҷӯ, балки инчунин сертификатсияи иловагии муассисаи таҳсилоти олӣ низ ҷудо карда мешаванд. Ҳамгироии фаъолонаи низоми таҳсилоти касбӣ ва намояндагони соҳаҳои иқтисодиёт, корфармоён имкон медиҳад, ки ба соҳаи маориф захираҳои иловагӣ ҷалб карда шуда, ҷолибияти сармоягузории он баланд бардошта шавад.

Бо мақсади ташаккули низоми самарабахши таҳсилоти миёнаи касбӣ ислоҳот гузаришро ба принсипи модулии таҳияи барнома пешбинӣ менамояд, ки зудҳаракатии таҳсилотӣ, инчунин тағйирпазирии бештари низоми таҳсилоти касбӣ, самтнокии он ба талаботи инфиродии таълимгиранда ва талаботи бозори меҳнатро таъмин мекунад.

Барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ кӯшишҳо оид ба табдил додани қисми зиёди муассисаҳои таълимӣ ба шаклҳои нави ташкилию ҳуқуқӣ бояд ба харҷ дода шавад. Ба назари мо таъмини шароити баробари

ибтидоӣ барои фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, гузашта аз ин, васеъ кардани шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии ғайридавлатӣ зарур мебошанд. Барои баланд бардоштани зудҳаракатӣ ва мустақилияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии давлатӣ баланд бардоштани масъулияти роҳбарони муассисаҳо барои истифодаи захираҳои ба таври муттамарказ пешниҳодшаванда ва ҳамзамон амалисозии маблағгузории онҳо вобаста аз натиҷаҳои бадастомада лозим мебошанд. Ҳамин тариқ, ба кори муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (миёнаву олӣ) принсипҳои маблағгузории буҷетии барномавӣ-мақсаднок ҷорӣ карда мешаванд.

Қадами муҳим дарислоҳоти низоми маориф (ки тибқи принсипҳои ислоҳоти маъмурӣ ва буҷетгузорӣ дар асоси натиҷаҳо амалӣ мегардад), гузариш аз аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ ба аттестатсияи барномаҳои алоҳидаи таҳсилотӣ хоҳад буд. Иттилоот дар бораи хусусиятҳои сифати таълим ва таҳлили муқоисавии барномаҳои алоҳидаи таҳсилоти миёнаву олии касбӣ бояд барои оммаи васеъ дастрас карда шавад, то шаффофияти механизмҳои тақсимоти захираҳои муттамарказ дар низоми маориф таъмин гардад. Ба назар таъсиси низоми мониторинги муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ барои рейтинггузории минбаъдаи барномаҳои таҳсилоти пешниҳодшуда самарабахш мерасад. Гузаронидани мониторинги мунтазам ба фароҳам овардани эҷоди шароит ба паҳн кардани механизмҳо ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оммавӣ дар бораи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии ҳамаи зинаҳои таҳсил, инчунин ташкили назорати мустақили (аудити) фаъолияти онҳо мусоидат хоҳад кард.

Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи таҳсилоти касбӣ дар бозори ҷаҳонӣ рейтинги муосири муассисаҳои таҳсилотии ҷумҳурӣ бояд ба талаботи бозори байналмилалии хизматрасониҳои таълимӣ мувофиқ карда шавад. Меъёрҳои алоҳидае, ки мувофиқи онҳо муассисаҳои таҳсилоти касбии гуногунро рейтинггузорӣ мешаванд, инҳоянд: таносуби шумораи донишҷӯён ва омӯзгорон; хароҷот барои китобхона ва марказҳои захиравии таълим; хароҷот барои компютерҳо (шумораи онҳо аз ҳисоби ба 10 донишҷӯ); даромад аз

таҳқиқоти илмӣ; фоизи иштирокдорон-таълимгиранда дар таҳқиқоти илмӣ ва шумораи умумии донишҷӯён; даромадҳо аз шартномаҳои муштарак бо бахшҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ; шуғли хатмкунандагон (фоизи дархостҳоро аз корфармоён дар бар мегирад); таносуби миёнаи сармоягузорӣ ба таълим ва боздеҳи он дар давоми 3 соли пас аз хатми таҳсил; таҷрибаи байналмилалӣ, табодули байналмилалӣ; интишорот дар маҷаллаҳои байналмилалӣ ва илмӣ-амалӣ; фоизи донишҷӯёни хориҷӣ аз шумораи умумии донишҷӯён; фоизи омӯзгорон аз хориҷа; динамикаи афзоиши музди меҳнати омӯзгорон; баҳодиҳии сифати муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз ҷониби истифодабарандагон ва ғайра.

Беҳтар намудани ҷолибияти сармоягузории соҳаи таҳсилоти касбӣ, инчунин ба беҳтар шудани сифати ҳайати кадрӣ мусоидат мекунад. Ба сифати омили асосии муайянкунандаи сифати ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ низоми музди меҳнат хизмат мекунад. Таҳия ва татбиқи механизмҳои самарабахши низоми соҳавии пардохти музди меҳнати кормандони илмию омӯзгорӣ унсури муҳимро дар баланд бардоштани сифати омодагии касбӣ ташкил медиҳад.

Масъалаи таъминоти моддии кадрҳо, пеш аз ҳама, - ин ҷанбаи маблағгузории низоми маориф мебошад. Дар шароити баланд бардоштани мустақилияти молиявии муассисаҳои таҳсилотии сатҳҳои гуногун имкониятҳои васеъ кардани манбаъҳои пардохти музди меҳнати омӯзгорон пайдо мешаванд. Масалан, дар доираи ислоҳоти низоми маориф ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ иҷозат дода мешавад, ки курсҳои пулакӣ барои таҳсилоти касбии иловагӣ ташкил кунанд, ки ба барномаи умумӣ дохил нахоҳанд шуд.

Барномаҳои иловагии таҳсилотӣ метавонанд то 25% сарбории кориро ташкил дода, имкон медиҳанд, ки миқдори зиёди маблағҳо ҷалб карда шавад. Ба ақидаи мутахассисон, таҳсилоти олӣ ҳамасола миқдори зиёди маблағҳоро аз даст медиҳад, ки онҳоро аз бозомӯзии мутахассисон ба даст овардан мумкин аст.

Гузариш аз аттестатсияи муассисаи таълимӣ ба аттестатсияи барномаҳои мушаххаси таълимии муассисаҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки заминаи захиравии худро васеъ кунанд. Ҳангоми тайёркунии мутахассисон барои корхонаҳои саноатӣ пардохти такмили ихтисоси кормандон метавонад якҷоя бо таълимгирандагон ва корфармоён амалӣ карда шавад. Ба назари мо, барои ташкили чунин курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҷалби биржаҳои меҳнат мувофиқи мақсад аст. Дар маҷмӯъ, биржаҳои меҳнат бояд як воситаи "вокуниши фаврӣ" ба талаботи бозори меҳнат ва "роҳнамо"-и ин талабот (дархост) дар соҳаи таҳсилоти касбӣ бошанд.

Соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷомеаи муосир тавре бояд ташкил карда шавад, ки ба даст овардани якбора якчанд ҳадафҳои зоҳирии иҷтимоию дохили маҳз ба ин соҳа хос таъмин карда шавад. Ба назари мо, дарки амиқи ин ҳадафҳо аз ҷониби ҷомеа ва гурӯҳбандии онҳо аз аҳамияти калон бархӯрдоранд. Тарҳрезии амсилаи самтҳои мақсадноки рушди соҳа ба эҷоди низоми самарабахши таъминоти захиравии таҳсилоти касбӣ мусоидат хоҳад кард. Пеш аз ҳама зарурати рушди таҳсилоти миёнаи касбиро аз нигоҳи ҳадафҳои иҷтимоиву иқтисоди нисбат ба онҳо муаяйн менамоем, ки онҳо дар ҷадвали 1.5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.5. - Рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мутобиқ ба ҳадафҳои ҷомеа ва иқтисоди миллӣ**

| **Ҳадафҳо** | **Тавсифи мухтасар** |
|---|---|
| **Тайёр намудани кадрҳо** | Ҳадафи аввале, ки ҷомеа дар назди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мегузорад, - ин таъмини иқтисодиёти кишвар бо кадрҳои дорои таҳсилоти касбии сатҳҳои гуногун мутобиқи талаботҳои сохторӣ ва сифати он мебошад. |
| **Зинаи иҷтимоишавии аҳоли** | Таъмин намудани талаботи аҳолӣ ба гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун зинаи иҷтимоишавӣ, ҳамчун маҷмӯи асосии салоҳиятҳое мебошад, ки бо малакаҳои мушаххаси касбӣ алоқаманд нестанд. Пурсишҳое, ки аз ҷониби кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ гузаронида шуданд, нишон медиҳанд, ки беш аз 80 оила ба фарзандони худ додани таҳсилоти касбиро зарур мешуморанд. |

*Идомаи ҷадвали 1.5.*

| | |
|---|---|
| **Ташакули табақаи технократии ҷомеа** | Ин таъмини бозтавлиди табақаи технократӣ ва зеҳнӣ мебошад. Афзоиши нерӯи ин табақаи ҷомеа имконият медиҳад, ки дар ҷомеаи мамлакатамон тамаддуни индустриалӣ ва рушди индустриалии иқтисодиёт, таъмин карда мешавад |
| **Таъмини итиҳод ва зудҳаракатии иҷтимоӣ** | Фароҳам овардани имкониятҳо ва шароити баробар барои муттаҳидсозии иҷтимоӣ барои ҳамаи аъзои ҷомеа мебошад. Дар ҷомеаи муосир таҳсилоти миёнаи касбӣ ба яке аз омилҳои калидие табдил меёбад, ки зудҳаракатии иҷтимоӣ, пешрафти иҷтимоӣ маҳз аз ҳисоби қобилиятҳои инфиродӣ, ва на аз ҳисоби мақоми имтиёзноки иҷтимоӣ, сатҳи даромади оила таъмин мегардад. |
| **Ғанӣ гардонидани иқтидори индустриаливу инноватсионии ҷомеа** | Нигоҳ доштан ва рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун унсури аз ҷиҳати стратегӣ муҳими иқтидори индустриаливу - инноватсионии ҷомеа мебошад. Такрористеҳсоли чунин нерӯ дар ҳама кишварҳо ҳеҷ гоҳ вазифаи дохилии низоми таҳсилоти касбӣ набуда, вазифаи умумимиллӣ шуморида мешавад. |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

*Ҳадафҳои дохилии таҳсилоти миёнаи касбӣ*, дар навбати худ, ба ноил шудан ба самаранокии дохилии низоми таҳсилот равона карда шудаанд.

Ба сифати *ҳадафи якум* ноил шудан ба таъмини ҳадди ақали захиравии зарурӣ барои таъмини барномаҳои таҳсилотӣ хизмат мекунад. Имрӯз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи мамлакат ҳар сол ба ҳисоби миёна 2057 сомони[17] барои як донишҷӯ мегиранд, ки на зиёда аз 65 фоизи меъёри оқилонаи маблағгузории таҳсилотро ташкил медиҳад..

*Ҳадафи дуюми* таҳсилоти миёнаи касбӣ аз байн бурдани таҳсилоти қалбакӣ мебошад. Имрӯз ҳадди аққал 26,4 фоизи донишҷӯён низоми таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳсил менамоянд. Аммо аксари онҳо бо мақсади гирифтани диплом бо кадом роҳе набошад, ҷуръат менамоянд, онҳо таҳсил намекунанд, ба таълим, аз худ кардани малака ва маҳоратҳои касбӣ таваҷҷуҳ намекунанд, чунин таҳсилоти қалбакӣ на танҳо ба худи "донишҷӯён", балки инчунин ба тамоми ҷомеа низ таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа гумкунии самтгирии ҷомеа, падару модарон, корфармоён сурат мегирад, ки мебинанд одами дипломдор ҳеҷ кор карда

---

[17] Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2020. – С. 231.

наметавонад, дониши қазоӣ надорад. Дар натиҷа диплом “арзиши” худро дар бозори меҳнат аз даст медиҳад.

*Ҳадафи сеюм* рад кардани барномаҳои таҳсилоти бесамар ва тарғиби барномаҳои муосир мебошад. Воқеан, сухан дар бораи ташаккули механизмҳои муқаррарии бозорӣ дар таҳсилоти касбӣ меравад, ки имкон медиҳанд аз рақобати нархӣ ба бозори хизматрасониҳои таълимӣ ба рақобати сифат ва ба рақобат эътибор гузошта шавад.

Барои ноил шудан ба самаранокии бозори таҳсилоти касбӣ таъмини шаффофияти воридшавӣ ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, механизмҳои мувофиқ барои чен кардани қобилиятҳои донишҷӯёни эҳтимолӣ барои таълим дар барномаҳои гуногуни таҳсилотӣ, шаффофияти иттилоот дар бораи фаъолият ва эътибори муассисаи таҳсилот, сифати барномаҳо ва имкониятҳои бо кор таъмин кардани хатмкунандагон зарур аст.

*Ҳадафи чорум* ташаккул додани устувори иқтисоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад. Мавҷудияти манбаъҳои маблағгузорӣ, ки аз фаъолияти ҷории муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва шумораи донишҷӯёне, ки дар соли ҷорӣ ба ин муассисаҳо дохил шудаанд, чандон вобаста нестанд. Зеро, онҳо барои хароҷоти ҷорӣ сарф мешаванд, барои рушди онҳо нокифоя аст. Зарур аст, ки механизмҳои маблағгузории миёнамуҳлати ташаккул ва рушди инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, заминаи моддию техники раванди таълимӣ ва корҳои илмӣ, эҷод карда шаванд ва маблағгузориҳо ва ё лоиҳаҳои инвеститсионии мақсаднок таҳия ва амалӣ карда шавад.

Мушкилоти дигар аз мухолифатҳои мавҷудаи низоми маблағгузорӣ бармеояд. Дар ин ҷо, ба фикри мо, ихтилофи бунёдиро дар рушди механизми муосири молиявии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла ихтилофи байни механизмҳои маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетиро фарқгузорӣ кардан мувофиқи мақсад аст. Чуноне, ки дар параграфи қаблӣ такид шуда буд, ин дар байни зарурати рушди фаъолияти соҳибкории муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун як субъекти хоҷагидор ва ҳамзамон танзими соҳавии давлат оид

ба истифодаи маблағҳои гирифташудаи ғайрибуҷетӣ зоҳир мешавад, ки имкониятҳои идоракунии молиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро маҳдуд мекунад.

Мазмуни асосии сиёсати тағйири механизми молиявии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар охири асри XX ҷустуҷӯи диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ тавассути тавсеаи қабул ба барномаҳои таҳсилоти дар асоси шартнома, таъсиси ниҳодҳои инноватсионӣ дар шакли паркҳои техникиву технологӣ ва кластерҳои таҳсилотиву инноватсионӣ, фаъолона гузаронидани амалиёти молиявӣ доир ба сармоягузории воситаҳои муваққатан озод ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳои корхонаҳое, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимӣӣ таъсис дода мешаванд, инчунин ба депозитҳои бонкӣ, векселҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок, ташаккули асоси институтсионалии амалисозии содироти хизматрасониҳои таълимӣ зимни дастгирии муайяни давлатӣ, ҷустуҷӯи тарҳҳои ғайристандартии ҷалби маблағҳои пулӣ дар асоси қарз бо роҳи барориши векселҳо, вомбаргҳо, қоғазҳои қиматноки дигар барои сармоягузорӣ кардани маблағҳои муваққатии ройгон ба саҳмияҳо ва саҳмияҳои таъсисдодашуда ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

# БОБИ 2. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

## 2.1. Таҳлили вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ

Дар шароити ҳозира зери таъсири суръатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва иттилоотӣ рақобат, сатҳи баланди таъсири номуайянӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба назар мерасад. Раванди бебозгашти гузариш аз усулҳои классикӣ барои ба даст овардани афзалиятҳои рақобатӣ ба усулҳои куллан нав, ки бар таҳаввули иқтисодиёт рақамӣ ва инноватсия асос ёфтааст, сурат мегирад. Ин равандҳои таҳаввулӣ, ки соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодиро фаро мегиранд, ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ низ таъсир мерасонанд, ки сифати инноватсионии фаъолияти он дар шароити муосир иқтидори ояндаи рушди иқтисодии кишварҳо ва қобилияти инноватсионии иқтисоди миллиро муайян мекунад. Аз ин рӯ, рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ иқтидори инноватсионии тамоми соҳаҳои иқтисоди миллиро муайян мекунад[18].

Низоми таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ба яке аз зерсоҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст. Ин низоми таҳсилот аз маҷмӯи муассисаҳо ва ташкилотҳо иборат аст, ки пеш аз ҳама фаъолияти таҳсилотиеро амалӣ месозанд, ки ба қонеъ гардонидани талаботи гуногуни аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ, такрористеҳсолкунӣ ва рушди қувваи кории иқтисодиёт равона карда шудаанд.

Чи тавре ки аз омори соҳавии дар зер дар шакли ҷадвал манзуршуда бармеояд, дар давраи 7 соли охир, яъне дар тӯли солҳои 2014-2021 шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар мамлакат аз 60 то 78 адад, яъне 28 адад зиёд шудааст, ки афзоиши он 130 фоизро ташкил додааст. Соли 2010, ки дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ 21 омӯзишгоҳи касби фаъолият

[18]Мирсаидов А.Б. Институтциональние аспекты инновационного развития учреждений общественного сектора экономики//Экономика Таджикистана, 2017, № 2. – С. 32-43.

менамуданд, тадриҷан онҳо ба коллеҷ табдил ёфта, шумораи коллеҷҳо ба 78 адад расид (ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. - Динамикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯёни он**

| Солҳо | Шумораи муассисаҳо, адад | аз он ҷумла коллеҷҳо, воҳид | Шумораи донишҷӯён, нафар | аз он ҷумла: | | бо% | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | баъди синфи 9 | баъди синфи 11 | баъди синфи 9 | баъди синфи 11 |
| **2014/2015** | 60 | 60 | 59356 | 11864 | 47492 | 20 | 80 |
| **2015/2016** | 65 | 65 | 68325 | 12733 | 55592 | 18,6 | 81,4 |
| **2016/2017** | 66 | 66 | 73333 | 14607 | 58726 | 19,9 | 80,1 |
| **2017/2018** | 66 | 66 | 80432 | 18329 | 62103 | 22,8 | 77,2 |
| **2018/2019** | 72 | 72 | 85579 | 17813 | 67766 | 20,8 | 79,2 |
| **2019/2020** | 75 | 75 | 87696 | 18258 | 69426 | 20,8 | 79,2 |
| **2020/2021** | 78 | 78 | 93531 | 25459 | 68072 | 27,2 | 72,8 |
| **Афзоиш, (+-)** | 18 | 18 | 34175 | 13595 | 20580 | - | - |
| **дар фоиз** | 130 | 130 | 157,5 | 214,6 | 143,3 | 7,2 бф | -7,2 бф |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2021, с.58.

Аз ҷадвали 2.1 дида мешавад, ки пайваст бо афзудани шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шумораи донишҷӯёни он, низ аз 59,3 то 93,5 ҳазор нафар, яъне беш аз 34,1 ҳазор нафар зиёд шудааст, ки сатҳи рушди он 157,5 фоизро ташкил додааст.

Маълум мешавад, ки аҳолии мамлакат зарурати таъмини фарзандонашонро ба касбу ҳунар, ки сармояи беназири манбаи даромадҳои минбаъдаи онҳо мебошад, дарк намудаанд. Бинобар он, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тамоюли афзудани донишҷӯёни баъди синфи 9 мушоҳида мешавад. Дар давраи солҳои 2014-2020 шумораи ин қабули донишҷӯён аз 11,8 то 25,4 ҳазор нафар зиёд шудаанд, яъне дар ин давра шумораи онҳо қариб 13,6 ҳазор нафар афзудааст, ки сатҳи рушди он 2,1 маротибаро ташкил додааст. Шумораи донишҷӯёни баъди синфи 11 бошанд, дар ин давра аз 47,5 то 68,0 ҳазор нафар зиёд шудааст, сатҳи рушди он 143,3 фоизро ташкил додааст. Аммо бояд қайд намуд, ки сатҳи рушд ва вазни қиёсии донишҷӯёни баъди синфи 9 нисбат ба донишҷӯёни баъди синфи 11 тамоюли устувори болоравиро дорад: вазни қиёсии донишҷӯёни баъди синфи 9 дар

шумораи умумии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 19,8 то 27,1 фоиз, яъне 7,3 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ҳамин тариқ тамоюли омӯзиши таҳсилоти умумӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъол гашта истодааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат асосан донишҷӯёни бахши рӯзона таҳсил менамоянд, ки онҳо имконияти васеъро барои азхуд намудани донишҳои фарогир вобаста ба касбу ихтисос доро мегарданд. Талабот ба ин шакли таҳсилот фаъолияти мунтазами таҳсилотӣ ва иқтидори зеҳниву моддии муассисаҳоро низ баланд менамояд. Шумораи донишҷӯёни шакли рӯзона дар давраи солҳои 2010-2020 аз 28,9 то 70,8 ҳазор нафар зиёд шуда, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯён аз 77 то 80,7 фоиз, яъне 3,7 банди фоизӣ афзудааст. Суръати рушди шумораи донишҷӯёни рӯзона нисбат ба шумораи донишҷӯёни ғоибона баланд мебошад: дар ин давраи таҳлилӣ шумораи донишҷӯёни рӯзона 41,9 ҳазор нафар зиёд шуда, сатҳи афзоиши он 244,9 фоизро ташкил додааст, шумораи донишҷӯёни ғоибона бошад 6,5 ҳазор нафар зиёд шуда, сатҳи афзоиш он 178,8 фоизро ташкил додааст.

Бояд қайд кард, ки пештар дастгирии давлатии донишҷӯён аз ҳисоби буҷет зиёд буд ва баъдан пайваста ба ворид шудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муносибатҳои бозорӣ ва афзудани талаботи бозории аҳолӣ, тамоюли коҳиши донишҷӯёни бахши буҷавӣ мушоҳида мешавад. Масалан, агар дар солҳои таҳсили 2010/2011 73,7 фоизи донишҷӯёни рузона аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил менамуданд, пас соли 2019/2020 ин нишондиҳанда 33,8 фоизро ташкил дод, яъне дар ин давра 39,8 банди фоизӣ кам шудааст. Дар шумораи умумии донишҷӯёни ғоибона агар соли таҳсил 2010/2011 донишҷӯёни буҷавӣ 62,1 фоизро ташкил медод, пас соли таҳсили 2019\2020 ин нишондиҳанда 30,6 фоизро ташкил дод, ки 31,5 банди фоизӣ кам шудааст.

Ҳамин тариқ, дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи донишҷӯёни шартномавӣ дар шумораи умумии донишҷӯёни рӯзона аз 26,3 то 66,1 фоиз ва шумораи донишҷӯёни ғоибона аз 37,9 то 69,4 фоиз афзудааст. Воқеан ҳам бо баробари афзудани даромади аҳолӣ бузургии хароҷоти онҳо баҳри пардохти

хизматрасониҳои таълимӣ дар маҷмӯи хароҷотҳои онҳо тамоюли афзоянда пайдо карда истодааст.

Дар умум, дар мамлакат бозори хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рушд ёфта истодааст ва дар танзими фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ механизмҳои бозорӣ нақши муҳим пайдо кардаанд. Дар ин бозори хизматрасониҳои таълимӣ муҳити рақобатӣ пайдо шудааст, ки он ба муҳаррики тавонои рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ табдил ёфтааст. Муассисаҳои ин низом дар ҷустӯҷӯи навгонӣ ва механизмҳои нави ташкили раванди таҳсилот ва тайёр намудани ихтисосҳои ба бозори меҳнат ҷавобгӯ саъю кӯшиш доранд.

Дар минтақаҳои мамлакат вобаста ба талаботи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва бозори меҳнати он зиёдшавии шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва афзудани донишҷӯёни он, низ мушоҳида мешавад. Ба истисноИ ВМКБ, дар дигар вилоятҳои мамлакат шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯёни он тамоюли афзуданро дорад.

**Ҷадвали 2.2. - Динамикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯёни он дар минтақаҳои мамлакат**

| Солҳо | 2014/2015 | | 2020/2021 | | Тағирот (+,-) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Муасси-саҳо, воҳид | Шумораи донишҷӯн | Муасси-саҳо, воҳид | Шумораи донишҷӯн | Муасси-саҳо, воҳид | Шумораи донишҷӯн |
| **Дар мамлакат** | 60 | 59356 | 78 | 93531 | 18 | 34175 |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | |
| ВМКБ | 1 | 405 | 1 | 382 | | -23 |
| вилояти Хатлон | 12 | 16002 | 26 | 26064 | 14 | 10062 |
| вилояти Суғд | 19 | 16735 | 21 | 22519 | 2 | 5784 |
| ш.Душанбе | 12 | 14132 | 14 | 23303 | 2 | 9171 |
| НТҶ | 16 | 12082 | 16 | 21263 | | 9181 |

**Сарчашма:** Ҳисоб қарда шуд аз рӯи Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2018, с.61; Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2020, с.58

Чӣ тавре ки рақамҳои ҷадвали 2.2 нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2014- 2021 дар вилояти Хатлон шумораи коллеҷҳо аз 12 то 26 адад зиёд шуда, шумораи донишҷӯёни он аз 16,0 то 26,0 ҳазор нафар, яъне дар ин давра беш аз

10 ҳазор нафар зиёд шудаанд, ки 29,4 фоизи афзоиши шумораи донишҷӯёнро дар мамлакат ташкил медиҳад. Дар вилояти Суғд дар ин давраи таҳлилӣ шумораи коллеҷҳо 2 адад зиёд шуд, шумораи донишҷӯёни онҳо 5,8 ҳазор нафар зиёд шудааст, ки беш аз 17 фоизи афзоиши шумораи донишҷӯёнро дар мамлакат ташкил додааст. Дар давраи таҳлилӣ дар шаҳри Душанбе 2 коллеҷ зиёд шуда шумораи донишҷӯёни онҳо 14,1 то 23,3 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи онҳо дар афзоиши шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат 26,7 фоизро ташкил додааст. Дар НТҶ шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бетағйир мондааст, аммо шумораи донишҷӯёни онҳо қариб 9,2 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки қариб 27%-и афзоиши шумораи донишҷӯёнро дар мамлакат ташкил медиҳад. Воқеан ҳам тағйирот ва ё афзоиши шумораи коллеҷҳо ва донишҷӯёни онҳо вобаста ба сатҳи ҷойгиршавии захираҳои меҳнатӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳо сурат гирифтааст. Масалан, вилояти Хатлон минтақаи калонтарини мамлакат маҳсуб мешавад, мувофиқан афзоиши шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯёни он нисбат ба дигар минтақаҳо баланд мебошад.

Фаъолияти мунтазам ва устувори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз сатҳи талаботи ҷомеа ба хизматрасониҳои таълимӣ вобастагӣ дорад, ки он дар тамоюли қабули донишҷӯён инъикос меёбад.

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 2.3 нишон медиҳанд, дар давраи солҳои 2014-2021 шумораи қабули донишҷӯён ба коллеҷҳо дар мамлакат аз 23,9 то 33,2 ҳазор нафар ва ё беш аз 44,3 фоиз афзудааст. Дар минтақаҳои мамлакат, низ тамоюли афзоиши қабули донишҷӯён мушоҳида мешавад: дар давраи таҳлилӣ дар вилояти Хатлон шумораи қабули донишҷӯён аз 6104 то 8724 нафар ва ё 42,9% афзудааст; дар вилояти Суғд аз 6330 то 7295 нафар, яъне 15,2 %, дар ш. Душанбе аз 5656 то 7680 нафар, 33,7%. дар НТҶ бошад аз 4855 то 7360 нафар, яъне 51,6 % афзудааст. Чуноне, ки мебинем рушди баланди қабули донишҷӯён дар коллеҷҳои вилояти Хатлон (142,9) ва НТҶ (151,6%) мушоҳида мешавад. Соли 2020/2021 дар шумораи умумии қабули донишҷӯён вазни қиёсии

қолеҷҳои вилояти Хатлон 26,2%. вилояти Суғд -21,9%. ш. Душанбе -23,1%, НТҶ бошад 22,2 фоизро ташкил додааст. Дар ин давраи таҳлилӣ тамоюли болорави фақат вазни қиёсии шумораи қабули донишҷӯёни коллеҷҳои НТҶ мушҳида мешавад, ин нишондиҳанда 1,1 банди фоизӣ зиёд шудааст. Дар умум, тамоюли афзоиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба таҳсилоти миёнаи касбиро сатҳи дарки аҳолӣ оид ба зарурати гирифтани таҳсилоти касбӣ, шарти асосии дарёфти ҷойи кор ва ба даст овардани даромад мебошад, муаяйн намудааст.

**Ҷадвали 2.3. - Динамикаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар минтақаҳои мамлакат**

| Солҳо | Дар мамлакат | | ВМКБ | | Вилояти Хатлон | | Вилояти Суғд | | ш.Душанбе | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | наф. | % | наф. | % | наф. | % | наф. | % | наф. | % | наф. | % |
| 2014/2015 | 23080 | | 135 | 0,58 | 6104 | 26,4 | 6330 | 27,4 | 5656 | 24,5 | 4855 | 21,0 |
| 2015/2016 | 26146 | | 135 | | 6776 | | 7771 | | 5867 | | 5597 | |
| 2016/2017 | 23637 | | 84 | | 6440 | | 6532 | | 5254 | | 5357 | |
| 2017/2018 | 32534 | | 81 | | 7454 | | 6102 | | 5928 | | 5869 | |
| 2018/2019 | 26764 | | 71 | | 7008 | | 6576 | | 6837 | | 6272 | |
| 2019/2020 | 25423 | | 97 | | 6601 | | 6562 | | 6258 | | 5905 | |
| 2020/2021 | 33266 | 100 | 207 | 0,62 | 8724 | 26,2 | 7295 | 21,9 | 7680 | 23,1 | 7360 | 22,1 |
| Тағйирот, % | 144,3 | - | 153,3 | 0,04 | 142,9 | -0,2 | 115,2 | -5,5 | 135,7 | -1,4 бф | 151,6 | 1,1 бф |

**Ҳисоб карда шуд аз рӯи:** Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2021. – С. 63.

Натиҷаи ниҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шумораи хатми донишҷӯёни онҳо ҳамчун тайёр кардани мутахассисони касбии сатҳи миёна ифода меёбад. Яъне, хатм ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ оид ба истифода ва ё харҷоти самараноки захираҳои молиявию модии онҳо шаҳодат медиҳад ва ҳиссаи онҳоро дар ташаккул ва рушди сармояи инсонии ҷомеа, соҳаҳои иқтисодиёт ифода мешавад. Рақамҳои ҷадвали 2.4. нишон медиҳад, ки дар мамлакат дар давраи солҳои 2014\2021 шумораи хатмкунандагони донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 11740 то 22370 нафар ва ё 90,5 % зиёд шудааст. Пас аз соли 2017 дар коллеҷҳои ВМКБ хатми донишҷӯён мушоҳида намешавад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ин вилоят дар арафаи барҳамхурӣ қарор дорад.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар минтақаҳои мамлакат**

| Солҳо | дар мамлакат | | ВМКБ | | вилояти Хатлон | | вилояти Суғд | | ш. Душанбе | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **наф.** | **%** | **наф.** | **%** | **наф.** | **%** | **наф.** | **%** | **наф.** | **%** | **наф.** | **%** |
| **2014/2015** | 11740 | 100 | 30 | 0,25 | 3776 | 32,1 | 2711 | 23,0 | 2243 | 19,1 | 2980 | 25,3 |
| **2015/2016** | 12093 | 100 | 155 | 1,28 | 3665 | 30,3 | 3332 | 27,5 | 2753 | 22,7 | 2188 | 18,0 |
| **2016/2017** | 12670 | 100 | 170 | 1,34 | 4284 | 33,8 | 3592 | 28,3 | 2479 | 19,5 | 2145 | 16,9 |
| **2017/2018** | 17179 | 100 | 0 | 0 | 4735 | 27,5 | 4857 | 28,2 | 4109 | 23,9 | 3478 | 20,2 |
| **2018/2019** | 19961 | 100 | 0 | 0 | 6318 | 31,6 | 4931 | 24,7 | 4489 | 22,4 | 4223 | 21,1 |
| **2019/2020** | 19677 | 100 | 0 | 0 | 5859 | 29,7 | 4851 | 24,6 | 5034 | 25,5 | 3933 | 19,9 |
| **2020/2021** | 22370 | 100 | 89 | 0,39 | 6428 | 28,7 | 5606 | 25,0 | 5476 | 24,4 | 4771 | 21,3 |
| **Тағйирот,%** | 190,5 | - | 296,6 | 0,14 | 170,2 | -3,4 | 206,7 | 1,96 | 244,1 | 5,37 | 160,1 | -4,0 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2020. – С. 64.

Дар шумораи хатми донишҷӯён коллеҷҳои вилояти Хатлон пешсаф мебошад. Дар ин давраи таҳлили шумораи хатм аз 3776 то 6428 нафар, ва 70,2 фоиз зиёд шудааст. Дар вилояти Суғд бшад соли 2021 5606 нафар донишҷӯён хатм намуланд, ки нисбат ба соли 2014 2 маротиба зиёд аст, дар ш.Душанбе дар ин давра хатми донишҷӯён аз 2243 то 5476 нафар ва ё 2,4 маротиба зиёд шудааст. Дар коллеҷҳои НТҶ хатми донишҷӯён аз 2980 то 4771 нафар ва ё 60,1% зиёд шудааст.

Дар соли 2021 вазни қиёсии хатми донишҷӯёни коллеҷҳои вилояти Хатлон дар шумораи умумии хатми донишҷӯёни мамлакат 28,7 фоизро ташкил дода нисбат ба соли 2014 3,4 банди фоизи кам шудааст. Ин нишондиҳадаҳо дар вилояти Суғд 25,0 фоизро ташкил дода, 1,9 банди фоизӣ зиёд шудааст. Коллеҷҳои ш.Душанбе 24,4 фоизи шумораи хатмкунандагони мамлакатро ташкил дода нисбат ба соли 2014 5,3 банди фоизӣ афзудааст

Соли 2020 ба коллеҷҳои НТҶ бошад 21,3 фоизи хатми донишҷӯёни мамлакат рост омадааст, аммо нисбат ба соли 2010 4 банди фоизӣ кам шудааст. Тағйироти сохтории манфӣ аз заиф гаштани фаъолияти онҳо, ки аз сатҳи заифи мутобиқатсозӣ бо бозори меҳнат, умуман муносибатҳои бозорӣ бармеояд, шаҳодат медиҳад.

Мақсади асосии таҳсилот ҳамчун раванди педагогӣ, рисолати он баланд бардоштани арзиши шахс ҳамчун шахсият, корманд, шаҳрванд мебошад. Бинобар он солҳои охир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тадриҷан қувваи кории зеҳни кишвар ҷалб шуда, суръати он сол аз сол меафзояд. Чуноне, ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.5 бармеояд, дар давраи солҳои 2014-2021 шумораи омӯзгорони таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 4500 то 6819 нафар, ва ё беш аз 51,5 фоиз зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2.5. - Динамикаи шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ**

| Нишондиҳндаҳо | 2014 / 2015 | 2015 / 2016 | 2016 / 2017 | 2017 / 2018 | 2018 / 2019 | 2019 / 2020 | 2020 / 2021 | 2020 / 2021 ба 2014 / 2015 дар % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | 4500 | 5119 | 5091 | 5188 | 5775 | 6381 | 6819 | 151,5 |
| **аз он ҷумла** | | | | | | | | |
| **Шумораи умумии омӯзгорони асосӣ** | 2469 | 2505 | 3282 | 3273 | 3914 | 4260 | 4768 | 193,1 |
| **дар фоиз** | 54,8 | 48,9 | 64,4 | 63,1 | 67,7 | 66,7 | 69,9 | 15,0 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 57.

Шумораи кормандони омӯзгорони асосӣ аз 2469 то 4768 зиёд шуда шумораи кормандони дуҷояи он кам шудааст. Дар ин давраи ҳиссаи омӯзгорони асосии он аз 54,8 то 69,9% ва ё 15 банди фоиз зиёд шудааст. Ин тамоюли мусби мебошад, зеро аз як тараф зиёдшавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ вобаста ба афзудани талаботи аҳолӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ва зиёд шудани шумораи муассисаҳои миёнаи касбӣ дар давраи таҳлилӣ сурат гирифтааст.

Аз тарафи дигар, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ низоми устувори ҳавасмандӣ ташаккул ёфтааст. Пеш аз ҳама тамоюли болоравии сатҳи музди меҳнати кормандони ин муассисаҳо мушоҳида мешавад, бинобар он вазни қиёсии кормандони дуҷоякор паст шудааст.

Тағйирёбии самтҳои афзалиятноки рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ, ки дар мақсаднок тайёр кардании мутахассисоне, ки аз ҷониби иқтисодиёт дар дурнамои дарозмуҳлат талаб карда шудаанд, накш ва аҳамияти маблағгузории давлатро муайян менамояд, ки ҳаҷми онҳо дар солҳои охир афзоиш ёфта истодааст. Дар тӯли солҳои истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ

рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таъмин карда шуд. Масалан, фақат дар давраи солҳои 2015-2021 ҳаҷми маблағгузории давлатӣ дар соҳаи маориф аз 2918,7 млн. сомонӣ то 5004,7 млн. афзоиш ёфт. Дар давраи мавриди таҳлил вазни холиси он дар хароҷоти умумии давлатӣ ба ҳисоби миёна 16%-ро ташкил дод[19]. Маблағгузории давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 83,1 то 260,9 млн. сомонӣ ва ё беш аз 3,1 маротиба афзудааст. Ҳиссаи маблағгузории давлатии ин соҳа дар ҳаҷми умумии маблғгузории соҳаи маориф дар давраи таҳлилӣ аз 2,8 то 4,6 фоиз ва ё беш аз 1,8 банди фоизӣ афзудааст (ҷадвали 2.6.).

Баланд бардоштани сатҳи даромаднокии иҷтимоӣ ва хусусӣ аз сармоягузорӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳа ҳамчун шарти калидӣ барои ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ хизмат мекунанд. Ислоҳоти низоми муносибатҳои мутақобила дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ташаккули заминаи дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ ва самтгирӣ ба баланд бардоштани дурнамои рақобатпазирии он танҳо дар натиҷаи ҳамкориҳои фаъоли ҳамаи субъектҳои бозор ва ба туфайли таҳияи стратегияи равшани муосиркунонии соҳа имконпазир мегарданд.

**Ҷадвали 2.6. Динамикаи хароҷоти давлатӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | с. 2021 нисбати с. 2015, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар соҳаи маориф | 2918,7 | 3146,2 | 3581,2 | 3863 | 4404,9 | 5004,7 | 5597,1 | 191,7 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| таҳсилоти миёнаи касбӣ | 83,1 | 100,2 | 140,2 | 146,8 | 176,9 | 222,4 | 260,9 | 313,9 |
| дар % | 2,8 | 3,18 | 3,9 | 3,8 | 4,0 | 4,4 | 4,6 | 1,8 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 218, 2021, 221.

Дар айни замон қисми муаяйни хароҷот барои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷониби давлат пардохт карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки замон маблағгузории давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ такмили низоми тақсимоти захираҳои буҷетии аз ҷиҳати марказонидашуда ҷудошавандаро дар

---

[19]Манбаъ: Статистический ежегодник Республики Таджикистан – 2020. – С. 499 – 506.

доираи шаклҳои нави ҳамкориҳои тамоми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ талаб мекунад. Алҳол ҳаҷми маблағгузории буҷавии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ нисбатан баланд аст: дар давраи солҳои 2015-2020 маблағгузории давлатии ин соҳа аз 477,1 то 781,5 млн сомони зиёд шудааст[20].

Маблағгузории буҷетии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз афзоиши тадриҷии ҳиссаи хароҷот барои таҳсилот, дар маҷмӯъ, ва барои таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла, гувоҳӣ медиҳад. Чунин тағйирёбии хароҷоти буҷет, пеш аз ҳама, бо он шарҳ дода мешавад, ки афзалиятҳои таҳсилоти олӣ дар ҷомеа бештар аст; мутаносибан хароҷоти давлат барои дастгирии таҳсилоти олӣ тамаркуз мешаванд.

Аз тарафи дигар, барои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки масъулият барои маблағгузории он тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ ба буҷетҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ вогузор карда шудааст, маблағгузории кифоя амалӣ карда намешаванд. Чунин муносибат дар тақсимоти захираҳои мутамарказ камсамарабахш ба назар мерасад. Ба назари мо, дар айни замон талошҳои давлат бояд ба барқарорсозии нуфузи таҳсилоти миёнаи касбӣ равона карда шавад. Дар кишвар «дастҳои корӣ», муҳандисони сатҳи миёнаи таҳсилот намерасанд. Таҳлили вазъи кунунӣ дар бозори меҳнат, аз ҷумла дар корхонаҳои давлатӣ, аз нарасидани мутахассисони ктахассуси миёна шаҳодат медиҳад. Ташаккули фармоиши давлатӣ барои чунин мутахассисон ва маблағгузории мутамаркази дахлдор метавонанд дар дурнамои миёнамуҳлат сифати тайёркунӣ ва таҳсилоти кормандонро беҳтар кунанд, ки ба мувозинати тақозо ва арза дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд.

Талаботи рӯзафзуни низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки ба зарурати навсозӣ асос ёфтаанд, тағйирот дар сохтори манбаъҳои маблағгузорӣ ва ҷалби фаъоли захираҳои ғайрибуҷетиро ба соҳа талаб мекунанд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ, бо вуҷуди он ки сармоягузории хусусӣ дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ рӯ ба афзоиш аст, он дар сатҳи ҳадди ақал қарор дорад. Ин вазъият, аз як тараф, бо сабаби сатҳи пасти даромади қисми асосии

[20] Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 218.

шаҳрвандон ва аз тарафи дигар, мавҷуд набудани механизмҳои самараноки қарздиҳӣ барои гирифтани таҳсилоти касбӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тавр, бо даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ 5708,6[21] сомонӣ дар як сол қисми зиёди даромад бояд ба пардохтҳои хизматҳои таҳсилотӣ сарф карда шаванд. Зеро ба ҳисоби миёна хароҷоти таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи ксбӣ тақрибан 2000-2500 сомониро дар як сол ташкил медиҳанд. Муқоисаи хароҷоти таҳсил бо маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ тафовути зиёди ҳудудии даромадро нишон медиҳад: дар ҷумҳурӣ минтақаҳое ҳастанд, ки маблағи умумии мол ва хизматрасониҳои аз ҷониби шахс истеҳсолшуда ва фурӯхташуда (масалан, хоҷагиҳои фермерӣ) нисбат ба маблағе, ки ӯ бояд барои гирифтани таҳсилот сарф кунад 1-1,5 маротиба камтар аст. Ҳамин тариқ, таҳсил дар ҷумҳурӣ барои ҳар як оилаи алоҳида гарон рост меояд.

Маҳз бо сатҳи пасти даромадҳо ҳиссаи начандон калони хароҷоти хонаводаҳо барои таҳсилот тавзеҳ меёбад. Илова бар ин, дар сурати мавҷуд набудани омори эътимодноки давомнок оид ба меъёри самарабахши таҳсилоти хусусӣ ва ҳангоми бозори босуръат тағйирёбандаи меҳнат барои фард интихоб ба нафъи сармоягузори захираҳои озод ба таҳсилот барои афзоиши даромади оянда мушкил аст. Тавре ки дар боби аввал қайд карда шуд, ангезаҳо барои гирифтани таҳсилоти касбӣ аксар вақт ангезаҳои ғайримустақим (мушкилот дар интихоби ихтисос, ангезаҳои иҷтимоӣ) ва на ҳисобу китоби мустақими самаранокии сармоягузориҳои хусусӣ ба сармояи инсӣ ва зеҳнии худ мебошанд - хароҷоти хонаводаҳо барои таҳсилот 2% аз ҷамъи умумии хароҷотро ташкил дода, дар солҳои охир динамикаи суст ифодаёфтаро доранд. Соли 2020 хароҷоти таҳсилот дар як моҳ 2,61 сомониро ташкил дод, ки ба 3,8 % хароҷот ба пардохти хизматрасониҳои шахсӣ рост омад (ҷадвали 2.7.).

[21] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон- 2021. – С. 111.

**Ҷадвали 2.7. - Хароҷот барои пардохти таҳсилот, ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар як моҳ, бо сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Афзоиш (-, +)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷот барои пардохти хизматрасониҳои шахсӣ | 34,63 | 35,04 | 38,75 | 44,78 | 51,04 | 62,57 | 68,34 | 33,71 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Пардохт барои таҳсилот | 2,38 | 2,95 | 3,52 | 4,31 | 4,41 | 6,1 | 2,61 | 0,23 |
| бо % | 6,9 | 8,4 | 9,1 | 9,6 | 8,6 | 9,7 | 3,8 | -3,1 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷетҳои хонаводаҳо – Душанбе, 2021. – С. 63 - 64.

Тафовути баланди даромади аҳолӣ фарқиятҳои назаррасро дар сатҳи хароҷот барои таҳсил дар гурӯҳҳои аз рӯйи даромад гуногуни аҳолӣ боис мешавад. Вобаста аз болоравии мақоми иҷтимоӣ, афзоиши хароҷот барои таҳсил ба назар мерасад. Хароҷоти бештарро барои таҳсилот гурӯҳи аҳолӣ бо даромади миёнамоҳонаи тахминан 800 сомонӣ барои як нафар нишон медиҳад; ин гурӯҳ барои таҳсил 2,3% хароҷоти худро сарф мекунад. Чунин тафовути қавии даромади аҳолӣ фарқияти баландро дар дастрасии таҳсилот нишон дода, аз зарурати коркарди муносибатҳои мухталиф ба дастгирии давлатии оилаҳои камбизоат дар гирифтани таҳсилот гувоҳӣ медиҳад.

Айни замон низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳам аз ҷиҳати тавсеаи манбаъҳои маблағгузорӣ, ҳам аз ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии тақсимоти маблағҳои мавҷудаи буҷетӣ ба дигаргунӣ ниёз дорад. Амалан дар ҳамаи кишварҳо тамоми категорияҳои коллеҷҳо ба иштирок дар озмунҳо доир ба гирифтани воситаҳои буҷетӣ, ки барои барномаҳои таълимӣ ва барномаҳои рушд истифода мешаванд, роҳ дода мешаванд. Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ бисёре аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз имкони иштирок дар озмун оид ба тақсими маблағҳои буҷетӣ маҳруманд, ки ин шароити нобаробар оғозёбандаро эҷод карда, ба рушди рақобат дар бозор мусоидат расад, ки ба рушди муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби тақвияти тиҷоратикунонии фаъолият мусоидат менамояд. Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2.8 бармеояд, дар солҳои 2014-2020 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ зиёда аз 30,7% афзуда, хизматрасониҳои пулакии таълимӣ зиёда аз 2 маротиба афзоиш ёфта, зариби пешравӣ 1,5-ро ташкил дод.

**Ҷадвали 2.8. - Динамикаи талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Афзоиш нисбати соли 2014, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: хизматрасониҳои пулакӣ, млн. сомонӣ | 10099,9 | 9615,8 | 10033,7 | 10884 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 | 130,7 |
| Хизматрасониҳои пулакии таълимӣ, млн. сомонӣ | 903,4 | 990,2 | 1173,8 | 1354,8 | 1576,5 | 1761,1 | 1841,1 | 203,8 |
| Ба % нисбати ҳамаи хизматрасониҳои пулакӣ | 8,94 | 10,29 | 11,69 | 12,44 | 12,99 | 13,56 | 13,9 | 4,96 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 643.

Дар давраи баррасишаванда ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таълимӣ аз 903,4 то 1841,1 млн. сомонӣ, вазни холиси он аз 8,94 то 13,9, афзоиш ёфт, яъне афзоиш зиёда аз 4,96 банди фоизиро ташкил дод. Ҳамин тариқ, аҳолии хонаводаҳо пас аз қонеъ гардонидани «талаботи рӯзмарраи» худ, пас ба таҳсилот талабот зоҳир мекунад, аз ин рӯ, ҳаҷми талаботи бозории аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ босуръат рушд меёбад, ки ин ба як манбаи муҳими рушди таҳсилот мубаддал мегардад.

Дар ҷумҳурӣ ҳиссаи асосии захираҳои ғайрибуҷетии сармоягузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар воридот аз пардохти таълим ва биноҳои ба иҷора супоридашаванда асос меёбад. Равшан аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд сиёсати ҷалби сармоягузории хусусиро таҷдиди назар карда, стратегияҳои мутобиқшавиро ба коҳиш додани дастгирии молиявии давлатӣ таҳия ва татбиқ намоянд, ки инҳоро пешбинӣ менамоянд:

- диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ ва афзоиши ҳиссаи ғайридавлатии он;

- истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои молиявии воридшаванда ва захираҳои мавҷуда;

- такмили стандартҳои таълим ва ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳое, ки ба дастгирии воқеии давлатӣ умед бастан имкон медиҳанд;

Дар миёни манбаъҳои ғайридавлатии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инҳоро истифода бурдан мумкин аст:

- ҷалби муштариёни корпоративӣ ба фаъолияти коллеҷҳо барои гузаронидани тадқиқоти илмиву амалӣ, конструкторӣ;

- иштироки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар кластерҳои гуногуни соҳаҳои иқтисодӣ;

- густариш додани соҳаҳо ва шаклҳои нави фаъолияти таълим, ки дар асоси пулакӣ амалӣ карда мешаванд (таҳсили фосилавӣ, таҳсилоти давомдори калонсолон ва ғайра);

- истифодаи хайрияҳои хусусӣ (масалан, дар ИМА ҳиссаи миёнаи хатмкунандагоне, ки муассисаҳои таҳсилотии худро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ мекунанд, ба ҳисоби миёна 20% -ро ташкил медиҳад).

Дар робита ба такмили низоми маблағгузории буҷетӣ усули маблағгузории сарикасии муассисаҳои таълимӣ аҳамияти махсус дорад, вақте ки захираҳои пулӣ ба муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ на ба таври умумӣ, балки вобаста аз нишондиҳандаи мушаххас - шумораи донишҷӯёни таълимгиранда ҷудо карда мешаванд.

Ба назари мо, муқаррарсозии вобастагии маблағгузории буҷетии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз нишондиҳандаҳои зерини кори онҳо дурусттар аст:

- ҳайати омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидошта ва соҳибтаҷриба;

- шумораи ғолибони олимпиадаҳо, озмунҳои касбӣ ва шумораи ихтироот;

- шумораи нашрияҳои корҳои илмию таҳқиқотии иҷрошаванда.

Дар ин ҳолат дар сармоягузор, аз ҷумла дар сармоягузори давлатӣ, имконияти ҳамаҷониба ва холисона арзёбӣ кардани фаъолияти муассисаи таълимӣ пайдо мешавад.

Механизми дигари тақсимоти маблағгузории давлатӣ бояд дар асоси фармоишҳо барои мутахассисон бошад. Агар дар сатҳи минтақавӣ ё маҳаллӣ мутахассисони тахассуси муайян талаб карда шаванд, пас фармоиш ва маблағгузории буҷетии дахлдор бояд бо шартҳои баробар бо фармоишоти сохторҳои хусусии тиҷоратӣ таъмин карда шаванд. Воситаҳои иловагиро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии давлатӣ барои барномаҳои рушд - ба сифати сармоягузориҳои асосӣ: барои сохтмон, хариди таҷҳизоти гаронарзиш гирифта метавонанд.

Тағйирот дар сиёсати маблағгузорӣ назаррас буда, коҳиш ва рафъи дастгирии барномаҳои таҳсилоти пастсифат ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пешбинӣ менамоянд. Коллеҷҳое, ки таҳсилоти босифатро кафолат медиҳанд, бояд аз давлат маблағҳои бештар гиранд. Имрӯз, тибқи арзёбии коршиносон, аз 10% то 30% коллеҷҳои дар вилоятҳои гуногун ба талаботи сифат ҷавобгӯ нестанд. Дар шароити рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ зарурати нигоҳ доштани маблағгузории давлатӣ барои ихтисосҳое, ки барои онҳо талаботи оммавӣ вуҷуд надорад, танҳо дар доираи фармоиши махсуси буҷетӣ, ки бо талаботи иқтисодиёт ба миён омадаст.

Чи тавре, ки таҳлилҳои боло нишон дод, дар айни замон таҳсилоти шартномавии миёнаи касбӣ инкишоф ёфта истодааст. Ба назари мо, таҳсилоти шартномавӣ - ин на як дурнамои имконпазир, балки аллакай воқеияти мавҷуда мебошад. Ҳамзамон, вазифаи муҳим фароҳам овардани чунин шароит барои қишрҳои камдаромади аҳолӣ (тавассути қарзҳо, имтиёзҳо) ба назар мерасад, ки зимни онҳо таҳсилот барои онҳо дастрас боқӣ монад.

Афзоиши сармоягузориҳои хусусии аҳолӣ барои гирифтани таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла бо ҷалби захираҳои қарзӣ ва субсидияҳо, бояд бо кафолати шуғл аз рӯйи ихтисоси хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дастгирӣ карда шавад. Танҳо ҳангоми мавҷуд будани боварии довталаби оянда ба дарёфти ҷойи кор бо ҷуброни дахлдори музди меҳнат сармоягузориҳои хусусии «умумӣ»-ро ба соҳаи таҳсилоти касбӣ зиёд кардан мумкин аст.

Ҷавононе, ки таҳсилоти босифат ва дурнамои хуби кор мегиранд, бешубҳа, бояд ҳадди ақал қисман ба давлат хароҷотро барои таълим ҷуброн намоянд. Ҳамин тавр, пардохти яквақтинаи хароҷотро барои таълим аз ҷониби корхонае, ки мутахассиси ҷавонро ба кор қабул мекунад, пешбинӣ кардан мумкин аст. Ба кор гирифтани мутахассиси соҳибихтисоси талабшавандаи корхона одатан барои корхонаҳо мушкил аст: дарёфти иттилоот барои пайдо кардани мутахассис, пардохти хадамоти агентиҳои кадрӣ хароҷотнок аст. Агар хатмкунанда ба ҳайси корманд мавриди таваҷҷуҳи корхона бошад, пас аз

ҷиҳати иқтисодӣ ҷубронҳои ба муассисаи таҳсилоти миёна барои тайёр кардани чунин мутахассис аз ҷониби корхона асоснок мебошанд.

Пардохти маблағи таҳсилро донишҷӯ метавонад дар вақти таълим, агар ӯ захираҳои шахсӣ ё ҷалбшуда дошта бошад, ё баъди гирифтани ихтисос ва ёфтани ҷои кор мустақилона амалӣ кунад. Дар амалияи ҷаҳонӣ қарздиҳии таҳълимӣ васеъ паҳн шудааст, ин дар ҳолатест, ки донишҷӯён қарзро тадриҷан бо шартҳои қаблан мувофиқашуда пардохт мекунанд. Варианти дигари ҷолиб ин таҷрибаи паҳнкунии ҳатмӣ мебошад, ки дар муддати тӯлонӣ дар бисёр кишварҳои ИДМ ба кор бурда мешуд. Мутахассисоне, ки аз ҳисоби давлат таҳсил карда, имконияти фавран баргардонидани маблағҳои гузошташударо надоранд, метавонанд дар муддати якчанд сол (3-5 сол) дар корхонаҳои давлатӣ кор кунанд. Пеш аз ҳама, ин ба мутахассисоне дахл дорад, ки тибқи фармоиши давлатӣ таҳсил кардаанд. Ҳамзамон, шарти ҳатмии татбиқи чунин механизм бояд музди меҳнати мувофиқ бошад.

Масъалаи мубрами таҳсилоти ватанӣ такмил ва нигоҳ доштани ҳайати амалкунандаи омӯзгории мавҷуда маҳсуб меёбад. Беҳтар кардани сифати таҳсилот заминаи асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар маҷмӯъ мебошад. Дар вазъияти бавуҷудомада, вақте ки талабот аз таъминоти тахассусӣ хеле пеш рафтааст, бо сабаби кам будани музди меҳнат хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна аз рӯи ихтисоси худ кор намекунанд, аз ин рӯ механизмҳои ҳавасмандгардониро таҳия кардан зарур аст. Истифодаи фишангҳои молиявӣ, аз қабили баланд бардоштани музди меҳнат, имконияти ба даст овардани даромади иловагӣ (кори изофӣ бо донишҷӯён, омодасозии довталабон ба донишгоҳҳо) метавонад шавқро ба касби муайян зиёд кунад. Аммо омили асосии баланд бардоштани сифати таълим ва аз ин рӯ таҳсилот дар кишвар бояд рақобат байни довталабон барои ишғоли вазифаи омӯзгор бошад, маҳз он дар ташаккули насли сифатан нави педагогҳо нақши муайянкунандаро хоҳад бозид. Барои ин, албатта, норасоии омӯзгорон набояд вуҷуд дошта бошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Англияи муосир дастгирии махсус ба омӯзгорон ва кормандониояндаи бахши ҷамъиятии хадамоти тандурустӣ (National Health Service-Хадамоти миллии тандурустӣ ) амалӣ карда мешавад. Курсҳои зинаи олӣ (postgraduate), ки мақоми педагоги соҳибтахассусро медиҳанд, пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт карда мешаванд. Илова бар ин, бо мақсади ҳавасманд кардани педагоги оянда маоши таҷрибаомӯз ба маблағи 6000 фунт стерлинг дар як сол пардохт карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, низоми мавҷудаи маблағгузории таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ ба талаботи муосир ҷиҳати тақсими хатарҳо ҷавобгӯ набуда, самаранокии баланди боздеҳи маблағҳои буҷетиро таъмин намекунад. Низоми молиявии таҳсилоти касбии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ бо меъёри пасти сармоягузориҳои хусусӣ тавсиф меёбад.

Вазифаи тағйирнопазири ислоҳоти низоми маблағгузории таҳсилоти миёнаи касбӣ аз нав ба роҳ мондани манбаъҳои сармоягузорӣ, фароҳам овардани озодии бештар ба муассисаҳои таълимӣ дар истифодаи маблағҳои бадастомада ва ташвиқи ташаббусҳои сармоягузории хусусӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ иборат мебошад. Ҳадафҳои асосии идоракунии самараноки маблағгузории низоми таҳсилоти касбӣ ноил шудан ба меъёри мусбати боздеҳи иҷтимоӣ; таъмини дастрасии баробар ба захираҳои буҷетӣ ва тақсимоти онҳо дар асоси меъёрҳои объективӣ; баланд бардоштани дастрасии таҳсилоти касбӣ тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои қарзӣ ба шумор мераванд.

## 2.2. Арзёбии вазъи таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

Аз миёнаҳои асри XX дар низоми маблағгузории таҳсилоти касбии кишварҳои пешрафта дигаргуниҳои назаррас рух доданд. Тамоюли коҳиши ҳиссаи захираҳои буҷетӣ ва афзоиши вазни холиси маблағҳои ғайрибуҷетӣ дар маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, коллеҷҳо қисман бо афзоиши хароҷоти аз нав таҷҳизонидани технологии муассисаҳо, дар ҳолати хуб нигоҳ

доштани воситаҳои асосӣ, зиёд кардани ҳайати омӯзгорӣ ва сатҳи музди меҳнати омӯзгорон алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди ин, дар кишварҳои пешрафтаи Ғарб нақши истисноиро дар таъмини молиявӣ ва назорати таҳсилот ҳанӯз ҳам давлат мебозад.

Афзоиши хароҷот барои коллеҷҳо ҳамчун падидаи мусбат, ки ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат мекунад, шарҳ дода мешавад. Ҳамзамон буҷети давлатӣ барои пурра таъмин кардани талаботи таҳсилоти касбӣ қодир нестанд. Маблағгузории давлатии соҳаи маориф дар аксари кишварҳои пешрафта ба ҳадди ниҳоии имконпазир (6% аз ММД) тамоюли афзоянда дорад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаъҳои воридшавии захираҳои молиявӣ ба соҳаи маориф хеле гуногунанд. Онҳо аз воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои худи муассисаҳои таъилимӣ ташаккул меёбанд. Дар навбати худ, фондҳои ғайрибуҷетӣ аз фондҳои шуғл, суғуртаи иҷтимоӣ ва ғайра, ташкилотҳо, аҳолӣ ва манбаъҳои хориҷӣ ташаккул меёбанд.

Маблағгузории буҷетӣ аз ҳисоби воситаҳои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷетӣ бо истифодаи механизми азнавтақсимкунии байнибуҷетӣ амалӣ карда мешавад. Муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз рӯйи шакли ташкилию ҳуқуқии худ метавонанд давлатӣ ва ғайридавлатӣ бошанд. Аз нуқтаи назари манбаъҳои маблағгузорӣ муассисаҳои таълимиро метавон ба як гурӯҳ муттаҳид кард, зеро маблағгузории онҳо дар ягонагии буҷети давлатӣ асос ёфта, ҳам буҷети ҷумҳуриявӣ, ҳам маҳаллиро дар бар мегиранд.

Мувофиқи санади қонунгузорӣ дар бораи буҷети давлатии ҷумҳурӣ маблағгузории муассисаҳои таълимӣро аз буҷети сатҳҳои мухталиф, ки муассисаи дахлдори таълимӣ ба он тааллуқ дорад, амалӣ кардан мумкин аст. Сохтори хароҷот барои соҳаи маориф, аз ҷумла барои соҳаи таҳсилоти касбӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз рӯи сатҳҳои таҳсилот ва низоми буҷетӣ дар ҷадвали 2.9. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.9. Маблағгузории давлатии соҳаи маориф аз рӯйи низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| | 2015 | | 2020 | | Тағйирот (+, -) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳуриявӣ | Маҳаллӣ | Ҷумҳуриявӣ | Маҳаллӣ | Ҷумҳуриявӣ | Маҳаллӣ |
| Хароҷот - ҳамагӣ | 7239,3 | 4991 | 11034 | 7462,6 | 3794,7 | 2471,6 |
| Бо % | 43,6 | 30,1 | 44 | 29,8 | 0,4 | -0,3 |
| Аз ҷумла | | | | | | |
| Дар соҳаи таҳсилот | 549,1 | 1912 | 775,4 | 3155,5 | 226,3 | 1243,5 |
| Бо % | 21,6 | 75,3 | 18 | 73,2 | -3,6 | -2,1 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 672 - 677.

Тавре ки аз маълумоти дар ҷадвали 2.9 овардашуда дида мешавад, дар давраи солҳои 2015-2020 суръати рушди ҳаҷми хароҷоти буҷети маҳаллӣ (1,5 маротиба) нисбат ба суръати хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ паст аст, ки ин аз афзоиши нақши буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳад. Таъмини соҳаи таҳсилот, аз ҷумла дар муассисаҳои минтақавии таҳсилоти миёнаи касбӣ асосан ба зиммаи буҷети маҳаллӣ вогузор карда мешавад. Агар дар соли 2015 75,3% маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ амалӣ шуда бошад, пас дар соли 2020 ин нишондиҳанда 73,2%-ро ташкил дод, яъне ба 2,1 банди фоизӣ поён рафтааст. Ҳиссаи маблағгузории аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, низ ба 0,3 банди фоизӣ поён рафтааст. Ин ҳолат водор месозад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ механизмҳои дарёфти маблағҳои ғайрибуҷетиро дарёбанд.

Ҳамин тариқ, қисми муяйни маблағҳои буҷети маҳаллӣ ба дастгирии соҳаи таҳсилоти касбӣ нигаронида шудааст. Аммо маблағгузории буҷавӣ дар минтақаҳои мамлакат тамоюли пастравӣ дорад. Чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвали 2.2.2. аён аст, дар давраи солҳои 2013-2020 шумораи донишҷӯёни шакли буҷавии коллеҷҳои ВМКБ 23 нафар кам шуда, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯён 14,9 банди физи кам шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи вилояти Хатлон бошад шумораи донишҷӯёни буҷавӣ аз 2954 то 2002 нафар, яъне 952 нафар кам шудааст. Ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯён аз 67,3 то 31,9 фоиз, яъне 19,4 банди физи кам шудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Шумораи донишҷӯёни (рӯзонаву ғоибонаи) буҷавӣ дар коллеҷҳои минтақаҳои мамлакат**

| Минтақаҳо | *2013* | | | *2020* | | | *Тағироти дар таҳсилоти донишҷӯёни буҷавӣ (+,-)* | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳамагӣ** | **Буҷавӣ** | **Бо фоиз** | **Ҳамагӣ** | **Буҷавӣ** | **Бо фоиз** | **Буҷавӣ** | **Бо фоиз** |
| **ВМКБ** | 155 | 120 | 77,4 | 97 | 97 | 62,5 | -23 | -14,9 бф |
| **вилояти Хатлон** | 4908 | 2954 | 60,2 | 4303 | 2002 | 40.8 | -952 | -19,4 бф |
| **вилояти Суғд** | 5500 | 3152 | 57,3 | 6531 | 2086 | 31,9 | -3414 | -25,4 бф |
| **ш. Душанбе** | 4583 | 2125 | 46,3 | 6108 | 2264 | 37,0 | 139 | -9,3 бф |
| **НТҶ** | 4044 | 2341 | 57,9 | 5188 | 1787 | 34,4 | -554 | -23,5 бф |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2014, с. 216-217;Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2020, с.100-101

Бузургии баланди коҳиши донишҷӯёни буҷавӣ дар коллеҷҳои вилояти Суғд мушоҳида мешавад: дар ин давраи таҳлилӣ шумораи онҳо 3414 нафар кам шуда, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯён ба 25,4 банди фоизи кам шудааст. Дар коллеҷҳои шаҳри Душанбе ҳарчанд шумораи донишҷӯёни буҷавӣ 130 нафар зиёд шуда бошад ҳам, аммо ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯён ба 9,3 банди фоизӣ кам шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии НТҶ бошад шумораи донишҷӯёни буҷавӣ аз 2341 то 1787 нафар, яъне 554 нафар кам шудааст, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯён ба 23,5 банди фоизӣ кам шудааст. Дар мамлакат низ тамоюли пастравии шумораи донишҷӯёни буҷавӣ мушоҳида мешавад. Дар давраи солҳои 2011-2020 сатҳи рушди шумораи донишҷӯёни буҷавӣ 107,9 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба сатҳи рушди шумораи умуми донишҷӯён (219%) ва сатҳи рушди донишҷӯёни шартномавӣ (434,5%) мувофиқан 2 ва 4 маротиба паст мебошад. Афзоиши шумораи умумии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асосан аз ҳисоби донишҷӯёни шартномавӣ, ки дар давраи таҳлили беш аз 4,3 маротиба афзудааст, ба вуқӯъ омадааст (ҷадвали 2.11.).

**Ҷадвали 2.11. - Шумораи донишҷӯёни (рӯзонаву ғоибона) -и буҷавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат**

| Солҳо | Шумораи донишҷӯён, нафар | аз он ҷумла | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Буҷавӣ | Бо фоиз | Шартномавӣ | Бо фоиз |
| **2011 / 2012** | 40095 | 26481 | 66,04 | 13614 | 33,95 |
| **2012 / 2013** | 42277 | 26072 | 61,66 | 16205 | 38,33 |
| **2013 / 2014** | 43777 | 27142 | 62,0 | 16635 | 37,99 |
| **2014 / 2015** | 59356 | 32354 | 54,5 | 27002 | 45,49 |
| **2015 / 2016** | 68325 | 34393 | 50,33 | 33932 | 49,66 |
| **2016 / 2017** | 73333 | 32946 | 44,92 | 40387 | 55,07 |
| **2017 / 2018** | 80432 | 31194 | 38,78 | 49238 | 61,21 |
| **2018 / 2019** | 85579 | 30501 | 35,64 | 55078 | 64,35 |
| **2019 / 2020** | 87696 | 28606 | 32,61 | 59090 | 67,38 |
| **Тағйирот, мутлақ, нафар** | 47601 | 2125 | 4,4 | 45476 | 95,53 |
| **Бо фоиз** | 219 | 107,9 | -33,6 бф | 434,5 | 33,6 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2.) – Душанбе 2020. – С. 58.

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 2.11 нишон медиҳад дар давраи солҳои 2011-2020 ҳиссаи донишҷӯёни буҷавӣ дар шумораи умумии донишҷӯён аз 66,2 то 32,6 фоиз, яъне ба 33,6 банди фоизӣ поён рафтааст, мутобиқан ҳиссаи донишҷӯёни шартномавӣ ба 33,6 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Гумон мекунем, ки пайваста бо омӯзиши чунин тамоюл раванди кам кардани маблағгузории буҷетӣ, низ ба вуҷуд омадааст. Аммо, бояд таъкид намуд, ки заруати коркарди таносуби оқилонаи маблағгузориҳои буҷетӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ, бахусус миёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, ки самаранокии истифодаи онҳоро таъмин менамояд, ба миён омадааст. Зеро, ки бо маблағгузории ҷомеаву давлат барои таҳсилоти касбии сатҳи олӣ, айни замон чандон самаранокӣ надорад: маслан, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бинобар он камёфтии ҷойи кор аз рӯи ихтисос дар вазифаҳое кор менамоянд, ки он аслан барои мутахассиси сатҳи миёнаи касбӣ мувофиқ аст, пас ин ҷо боздиҳии маблағгузорӣ барои тайёр намудани мутахассиси сатҳи олӣ рӯи кор намеояд. Бинобар он муҳимияти ташкили маблағгузории мақсадноку самараноки давлатӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ, аз он ҷумла дар таҳсилоти миёнаи касбӣ дар марҳалаи гузариши мамлакат ба иқтисодиёти

навъи индустриаливу аграрӣ меафзояд, ки асоснок намудани он дар поён сурат мегирад.

Вобаста ба ин дар мамлакат механизми маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ суръат гирифта истодааст. Чи тавре, ки маълумоти ҷадвали 2.12. нишон медиҳад, хароҷоти миёнаи буҷет ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давраи солҳои 2017-2021 аз 1921 то 2527 сомони расидааст, ва ё беш аз 21,1% афзудааст. Маблағгузории буҷавӣ ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти олии касбӣ бошад аз 3330 то 3443 сомонӣ расидааст. Воқеан ҳам ҳиссаи маблағгузории ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти миёнаи касбӣ нисбат ба маблағгузории ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти олии касбӣ дар ин давраи таҳлилӣ 57,6 то 73,4% ва 15,8 банди фоизӣ афзудааст. Ин тамоюл дар сураъти пешрафти рушди маблағгузорӣ ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти миёнаи касбӣ нисбат ба маблағгузории ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти олии касбӣ инъикос ёфтааст (ҷадвали 2.12.).

**Ҷадвали 2.12. - Хароҷоти миёнаи буҷет ба як нафар донишҷӯй**

| Нишондиҳандаҳо | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 | С.2020-2021 нисбат ба с 2017-2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти миёнаи касбӣ | 1921 | 1835 | 2057 | 2527 | 121,1 |
| Ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти олии касбӣ | 3330 | 3157 | 3478 | 3443 | 103,4 |
| Таносуб, % | 57,6 | 58,5 | 58,5 | 73,4 | 15,8 бф |

**Сарчашма: Маҷмаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 234.**

Ҳамин тариқ дар мамлакат оқилона намудани таносуби маблағгузорӣ сурат гирифтааст, ки ин раванд доир ба таваҷӯҳи хосаи давлат ба тайёр намудани кадрҳои зинаи миёна, ки нуфузи онҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт баланд мебошад, шаҳодат медиҳад. Зимнан бояд қайд намуд, ки дар низоми таҳсилоти касбӣ, ғайр аз буҷети давлатӣ, инчунин барои татбиқи барномаҳои мақсаднок ва лоиҳаҳои миллӣ дар соҳаи маориф маблағҳо ворид мешаванд. Чуноне, ки дар боло қайд намудем, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ асосан аз ҷониби мақомоти л ҳокимияти давлатӣ ва вазорату кумитаҳои алоҳида идора шуда, қисми муаяйни онҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Вале, дар мавриди тағйирот дар чараёнҳои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ хулоса баровардан мушкил аст, зеро маълумоти ҳисоботи аниқ мавчуд намебошад. Дар тачрибаи чаҳонӣ шаклҳои асосии маблағгузории бучетӣ субсидияҳо ва субвенсияҳо, ухдадориҳои давлати номии молиявӣ, стипендияҳо, маблағҳои барномаҳои мақсаднок боқӣ мемонанд. Субсидия ва субвенсияҳои давлатӣ барои маблағгузории тайёркунии мутахассисон мутобиқи талаботи мушаххаси мақомоти давлатӣ истифода мешаванд.

Чун қоида, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо муассисаҳои таълимӣ шартномаҳо баста, ба ин тариқ дар нақши фармоишгар амал мекунанд. Ҳангоми ичро нагардидани шартҳо аз чониби ягон тараф, субсидия бояд ба бучет баргардонида шавад. Ҳадафҳо ва соҳаи истифодаи субсидияҳо ва субвенсияҳои давлатӣ воқеан ба қабули мақсадноки донишчӯён, ки барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии идоракунӣ ташкил карда шуд, мувофиқат мекунанд. Иваз намудани қабули мақсаднок бо субсидия ва субвенсияҳои давлатӣ масъулияти иқтисодии ин мақомоти идоракунандаро, ки ба сифати фармоишгарон амал мекунанд, барои бо чои кор таъмин намудани хатмкунандагон аз рӯи ихтисос, ва масъулияти донишчӯёнро барои ичрои шартҳои шартнома оид ба кор кардани мухлати муайян пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо роҳхати фармоишгар баланд мебардорад.

Набудани чунин масъулият ба он оварда расонид, ки имрӯз қисми ночизи донишчӯёне, ки дар доираи қабулкунии мақсаднок таҳсилоти миёнаи касбиро гирифтаанд, ба он чое, ки аз он барои таҳсил роҳхат гирифтаанд, ба кор бармегарданд. Дар натича, захираҳои бучетӣ ғайрисамаранок истифода бурда мешаванд.

Чорикунии субсидияҳо ва субвенсияҳои давлатӣ бояд ба самаранокии захираҳои сарфшавандаи мутамарказонида таъсири мусбат расонад. Аммо, худи механизми иқтисодии кумаки молиявии давлатӣ ҳанӯз ҳам коркарди чиддӣ ва шояд истифодаи озмоиширо талаб мекунад.

Бинобар он татбиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба мисли ӯҳдадориҳои давлатии номии молиявӣ (УДНМ) ба мақсад мувофиқ аст. УДНМ - ин механизми маблағгузории мустақими буҷетии хароҷоти ҷории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад, ки бо интихоби шахс алоқаманд буда, аз қобилиятҳои фардии ӯ вобаста аст. Ин механизм бояд дар низоми озмоишӣ дар баъзе минтақаҳои кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сайқал дода шавад.

УДНМ – ин механизми маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба миқдор ва "сифати" донишҷӯёни дохилшуда ва таҳсилгиранда мебошад. Ғояи асосии ухдадориҳои номии молиявӣ аз дастгирии таҳсил довталабоне дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад, ки истеъдод ва қобилиятҳои худро тавассути низоми мустақили тестӣ исбот кардаанд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун ё ҳам дар шакли имтиҳони ягонаи давлатӣ, ҳам дар шакли олимпиадаҳои фаннӣ ё дар асоси озмун баргузор кардан мумкин аст. Ғояи асосӣ дар он аст, ки дастгирии буҷетиро ғолибан аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳои мустақил мегиранд: ҳар қадаре ки натиҷаҳое, ки довталаб нишон додааст, баланд бошад, ҳамон қадар дастгирии давлатӣ ба чунин донишҷӯ ҳангоми таҳсил зиёдтар аст.

УДНМ маблағгузории буҷетии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар асоси меъёрҳои фарқкунанда, ки хусусияти барномаҳои таҳсилотӣ ва сатҳи тайёр кардани довталабон ва донишҷӯёнро инъикос мекунанд, таъмин мекунад. Ҳаҷми дастгирии молиявии УДНМ- и категорияи дахлдор ҳар сол бо фармони вазоратҳои дахлдор, пеш аз ҳама Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муқаррар карда шавад.

Механизми УДНМ имкон медиҳад, ки дастрасии таҳсилоти миёнаи касбӣ баланд бардошта шуда, имкониятҳои интихоби стратегияи таҳсилотӣ барои довталабон васеъ карда шаванд. Ҳамин тариқ, аз рӯи натиҷаҳои озмоиш ҳиссаи донишҷӯёне, ки аз ҳисоби буҷет таҳсил мекунанд - танҳо барои УДНМ, беш аз 50% -ро бояд ташкил диҳад. Ба ин қариб 70% воситаҳои буҷет, ки ба маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷудо карда мешаванд, бояд сарф карда шаванд. Моҳиятан, УДНМ аз дастгирии давлатии донишҷӯёни

дар асоси пулакӣ таҳсилкунанда иборат аст. Дар асл, тақрибан чоряки воситаҳои буҷетӣ қисман хароҷоти оилаҳоро барои гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷуброн мекунад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, татбиқи институти УДНМ сатҳи дастрасии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва тағйирпазирии низоми пардохти таҳсилро баланд менамояд.

Барои коркарду татбиқи УДНМ бояд як қатор тадбирҳо бояд андешид, ки дар ҷадвали 2.2.5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.13. Тадбирҳое, ки барои такмилу тадбиқи УДНМ пешниҳод мегарданд**

| Тадбирҳо | Тавсифи он |
|---|---|
| Коркарди заминаи ҳуқуқииву меёрии он | Ин кор ҳамчун шакли зарурии ҳуқуқӣ барои истифодаи УДНМ ба сифати асос барои бавуҷудоии уҳдадориҳои молиявӣ байни шаҳрванд ва давлат дар бораи маблағгузории буҷетӣ дар ҳаҷми муайяни таҳсили шаҳрванд дар муассисаи таҳсилоти касбӣ муаяйн карда шавад. Бояд қайд намуд, ки айни ҳол механизми ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва худи донишҷӯён расонидани воситаҳои дастгирии давлатии таҳсили онҳо дар шароити ҳаммаблағгузорӣ дар баробари маблағҳои аҳолӣ пурра муайян карда нашудааст. |
| Коркарди механизмҳои танзими арзиши таҳсилот | Механизмҳои танзими арзиши таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла бо истифода аз тартиби индексатсияи арзиши УДНМ бо дарназардошти афзоиши арзиши таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ, ки дар тамоми давраи таҳсил муайян карда шаванд. Дар акси ҳол, як қатор муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар муайян кардани нархи таҳсил метавонанд аз механизмҳои инҳисорӣ ва таҳрифоти конъюнктурӣ, ки дар бозори меҳнат ташаккул ёфта, ба сифат ва арзиши раванди таҳсилот ҳеҷ рабт надоранд, истифода баранд |
| Коркарди принсипи муқарраршудаи ҷудонамоии захираҳои буҷавии суроғавӣ | Принсипи муқарраршудаи ҷудонамоии захираҳои буҷавии бе суроға ба он оварда мерасонад, ки қисми зиёди маблағҳои буҷетӣ дар шакли УДНМ асосан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касби бидуни назаргирии иқтидори онҳо ва ба ихтисосҳои «мӯд» равона карда мешаванд. Дар натиҷа муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбие, ки ба манфиатҳои махсуси давлатӣ хизмат мекунанд, наметавонанд маблағҳои буҷетиеро, ки барои дастгирии фаъолияти онҳо заруранд, ба даст оранд. Ихтисосҳои “муд” ва ё серталаботро метавон ба шакли шартномавӣ роҳандозӣ намуд. Дар натиҷа заиф шудани вазъ ва умуман қатъ гардидани фаъолияти баъзе муасисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии зарурӣ барои иқтисодиёт ва ҷомеа ба вуқӯ хоҳад омад. Зеро фарқияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи самтҳои таҳсилот (тафовут, масалан, аз рӯйи хароҷот барои омодасозӣ аз рӯйи ихтисосҳои гуманитарӣ ва техникӣ) ва заминаи моддии онҳо (тафовут аз рӯи хароҷот барои нигаҳдории онҳо) ба назар гирифта намешавад. |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

УДНМ, ки ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ механизмҳои бозорӣ, аз ҷумла рақобатро ворид месозад, дар асл ҳамчун воситаи markazнавтақсимкунии ҷараёнҳои молиявӣ ба нафъи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ихтисосҳои бонуфуз ба зиёни ҳамаи боқимондаҳо, ба ин васила, ба сифати “воситаи” ба ном «оптимизатсия»-и шабакаи муассисаҳои таҳсилоти олии давлатӣ хизмат мекунад.

Ҳамин тариқ, механизми маблағгузории буҷетӣ дар асоси УДНМ мавҷудияти афзалиятҳои объективиро доро мебошад:

- ташвиқи фаъолияти хонандагон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- объективӣ будани донишҳои арзёбишаванда ва имконияти маҳдуд кардани ҷузъи таркибии корупсионӣ ҳангоми қабул (бо истифода аз УДНМ);

- ташаббуси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ оид ба баланд бардоштани сифати таълим, миқдор ва сохтори барномаҳои касбӣ;

- имконияти танзими талабот ба ихтисосҳои бозхостнашуда, вале барои рушди иқтисодиёт зарур, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ коркарди минбаъда, такмили механизми маблағгузории меъёри буҷетиро барои як донишҷӯ талаб мекунад.

Мутобиқсозии хароҷоти воқеӣ ба таълими донишҷӯён (арзиши аслӣ) ва арзиши УДНМ зарур аст. Ғайр аз ин, таъмин намудани индексатсияи оқилонаи маблағи УДНМ вобаста ба тағйирёбии нархҳо дар кишвар ва минтақа муҳим шуморида мешавад. Ҳамин тариқ, таҳия ва татбиқи механизмҳои маблағгузории таҳсилоти касбӣ бо истифодаи УДНМ, қарзҳои таҳсилотӣ ва дигар буҷетҳои мақсаднок ва шаклҳои ғайрибуҷетии дастгирии захиравии муҳим маҳсуб мешавад.

Ба хароҷоти ҷории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба ғайр аз хароҷоти таҳсил, хароҷоти дастгирии иҷтимоии донишҷӯён низ ҳангоми таҳсил бояд дохил карда шаванд. Ба сифати воситаи молияви чунин дастгирӣ намудҳои гуногуни дастгирии стипендия хизмат мекунанд.

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии таъминоти стипендия ва дастгирии моддии табақаҳои гуногуни донишҷӯён мубрам боқӣ мемонад. То имрӯз стипендияҳои донишҷӯӣ вазифаҳои ҳавасмандкунии хонандагони болаёқат ва имтиёзҳои иҷтимоиро барои донишҷӯёни камбизоат аз даст додаанд. Андозаи стипендия ва тартиби таъини онҳо ба донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат кафолати ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти миёнаи касбиро дар асоси озмун имкон намедиҳанд.

Ислоҳоти таъминоти стипендия бояд ба он нигаронида шавад, ки он 70-80% ҳадди ақали зистро ташкил диҳад. Қисми стипендияҳоро дар шакли натуралӣ пешниҳод кардан додан мумкин аст - ин воситаҳоро барои барқарор кардани маблағгузории муътадили хобгоҳҳо ва тақвияти назорат аз болои истифодаи онҳо ба кор бурдан мумкин аст. Стипендияҳои иҷтимоиро донишҷӯёни ниёзманди воқеӣ, яъне донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат ва дигар гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ гирифта метавонанд. Донишҷӯёни боқимонда метавонанд барои гирифтани стипендияи академӣ барои дастовард дар таҳсил даъво кунанд, субсидияҳо, стипендияҳо ва уҳдадориҳои молияви номӣ ба маблағгузории ҷории фаъолияти таҳсилоти касбӣ равона шуда бошад. Илова бар ин, воситаҳои иловагии маблағгузории буҷет вуҷуд доранд, ки рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро таъмин мекунанд.

Масъалаҳое, ки ба салоҳияти мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун дохил мешаванд, дар доираи маблағҳои аз буҷет ҷудошуда ба фаъолияти асосии онҳо, ва барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бошад – бо истифодаи субвенсияҳо, трансферҳо, дотатсияҳо ва ғайра ҳаллу фасл кардан мумкин аст. Дар назар аст, ки буҷетҳои маҳаллиро бояд чорабиниҳои лоиҳаҳои мақсаднок, ки дар онҳо корхонаҳои минтақа иштирок мекунад, ҳаммаблағгузорӣ кунанд.

Илова бар маблағгузории мустақими буҷетӣ, ба сифати механизмҳои самарабахш механизмҳои ғайримустақими иштироки давлатиро дар таъминоти захиравии таҳсилоти миёнаи касбӣ истифода бурд. Ба сифати яке аз воситаҳои ғайримустақим имтиёзҳо, тарҳҳои андозӣ маҳсуб меёбанд. Дар айни замон, ин

механизм дар амалияи таъминоти захиравии соҳаи маориф кам истифода мешавад. Ҳамзамон, ба назари мо, ин самт аз нигоҳи зиёд кардани заминаи захиравии худи муассисаҳои таълимӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои хусусӣ ба таҳсилоти касбӣ ва сармоягузориҳои корпоративӣ ояндадор мебошад.

Воситаи дигари ояндадор иштироки давлат дар низоми қарздиҳии таълимӣ ба шумор меравад. Мавзӯи қарздиҳии таълимӣ омӯзиши алоҳидаи амиқро талаб карда, дар доираи ин параграф қайд кардан мумкин аст, ки айни замон зарурати коркарди Қонун "Дар бораи қарзи таълимӣ" ба миён омадааст, ки он бояд иштироки бевоситаи маблағҳои буҷетӣ дар пешниҳоди субсидияҳо меъёрҳои фоизӣ пешбинӣ мешавад. Аммо бояд қайд намуд, ки дар шароити мамлакатамон хавфҳо дар низоми қарздиҳии таълимӣ баланд ва пешгӯинашаванда боқӣ мемонанд. Дар натиҷа, шумораи ками ташкилотҳои қарздиҳанда барои иштирок дар чунин барнома розӣ мешаванд. Ба назар самараноктар усули кафолат ва бозмаблағгузории қарзҳое мерасад, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳандаи мушахас барои гирифтани таҳсилот дода шудаанд. Чунин низом дар ИМА ва як қатор кишварҳои дигари мутарақӣ вуҷуд дорад. Ин имкон медиҳад, ки маблағҳои бозори молиявӣ ба соҳаи маориф ҷалб карда шуда, дастрасии қарзҳои таҳсилотӣ баланд бардошта шуда, хавфҳои низом дар маҷмӯъ маҳдуд карда шаванд.

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии маблағгузории буҷетии таҳсилоти касбӣ, ба фикри мо, дастгирии ташаккули чунин сохтори таҳсилоти касбӣ аз рӯи сатҳҳо ва ихтисосҳо хизмат мекунад, ки ба талаботи иқтисодиёти муосир ва ҷомеа мувофиқат мекунад. Инчунин эҷоди механизмҳое, ки ба баланд бардоштани дастрасии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба таҳсилот мусоидат менамоянд, муҳим ба назар мерасад. Вазифаи дигар ташаккули воситаҳои дастгирии таъминоти захиравӣ маҳсуб меёбад, ки ҳаммаблағгузориро аз ҷониби манбаъҳои сармоягузории хусусӣ пешбинӣ менамоянд.

Бояд қайд кард, ки низоми таҳсилоти касбӣ, пеш аз ҳама, таҳсилоти миёнаи касбӣ, нишондиҳандаи рушди ҷомеа ва давлат буда, ба соҳаи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар гуна давлат табдил ёфта, сатҳи вазъ ва рушди ҷомеаро

инъикос мекунад. Таҳсилоти миёнаи касбӣ нақши калидӣ дошта, нақши афзояндаи он дар ҳалли масъалаҳои индустриаликунонии мамлкат, иҷтимоию иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ аз нигоҳ доштани хусусиятҳо ва анъанаҳои миллӣ ва инчунин таъсири пешраванда ба рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа иборат мебошад.

Моҳияти иқтисодии таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ фаҳмида мешавад. Маориф дар баробари тандурустӣ, фарҳанг, саноат ва илм ҳамчун як қисми бахши муҳими истеҳсолоти ҷамиятӣ баррасӣ мешавад, ки дар он сармояи инсонӣ ташаккул ёфта, арзишҳои зеҳнии ҷомеа ташаккул меёбанд.

Тавре ки дар боло қайд гардид, муҳим он аст, ки рушди низоми таҳсилоти касбӣ аз дастгирии кофии молиявӣ вобаста аст, ки навсозӣ ва баланд бардоштани нерӯи зеҳнии муассисаи таҳсилот, заминаи илмӣ –моддӣ ва усули и онро имконпазир мегардонад.

Имрӯзҳо алакай заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти касбӣ ташаккул ёфта, мухторияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баланд шуда, стандартҳои нави таҳсилотӣ ҷорӣ карда шудаанд. Аммо, тавре қайд карда шуд, мушкилоти идоракунӣ ва дастгирии молиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, омезиши оптималии манбаъҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии маблағгузорӣ ва таҳияи модели самараноки истифодаи онҳо арзи вуҷуд доранд.

Исбот кардан зарур нест, ки устувории фаъолият ва рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ ва баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисони ҷавобгӯи бозори меҳнат мустақиман аз захираҳои кофии молиявӣ вобастаанд. Аз ин рӯ, дар низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ механизми молиявӣ нақши муҳим мебозад. Мо чунин мешуморем, ки механизми молиявии таҳсилоти касбӣ, ҳамчун як қисми механизми умумии молиявӣ, унсури татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва низоми таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад (расми 2.2.1).




**Расми 2.1. Тарҳи механизми молиявии таҳсилоти миёнаи касбӣ**

**Сарчашма:** дар асоси маълумоти: Майорова Т.. В., Майдан Т. Н. Пути совершенствования финансового механизма высшего образования// Современные технологии управления. ISSN 2226-9339. — №7 (31). Номер статьи: 3103. Дата публикации: 2013-07-08. Режим доступа: https://sovman.ru/article/3103

Ин сиёсат аз маҷмӯи шаклҳо, усулҳо, воситаҳо ва фишангҳои мустақил, вале бо ҳамдигар алоқаманди таъсиррасонии давлат иборат буда, ташкил ва истифодаи захираҳои молиявиро барои татбиқи самарабахши вазифаҳои таҳсилотӣ, таҳқиқотӣ, такрористеҳсолкунӣ ва тарбиявии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъмин менамоянд. Хусусияти муҳими механизми молиявии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир масоили ҳамкорӣ байни онҳо,

корхонаҳои иқтисодиёт ва давлат мебошанд. Муносибатҳои иқтисодӣ, ки байни давлат ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташаккул ёфта истодаанд, маҷмӯи муайяни муносибатҳои мутақобилаи марбут бо масъалаҳои моликият, идоракунӣ, дараҷаи мухторияти муассисаҳо, механизми маблағгузорӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, барои фаъолияти самарабахши чунин механизм бояд барномаи (стратегияи) давлатии рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ дар марҳилаи нави рушди мамлакат таҳия карда шавад, ки афзалиятҳои стратегиро дар маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таъмин намояд.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

- гузариш ба истифодаи низоми фармоиши давлатӣ барои тайёр кардани мутахассисон дар асоси талаботҳои соҳаҳои иқтисодиёт;

- пурзӯр намудани фаъолияти худмухтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ , пеш аз ҳама, дар ҷанбаи молиявӣ;

- таҳвили институтҳо ва марказҳои илмию таҳқиқотӣ ба муассисаҳои таълимии миёнаи касбии пешбар, ташкили кластерҳои таҳсилотиву истеҳсолӣ. Ин имкон медиҳад, ки заминаи моддию техникии раванди таҳсилотӣ, таҷрибаомӯзӣ, инчунин татқиқотиву конструкторӣ беҳтар карда шуда, сатҳи ҳайъати омӯзгорони соҳибуновон баланд бардошта шуда, захираҳои моддӣ, молиявӣ ва инсонии таҳсилоти касбӣ самарабахштар истифода бурда шаванд.

Қонунгузории амалкунандаи давлатҳои гуногун, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳуқуқи истифодаи маблағҳоеро пешниҳод мекунад, ки барои амалӣ намудани раванди таҳсилот ҷудо карда мешаванд. Аммо, муносибатҳои муосир ба маблағгузорӣ ҳуқуқи муассисаҳои таҳсилотиро ба таври назаррас маҳдуд мекунанд ва ба андозаи муайян хилофи қонунгузории амалкунанда оид ба таҳсилот мебошанд. Бартараф кардани чунин ихтилоф зимни такмили минбаъдаи низоми маблағгузорӣ ба тариқи зайл имконпазир аст:

- муқаррар кардани (муайян кардани) ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ дар асоси барномаи буҷетӣ ё усули барномавӣ-мақсаднок;

- фароҳам овардани имкониятҳои банақшагирӣ ва идоракунии мустақилонаи раванди буҷетӣ ба муассисаҳои таълимӣ барои дурнамои миёнамуҳлат (то 3-5 сол).

Татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда бояд ба рушди ташаббус ва тавсеаи мустақилият, худмухтории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат кунад. Муҳим дар такмили механизми молиявии таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолноксозии нақши манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла воситаҳои барои хизматрасониҳои таълимӣ пешниҳодшуда, аз иҷрои мавзӯъҳои хоҷагидорӣ-шартномавӣ, маблағҳои сарпарастӣ ва ғайра маҳсуб меёбанд.

Давлат бояд чунин манбаъҳоро ба тариқи зайл ҳавасманд созад:

- пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳо ва ташкилотҳо ба фоизи муайяни даромад аз фурӯши маҳсулот, корҳои иҷрошуда ва хизматрасониҳо барои равона кардани ин маблағҳо барои пардохти таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилотии аккредитатсияшуда;

- такмили механизми қарздиҳии таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- ҳавасмандгардонии рушди сарпарастӣ, татбиқи институти “шогирду устод”бо ҷалби мутахсисони ботаҷриба, ки айни ҳол дар нафақа мебошанд;

- мусоидат дар ҷалби маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ дар шакли грант барои омӯзгорон ва донишҷӯён;

- додани имтиёзҳои андозӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз даромад аз фурӯши маҳсулоти аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ истеҳсолшуда, аз ҷумла иҷораи моликият ва ғайра.

Самти дигари такмили механизми молиявии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳавасмандгардонии иштироки онҳо дар ташаккули низоми миллии иноватсионӣ тавассути бунёд намудани паркҳои технологӣ ва корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи мо, даромад аз фаъолияти инноватсионии коллеҷҳо ташкили таҳқиқоти илмии мустақил, фаъолияти конструкторӣ дар лабораторияҳои хурд

ва ғ. метавонад манбаи муҳими иловагии воридоти воситаҳои молиявӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад. Ин, пеш аз ҳама, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии пешрафта, ки дар назди донишгоҳҳои бонуфуз фаъолият доранд, дахл дорад, ки дорои тамоми имкониятҳои ҳамкориро бо бахшҳои дигар, бо ташкили таҳқиқоти соҳавӣ ва тадқиқоти бо супориши субъектҳои хоҷагидор(дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ) мебошанд.

## 2.3. Таҳлили таъсири омилҳо ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ

Иқтисоди муосири рушдёбанда инсонро дар раванди ҳаёт маҷбур менамояд, ки давра ба давра тахассуси худро такмил дода, донишҳои навро аз худ карда, аксар вақт доираи фаъолияти касбиро тағйир диҳад. Натиҷаҳои таҳқиқоти ҷомеашиносӣ, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуданд, шумораи ками кормандонро нишон медиҳанд, ки аз рӯи ихтисосе кор мекунанд, ки ҳангоми қабули аввалин ба муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ё оли гирифта шудааст. Сабаби бозомӯзӣ ва азнавихтисосдиҳии маҷбурии кормандон аксар вақт муносибати ба таври кифоя фикрнашуда ҳангоми интихоби касб зимни дохилшавӣ ба муассисаи таҳсилоти касбӣ, инчунин номутаносибии талабот ба кормандони ихтисосҳои гуногун бо шумораи мутахассисони хатмкарда мебошад. Сабаби дигари гирифтани таҳсилоти дуюм ва ё таҳсилоти иловагӣ аз рӯи ихтисос ин хоҳиши корманд барои беҳтар кардани сатҳи касбӣ ва пешрафт дар хизмат мебошад. Дар ҳар ду ҳолат раванди омодасозии касбӣ ва бозомӯзӣ сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ ҳисобида мешавад.

Ҷамъбасти таҳқиқот дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва низомбандии онҳо ҳамчун воситаи идоракунӣ имкон дод, ки омилҳои умумӣ ва ҷузъӣ, ки ба вазъ ва рушди низоми таҳсилоти касбӣ таъсир мерасонанд, гурӯҳбандӣ карда шаванд. Ба омилҳои умумӣ мансубанд:

Якум - омилҳои берунӣ ва дохилӣ - нисбати мутаалиқӣ ба низоми таҳсилоти касбӣ. Омилҳои берунӣ бар муҳити зист, ба монанди: рушди

пешрафти илм ва техникӣ, омилҳои танзими давлатии бозори меҳнат, омилҳои хусусияти табиию ҷуғрофидошта ва ғайра асос меёбанд. Омилҳои дохилӣ аз ҷониби худи низом ташаккул ёфта, аз сохтори ташкилӣ ва институтсионалии таҳсилоти касбӣ дар кишвар ва минтақаҳои он, танзими мақсадноки рушди таҳсилоти касбӣ, механизми тақсимоти захираҳо ва ғайра иборат мебошанд.

Дуюм, нисбати мазмун ва соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ. Моҳияти фарқгузории ин гурӯҳи омилҳо аз мавҷудияти соҳаҳо, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба рушди низоми таҳсилоти касбӣ таъсир мерасонанд, иборат мебошад. Омилҳои марбут ба муносибатҳои ҷамъиятӣ асосан ба туфайли таҳлили PEST ба вуҷуд омадаанд, ки ҳангоми таҳқиқи таъсири омилҳои берунӣ ба рушди муассиса васеъ истифода мешуданд, аммо баъдтар ба дигар объектҳои идоракунӣ низ паҳн шуданд. Дар ибтидо, ҳама омилҳо ба сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ тақсим мешуданд, баъдтар онҳо дақиқ ва мушаххас карда шуда, вобаста ба ҳадафҳои таҳқиқ онҳо ба омилҳои институтсионалӣ, демографӣ, иттилоотӣ, табиӣ, инноватсионӣ ва ғайра фарқгузорӣ карда шуданд.

Сеюм – арза ва тақозо, ки бо назардошти гузариш ба механизми бозории идоракунӣ, аз ҷумла дар соҳаи иҷтимоӣ, мубрам мешаванд. Ҷанбаи муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи маориф ба пайдоиши чунин мафҳумҳо, ба монанди хизматрасонии таълимӣ, фурӯшанда ва харидори хизматрасониҳои таълимӣ, маркетинги хизматрасониҳои таълимӣ боис шуд. Ба омилҳои тақозо пардохтпазирии муштариён, ғунҷоиши талабот, ва афзалиятҳои муштариён, ва ба омилҳои пешниҳод - шумораи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва таъминоти онҳо, нерӯи кадрӣ, талабот ба стандартҳои таҳсилотӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Чорум - сатҳҳои макро, мезо ва микрофаъолияти иқтисодиест, ки омӯхтани онҳо, махсусан дар партави минтақабандии таҳсилоти касбӣ, яъне фарқгузорӣ кардани мезосатҳи низоми маориф муҳим аст. Маҷмӯи омилҳо дар рушди низоми ҷаҳонӣ ва миллии иқтисодиву иҷтимоӣ накши назаррас мебозад, зеро кишвар ва минтақаҳои он дар шароити идоракунии мутамарказ дар худ таъсири хусусияти макроиқтисодию мегаиқтисодиро эҳсос мекунад. Ин гурӯҳи омилҳо, аввалан, низоми таҳсилоти касбиро дар самти умумии рушд бо дигар

кишварҳо ва минтақаҳо роҳнамоӣ мекунад ва, сониян, он ба сифати маҳдудияти асосии рушди имконпазири он хизмат мекунад.

Омилҳои макросатҳ шароити маҳдудкунанда ва танзимкунандаи рушди низоми минтақавии таҳсилоти касбӣ ҳамчун унсури таҳсилоти касбии кишвар ва ҳамчун зернизоми низоми иҷтимоию иқтисодии «минтақа» мебошанд. Таъсири мезосатҳи иқтисодиёт тавассути омилҳои дохили қаламрави мушаххас сурат мегирад, зеро ин маҳз ба минтақаи таҳқиқшаванда хос аст - ин махсусгардонии минтақа, иқтидори ҷамъшуда (иқтисодӣ, саноатӣ, инноватсионӣ, сармоягузорӣ ва ғайра), ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушди минтақа ва низоми мавҷудаи идоракунӣ, омилҳои табиӣ ва ҷуғрофии он ва ғайра мебошанд. Омилҳои микросатҳи иқтисодиёт омилҳои субъективӣ мебошанд, зеро онҳо бо афзалиятҳои шахсони воқеӣ ва субъектҳои хоҷагидор, ташаккули талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ аз ҷониби онҳо ва рушди фардии сармояи инсонӣ алоқаманданд. Ин гурӯҳи омилҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки низоми таҳсилоти касбӣ аз ҷиҳати ташкилӣ-институтсионалӣ аз маҷмӯи муассисаҳои таълимии шаклҳои мухталифи моликият, ки хизматрасониҳоро амалӣ гардонида, талаботи истеъмолкунандагони зиёди худмухторро қонеъ мегардонанд, иборат мебошад[22].

Ба сифати омилҳои ҷузъӣ мо: а) босуботии вазъи макроиқтисодӣ; б) муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҷомеа; в) тағйироти сифатии сармояи инсонӣ; г) рушди касбию ихтисосии қувваи корӣ; д) шуғли аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол; д) муҳоҷирати аҳолиро фарқгузорӣ мекунем.

**Ҷадвали 2.14. - Омилҳои рушди низоми таҳсилоти касбӣ, ки дар равандҳои идоракунӣ инъикос меёбанд**

| **Омилҳо** | **Дар сатҳи макро** | **Дар сатҳи микро** |
|---|---|---|
| Сиёсӣ | Афзалияти давлат дар самти муттамарказкунонии фазои таҳсилотӣ | Фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаби дар соҳаи маориф |
| Иқтисодӣ | Дараҷаи муттамарказкунонӣ ва ғайримуттамарказкунонии таъминоти захиравии таҳсилоти касбӣ | Талаботи пардохтпазирии агентҳои иқтисодӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ, таъминоти захиравии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ |

---

[22] Тонжеракова А.А. Условия формирования и факторы развития современной региональной системы профессионального образования// Мир науки, культуры, образования. - Горно-Алтайск, 2013. - № 1. – С.318-320

*Идомаи ҷадвали 2.14.*

| | | |
|---|---|---|
| Иҷтимоӣ | Арзишҳои асосии ҷомеа нисбати ташаккули сармояи инсонӣ | Арзишҳои заминавии фардҳо нисбати ташаккули сармояи инсонӣ |
| Демографӣ | Равандҳои муҳоҷиратӣ, афзоиши табиӣ ва механикии аҳолии кишвар | Таъсири равандҳои муҳоҷиратӣ ба бозори меҳнат ва шуғл |
| Истеҳсолию технологӣ | Талабот ба донишҳо, ки бо тараққиёти технологии ҷомеа, иқтисодиёти миллӣ муайян мешаванд | Истеҳсолӣ ва техникӣ, сатҳи таъминоти моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои корфармо |
| Ҳуқуқӣ | Меъёрэҷодкунӣ дар сатҳи миллӣ, ки соҳаи таҳсилоти касбиро ба танзим медарорад | Муносибатҳои шартномавӣ байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ |
| Ташкилию институтсионалӣ | Сохтори институтсионалӣ ва ташкилии низоми таҳсилоти касбӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ | Шакли моликият ва таркиби муассисони муассисаҳои таълимӣ, сохтори шаклҳои моликият ва ташкилоти корфармоён |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Аз ин рӯ, омилҳоеро, ки ба рушди низоми таҳсилоти касбӣ таъсир мерасонанд, баррасӣ менамоем. Вазифаи асосии кори диссертатсионии мо таҳия кардани тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунии таҳсилоти касбӣ, ташаккули барномаи рушди низоми таҳсилоти касбӣ ҳамчун воситаи татбиқи стратегияи иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Омилҳои рушди низоми таҳсилоти касбӣ матритсае мебошанд, ки дар он муносибатҳои зинанизомӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ (макро, мезо-, микросатҳ), инчунин соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ инъикос меёбанд (ҷадвали 2.14.).

Дар низоми таҳсилоти касбӣ, пеш аз ҳама, номутавозунии сохторӣ ба мушоҳида мерасад. Тавре ки зикр гардид, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбӣ баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, иловагӣ, таҳсилоти махсус ва ғайра фаъолияти худро амалӣ карда истодаанд.

**Ҷадвали 2.15. - Динамика ва сохтори шумораи донишҷӯён аз рӯи намуди таълим дар низоми таҳсилот (ҳаз. наф.)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000-2001 | 2005-2006 | 2010-2011 | 2015 - 2016 | 2020-2021 | Афзоиш, нисбат ба соли 2000/2001 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таълим мегирифтанд | 1706,9 | 1870,7 | 1906,9 | 2057,4 | 2476,2 | 145,0 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 1579,5 | 1682 | 1694,7 | 1785,8 | 2110,2 | 133,5 |
| Бо % | 92,5 | 89,9 | 88,8 | 86,8 | 85,2 | -7,3 |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 24,4 | 24,9 | 22,6 | 26,2 | 22,4 | 91,8 |
| Бо % | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 1,3 | 0,9 | -0,5 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 25,3 | 31,8 | 37,9 | 68,9 | 97,7 | 386,1 |
| Бо % | 1,5 | 1,7 | 2,0 | 3,3 | 3,9 | 2,4 |
| Таҳсилотии олии касбӣ | 77,7 | 132 | 151,7 | 176,5 | 245,9 | 316,4 |
| Бо % | 4,5 | 7,0 | 8 | 8,6 | 9,9 | 5,3 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Тоҷикистон: 25 солагии истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 83; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 68 – 99

Тавре ки аз маълумоти дар ҷадвали 2.15 овардашуда дида мешавад, дар давраи солҳои 2000-2021 шумораи хонандагон фақат дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба 2 ҳаз. наф. кам гардида, шумораи онҳо дар давраи мавриди таҳлил 8,2% кам гардид, афзоиши устувори талабот ё дархост ба мушоҳида намерасад.

Вазни холиси онҳо дар шумораи ҳамаи таълимгирандагон дар кишвар дар соли таҳсили 2020/ 2021 0,9 % - ро ба муқобили 1.4% дар соли 2000 ташкил дод. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ имкон медод, ки кадрҳои баландихтисоси корӣ тайёр карда шаванд, ки норасоии онҳоро на танҳо бозори дохилии меҳнат, балки инчунин бахши муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ таҷриба мекунад. Зеро он дар иқтисодиёт дар ҳар як марҳила рушди он лозиманд. Дар ин робита, зарур аст, ки тадбирҳо андешида шуда, механизмҳое таҳия карда шаванд, ки ба фаъолияти устувори муассисаҳои ин соҳаҳо мусоидат мекунанд. Дар давраи баррасишаванда шумораи донишҷӯёни таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 25,3 ҳаз. наф. то 97,7 ҳазор бештар аз 3,8 баробар афзоиш ёфт, ки сурати баландаитарини рушд ба ин категорияи таҳсилот рост меояд. Вазни холиси он тамоми муҳассилине, ки дар соҳаи маориф таҳсил мекунанд, аз 1,5 то 3,9%, яъне беш аз

2,4 банди фоизӣ афзудааст. Ин ба талаботи бозори меҳнат, бахусус бахши муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба касбҳои миёнаи техникӣ марбут буд.

Тамоюли афзоиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ устувор гаштааст, зеро аҳолӣ дарк карда истодааст, ки гирифтани таҳсилоти касбӣ шарти асосии дарёфти ҷойи кор ва ба даст овардани даромад мебошад. Кӯшиши гирифтани чунин дараҷаи таҳсилоти касбӣ инчунин бо сатҳи вазъи нисбатан пасти молиявии онҳо муайян мешавад. Дар давраи солҳои 2013-2020 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пурра аз 107,4 то 114,7 ҳаз. наф. афзудааст. Ба 10000 нафар афзоиш аз 131 то 123 нафарро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо хатми мутахассисони таҳсилоти миёнаи касби, ки соли 2020 23 нафар бар муқобили 13 нафари соли 2013 (ба 10000 нафар аҳолӣ) ташкил дод, мувоффиқан 5,3 ва 5,7 баробар зиётар мебошад, яъне фосила хеле баланд аст, ки заминаи талаботро ба хизматрасониҳои таҳсилоии коллеҷҳоро ташкил медиҳад.[23]. Азбаски рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар замони муосир давраи асосан бо равандҳои тиҷоратикунонии муассисаҳо таъмин гашта истодааст, вобаста бо афзудани даромади аҳолӣ шумораи донишҷӯёни шартномавӣ зиёд шуда истодааст. Ба ибораи дигар, тиҷоратикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ аз раванди зиёд кардани шумораи донишҷӯёне иборат мебошад, ки аз ҳисоби ҷуброни пурраи хароҷот барои таълим дар муассисаҳои (давлатӣ ва ғайридавлатии) соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳсил мекунад.

Тамоюли умумии таҳсили донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз рӯи соҳаҳо талаботи бозори меҳнат, талаботи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ба мутахассисони чузъи миёна муаяйн менамояд. Таҳлили соҳавии тайёр намудани мутахассион нишо медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат сатҳи балани афзоиши шумораи донишҷӯёнро соҳаҳои тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (177,6%), маориф (174,6%) ташкил додааст. Ин соҳаҳо, ки ба бахши давлатии иқтисодиёт мансуб

[23] Ҳисоб карда шуд аз рӯйи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 10 – 46.

мебошаду, маблағгузории устувори буҷети вуҷуд дорад, ва васеъ шуда истодааст, бинобарон ҳаваснდии ҷавоно ба ин соҳаҳо баланд мебошад. Илова бар ин дар ин соҳаҳои муносибатҳои тиҷоратӣ низ рушд ёфтааст, ки музди меҳнати нисбатан сазоворо таъмин менамоянд.

Шумораи донишҷӯёни бахши иқтисодӣ ҳам тамоюли устувори афзоишро дорад (166,6 %). Зеро, дар шароити иқтисоди бозорӣ сатҳи талабот ба ин ихтисосҳо коҳиш намеёбад, пайваста бо рушди соҳибкорӣ мутахассиси муҳосибот, молия ва ғ. зиёд мешавад. Аммо, мутаассифона рушди шумораи донишҷӯён ба мутахасисони бахши воқеии иқтисодиёт чандон назрас намебошад, зеро рушди онҳо нисбат ба рушди соҳаҳои хизматрасонӣ пасттар мебошад.

**Ҷадвали 2.16. - Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи соҳаҳо, ҳазор нафар**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 ба 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Донишҷӯён, ҳамагӣ | 57,7 | 68,9 | 76,7 | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 165,5 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | | | |
| Саноат ва сохтмон | 8,1 | 9,5 | 11,4 | 11,8 | 11,6 | 10,3 | 10,8 | 8,2 | 101,2 |
| Кишоварзӣ | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,8 | 1,8 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 166,7 |
| Иқтисодиёт | 2,3 | 3,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,6 | 4,0 | 3,0 | 130,4 |
| Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | 31,3 | 36,2 | 39,2 | 42,2 | 46,7 | 50,2 | 55,6 | 60,7 | 193,9 |
| Маориф | 13,0 | 16,5 | 18,3 | 19,5 | 19,5 | 21,9 | 22,7 | 19,6 | 150,7 |
| Фарҳанг ва санъат | 2,1 | 2,2 | 2,5 | 2,8 | 2,6 | 2,4 | 2,5 | 2,1 | 100,0 |
| Дигар соҳаҳо | - | - | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | - |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2022. – ҶДММ “ЭР-граф”. – С. 54.

Тамоюли рушди шумораи қабули донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи соҳаҳо, низ ба манфиати афзоиши мутахассисони ҷузъи миёнаи коргарони соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (176,4%) ва маориф (127,2%) суръат гирифтааст

**Ҷадвали 2.17. - Шумораи қабули донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳапндаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | с. 2020 ба с. 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кабули донишҷӯён, ҳамагӣ | 22,7 | 24,6 | 24,1 | 25,3 | 27,0 | 26,0 | 32,8 | 144,4 |
| Аз он ҷумла | | | | | | | | |
| Саноат ва сохтмон | 4,1 | 4,2 | 3,9 | 3,6 | 4,1 | 3,4 | 4,0 | 97,5 |
| кишоварзӣ | 0,5 | 0,8 | 0,7 | 0,6 | 0,4 | 0,4 | 0,6 | 120,0 |
| иқтисодиёт | 1,2 | 1,4 | 1,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,5 | 125,0 |
| тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | 10,6 | 11,4 | 12,3 | 13,5 | 15,6 | 14,4 | 18,7 | 176,4 |
| Маориф | 5,5 | 6,0 | 5,2 | 5,3 | 4,7 | 5,6 | 7,0 | 127,2 |
| Фарҳанг ва санъат | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 0,9 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 112,5 |
| дигарон | | | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 200,0 |

**Сарчашма: Ҳисоб карда шуд аз рӯи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 87.**

Дар соҳаҳои саноат ва сохтмон таназзул мушоҳида мешавад, дар ин давраи таҳлилӣ 2,5% поён рафтааст. Шумораи қабули донишҷӯён дар соҳаи иқтисодиёт бошад устувор мондааст (120%). Солҳои охир талабот ба мутахассисони дигар соҳаҳо, масалан ихтисоси соҳаи технологияи иттилоотӣ ва барномсозӣ тамоюли болоравӣ дорад (ҷадвали 2.17).

Дар давраи солҳои 2014 ва 2020 шумораи хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 12,4 то 23,8 ҳазор нафар ва ё 96,6% зиёд шудааст. Ба бозори меҳнат соли 2020 шумораи хеле калони мутахассисони соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ғ. 13, 5 ҳазор нафар пешниҳод шудааст, ки нисбат ба соли 2014 90,1% зиёд шудааст. Сипас шумораи хатми мутахассисони соҳаи маориф, низ 5,8 ҳазор нафарро ташкил дода, нисбат ба соли 2014 93,3% зиёд шудааст. Дар ин соҳаҳо бештар занҳо кору фаъолият менамоянд, бинобар он шумораи онҳо ҳам дар қабул ва ҳам дар хатм бештар аст. Умуман сатҳи баланди афзоиши шумораи донишҷӯён ва хатми мутахасисиони ин соҳаҳоро талаботи занҳо муаяйн менамояд (ҷадвали 2.18.)

**Ҷадвали 2.18. - Шумораи хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор нафар)**

| **Нишондиҳапндаҳо** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **С.2020 ба с. 2014, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хатм | **12,4** | **11,8** | **14,0** | **17,8** | **20,8** | **20,8** | **23,6** | 196,6 |
| Аз он ҷумла | | | | | | | | |
| Саноат ва сохтмон | 1,5 | 1,3 | 1,2 | 2,0 | 2,5 | 2,6 | 2,4 | 160,0 |
| кишоварзӣ | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,4 | 0,2 | 0,4 | 200,0 |
| иқтисодиёт | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,8 | 400,0 |
| тандурустӣ, тар-бияи ҷисмонӣ ва варзиш | 7,1 | 6,9 | 8,9 | 10,3 | 11,3 | 10,7 | 13,5 | 190,1 |
| Маориф | 3,0 | 2,7 | 2,9 | 4,1 | 4,9 | 5,7 | 5,8 | 193,3 |
| Фарҳанг ва санъат | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,4 | 0,6 | 0,7 | 0,6 | 150,0 |
| дигарон | - | - | - | 0,05 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 200,0 |

**Сарчашма: Ҳисоб карода шуд аз рӯи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.** 95

Айни замон дар мамлакат татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръат идома дорад. Ин ҳадаф дар давраи солҳои рушди саноат (2022-2026) натиҷаҳои хеле судманд хоҳад овард. Вобаста ба ин мо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамлакатро, ки ба тайёр намудани кадрҳои техникиву саноатӣ сару кор доранд, мавриди таҳлил қарор додем.

**Ҷадвали 2.19. - Ҳолати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касии самти техникиву саноатӣ**

| **Муассисаҳо** | **2014** | | | **2020** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамаги дониш-ҷӯён | Қабули дониш-ҷӯён | Хатм-кардагон | Ҳамаги дониш-ҷӯён | Қабули дониш-ҷӯён | Хатм-карда-гон |
| Коллеҷи энергетикии н.Ҷ. Румӣ | 766 | 295 | 178 | 383 | 177 | 92 |
| Коллеҷи технологии ш. Конибодом | 523 | 256 | 73 | 338 | 114 | 136 |
| Коллеҷи политехникии н. Зафаробод | 355 | 164 | 84 | 551 | 191 | 89 |
| Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории н. Ҷ. Расулов | 223 | 223 | 273 | 781 | 130 | 231 |
| Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ | 1464 | 454 | 391 | 3360 | 1135 | 694 |
| Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории ш. Душанбе | 592 | 305 | 160 | 1052 | 456 | 226 |
| Коллеҷи кӯҳӣ ба номи С, Юсуповаи ш. Душанбе | 596 | 295 | 84 | 693 | 287 | 155 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Идомаи ҷадвали 2.19.** | | | | | | |
| Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе | 374 | 409 | 384 | 1335 | 477 | 290 |
| Коллеҷи технологии ш. Душанбе | 273 | 273 | 199 | 1283 | 349 | 178 |
| Коллеҷи техникӣ-омузгории ноҳияи Рӯдакӣ | 641 | 264 | 65 | 1494 | 571 | 366 |
| Коллеҷи металлургии шаҳри Турсунзода | 873 | 330 | 442 | 637 | 296 | 123 |
| Коллеҷи мухандисию техникии нохияи Нуробод | 95 | 95 | 149 | 234 | 79 | 107 |
| Коллечи мухандисию техникии ш. Роғун | 279 | 118 | 72 | 348 | 102 | 73 |
| Коллечи кишоварзии нохияи Мастчох | 456 | 180 | 63 | 652 | 128 | 128 |
| Ҷамъ | 7510 | 3661 | 2617 | 13141 | 4492 | 2888 |
| Дар % ҳамагӣ | 10,9 | 14,8 | 22,2 | 14,0 | 15,3 | 12,9 |
| Ҳамгӣ дар коллеҷҳои мамлакат | 68867 | 24644 | 11753 | 93531 | 29315 | 22370 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015, с. 97-103; Омори солонаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С . 111-112

Чи тавре, ки маълумоти ҷадвали 2.19 нишон медиҳад, дар 14 коллеҷҳои интихобшуда, ки ба тайёр намудани кадрҳои зинаи миёнаи техникиву саноатӣ машғул меошанд, соли 2020 13141 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд, ки 14 % тамоми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касии мамлакатро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2014 74 % зиёд шуда, ҳиссаи онҳо бошад ба 3,1 банди фоиз зиёд шудааст. Яъне тамоюли афзоиши донишҷӯён ба касбу ҳунари техникиву технологӣ ва саноати (бахши воқеии иқтисодиёт) мушоҳида мешавад. Дар ин давраи таҳлили шумораи қабули донишҷӯён, низ 25% ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯёни коллеҷҳои мамлакат аз 14,8 то 15,3% афзудааст. Аммо. нишондиҳандаҳои хатм тамоюли пастравӣ гирифтааст: соли 2020 2888 нафар хатм намуданд, ки нисат ба соли 2014 271 нафар кам шудааст. Ин ҳолат, ба назари мо аз сифати пасти барномаҳои таҳсилотӣ бармеояд. Бояд зикр намуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асосан ихтисосҳои анъанавӣ тайёр карда мешавад. Зеро, қобилияти мутобиқшавии аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба талабот зудтағйирёбандаи бозор ва иқтисодиёт ба мутахассисони нав хеле заиф мебошад. Ин, ҳолат аз заиф будани фаъолияти механизмҳои шарикии иҷтимоӣ,

пеш аз ҳама ташкили бозомӯзии коргарони субъектҳои иқтисодӣ, низ вобаста аст, ки онҳо талаботи самаранокро ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тавлид намекунанд. Дар корхонаҳои бузурги ғарбӣ баланд бардоштани таҳсилоти мунтазами кормандон ба меъёр табдил ёфтааст. Кормандон маҷбуранд, ки фаъолияти касбиро бо гирифтани таҳсилоти дуввум ва ё курсҳои махсус аз рӯи ихтисоси худ бо тавассути коллеҷҳо якҷоя кунанд. Дар охири солҳои 90- уми асри XX - оғози асри XXI консепсияи таҳсилоти муттасили ихтисосӣ оммавӣ гардид. Ҳамин тавр, низоми такмили мунтазами ихтисос ташаккул ёфта, нақши худтаҳсилкунӣ, ки ба кори идорашавандаи мустақилонаи таълимгиранда асос ёфта буд, меафзояд.

Бояд таъкид намуд, ки дар замони муосир муваффақияти татбиқи ҳар як барномаи таҳсилотӣ бештар ба заминаи моддию техникие, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, вобаста аст. Зеро, таҷдиди заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат намояд. Бо мақсади ба даст овардани иттилооти объективӣ ва муайян намудани таҷрибаи пешқадам оид ба навсозии заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар раванди фаъолияти истифода мешаванд, омӯзиш гузаронида шуд. Тадқиқот дар моҳҳои октябр - ноябри соли 2021 бо усули пурсиш гузаронида шуд. Дар назарсанҷӣ се муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, - Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, Коллеҷи технологии ш. Душанбе ва Коллеҷи кӯҳӣ ба номи С.Юсуповаи ш. Душанбе, ки ҳиссаи донишҷӯёни онҳо дар шумораи умумии донишҷӯёни 14 коллеҷи интихобшуда беш аз 40,5%-ро ташкил дода, ба тайёр намудани мутахассисони сатҳи миёнаи соҳаҳои саноат сару кор доранд. Интихоби ин объекти таҳқиқот ба консепсияи ABC-таҳлил мувофиқат менамояд, зеро ҷузъе, ки дар маҷмӯъ беш аз 20%-ро ташкил медиҳад, пас он метавонад низомро комилан тавсиф диҳад ва идора кунад. Хангоми таҳлили маълумот дар бораи нав кардан ва самаранок истифода бурдани заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муаяйн гардиданд. Муассисаҳои таҳсилти миёнаи касбии интихобшуда бо биноҳо (синфхонаҳо,

устохонаҳо, лабораторияҳо ва ғ), ки бо заминаи моддию техникии замонавӣ муҷаҳҳаз мебошанд, таъмин шудаанд. Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ бо инфрасохтории нисбатан ҷавобгӯй муҷаҳҳаз шудааст, фарқ мекунад. Ҳиссаи донишҷӯёне, ки имкони таҳсил дар барномаҳои таълимии касбӣ бо истифода аз таҷҳизот, заминаи таълимӣ ва моддию техникӣ доранд, дар шумораи умумии хонандагони муассисаи таълимӣ 66 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.20. - Сатҳу сифати заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти техникиву саноатӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ | Коллеҷи кӯҳӣ ба номи С, Юсуповаи ш. Душанбе | Коллеҷи технологии ш. Душанбе |
|---|---|---|---|
| Сатҳи таҷҳизонидан заминаи моддию техникӣ, % | 61 | 65 | 63 |
| Барномаҳои таҳсилотӣ бо истифода аз таҷҳизот, заминаи таълимӣ ва моддию техникӣ имкони таҳсил донишҷӯёнро доранд, % | 66 | 55 | 41 |
| Шумораи иштироки корфармо дар машғулиятҳои амалӣ ва таъмини заминаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён, адад | 12 | 4 | 5 |
| аз он ҷумла, донишҷӯёнро дар таҷриаомӯзи фаро гирифтааст,% | 64 | 61 | 37 |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯи сӯҳбат ва пурсишномаҳо**

Коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсуповаи ш. Душанбе, низ дорои 31 ҳуҷра (утоқҳо, устохонаҳо, лабораторияҳо), ки бо заминаи моддию техникии сатҳи миёна муҷаҳҳаз гардидааст, аз ҷумла 10 синфхона (лабораторияҳо, устохонаҳо) ҳамчун марказҳои имтиҳонӣ-намоишӣ акредитатсияшуда дорад. Ҳиссаи донишҷӯёне, ки аз рӯи барномаҳои таълимии касбӣ бо истифода аз таҷҳизот, заминаи таълимӣ ва моддию техникӣ имкони таҳсил доранд, дар шумораи умумии хонандагони муассисаи таълимӣ 55 фоизро ташкил медиҳад.

Коллеҷи технологии ш. Душанбе дорои заминаи моддию техникии мувофиқ буда, 63 фоиз ҷиҳозонида шудааст. Ҳиссаи донишҷӯёне, ки имкони

таҳсил дар барномаҳои таълимии касбӣ бо истифода аз таҷҳизот, заминаи таълимӣ ва моддию техникии ҷавобгӯи талаботи замон (рӯйхати инфрасохтор) доранд, дар шумораи умумии хонандагони муассисаи таълимӣ 41 фоизро ташкил медиҳад.

Аз рӯи таъмини раванди таҳсилот бо заминаи таҷрибаомӯзӣ (таълими амалӣ), ки бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шудааст, ки дар таъмини онҳо корфармоён иштирок мекунанд, Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, фарқ мекунад, ки дар он 12 корфармо машғулиятҳои амалӣ ва таъмини заминаи таҷрибаомӯзие, ки бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шудааст, 4 намуди таҷрибаи кории 64% донишҷӯёнро аз рӯи барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таъмин менамояд.

Коллеҷи технологии ш. Душанбе, ки дар он ҷо ба ҷо овардани машғулиятҳои амалӣ ва таъмини заминаи таҷрибавӣ бо таҷҳизоти замонавӣ мусаллаҳ 5 корфармо ба ҷо оварда мешавад, ки 37% аз рӯи барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таъмин менамояд.

Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсуповаи ш. Душанбе бошад, аз ҳисоби 4 корфармо базаҳои таҷрибаомӯзиро бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз намуда, барои 61% донишҷӯён аз рӯи барномаҳои таълимии таҷрибаи корӣ фароҳам овардааст.

Вобаста ба таъмини раванди таълим бо кадрҳои омӯзгорӣ-техникӣ, ки дар фаъолияти касбии худ технологияҳои муосири таълимӣ ва заминаи моддию техникии муосирро самаранок истифода мебаранд, таҷрибаи пешқадам қайд карда мешавад:

- дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, ки дар он 65 фоизи оиӯзгорон ва устодони таълими истеҳсолӣ дар давоми 5 соли охир аз рӯи барномаҳои иловагии касбӣ, ки дар заминаи ҳозиразамони истеҳсолӣ (моддию техники) амалӣ мегарданд, такмили ихтисос гузаштаанд; 76 фоизи омӯзгорон аз рӯи самти барномаҳои асосии таҳсилоти касбие, ки онҳо татбиқ менамоянд, на камтар аз 5 сол собиқаи корӣ доранд;

- дар Коллеҷи технологии ш. Душанбе, ки дар он 66 % омӯзгорон ва устодони таълими истеҳсолӣ аз рӯи ихтисос дар давоми 5 соли охир аз рӯи барномаҳои иловагии касбӣ, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешаванд, аз такмили ихтисос гузаштаанд. заминаи ҳозиразамони истеҳсолӣ (моддию техникӣ) буда, 71 фоизи муаллимон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ аз рӯи самти бароном аҳои асосии таълимии касбӣ, ки онҳо амалӣ мегардонанд, на камтар аз 5 сол собиқаи корӣ доранд;

- Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсуповаи ш. Душанбе, ки дар он 64% омӯзгорон ва устодони таълими истеҳсолӣ дар давоми 5 соли охир аз рӯи барномаҳои иловагии касбӣ, ки дар заминаи муосири истеҳсолӣ (моддию техникӣ) амалӣ карда мешаванд, такмили ихтисос гузаштаанд, ва аз рӯи самти барномаҳои асосии таҳсилоти касбие, ки онҳо татбиқ менамоянд, на камтар аз 5 сол собиқаи корӣ доранд.

Аз ҷиҳати дараҷаи хароҷот барои бо заминаи хозиразамони моддию техникӣ мусаллаҳ гардондани раванди таҳсилот, дар хаҷми умумии хароҷоти молиявии муассисаи таҳсилоти касбии омӯхташаванда аз дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пеш мегузарад. Ҳаҷми хароҷоти молиявие, ки дар давоми се соли охир барои харидани таҷҳизоти замонавӣ ва заминаи моддию техникӣ сарф шудааст, зиёда аз 3 млн. сомонир ташкил медиҳад, ки ба ҳар як донишҷӯӣ ба ҳисоби миёна 760 сомониро ташкил медиҳад.

Дар мавриди сӯҳбат муаяйн карда шуд, ки асоси усувории фаъолияти иқтисодиву молиявии муассисаҳои таҳсилоти касбиро ҷалби довталабон, қабули донишҷӯён муаяйн менамояд. Пайваста бо шиддат гирифтани рақобат дар бозори хизматрасониҳои таҳсилоти сатҳи миёнаи касб (дар ин бозор беш аз 75 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии давлативу ғайридавлатӣ иштирок менамоянд). сол аз сол мушкилоти ҷалби донишҷӯён пайдо мешавад. Ҳангоми гузаронидани пурсиш (250 нафар донишҷӯён иштирок доштанд) беш аз 36%-и донишҷӯён итилоот доданд, ки интихоби ин колеҷ ва интихоби омӯзиши касб аз тарғибот дар мактаб сурат гирифтааст ва беш аз 35% аз тариқи итилооти хешовандон шомил шуданд.




**Расми 2.2.– Тақсимоти донишҷӯён аз рӯи манбаи гирифтани итилоот доир ба ихтисосҳо, %**

Ин раванд ба хулосае меорад, ки дар назди шуъбаи маориф ва ё шуғли аҳолии ҳар як шаҳру ноҳияҳо зарурати Маркази интихоби касб, ки бо омӯзиши тамоюли минбаъдаи бозори меҳнат асос мегирад, таъсис ёбанд.

Ба сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ, чун қоида, хароҷот барои гирифтани таҳсилот ва нигоҳубини саломатӣ, хароҷот барои дарёфти ҷои кор, бозомӯзии касбӣ, муҳоҷират, таваллуд ва тарбияи фарзанд ва ҷустуҷӯи таҳсилоти аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳимро нисбат медиҳанд. Ба ибораи дигар, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ин хароҷоте (дар шакли пул ё дар шакли дигар) мебошанд, ки дар оянда ба афзоиши даромади инсон мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои таҳсилот дар коллеҷҳо барои ҳар як фард бо харҷи нисбатан паст имконияти маоши баландтар, ёфтани ҷои кори сердаромад, боло рафтани мақоми иҷтимоӣ, инчунин зудтар мутобиқ шудан ба дигаргуниҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятиро медиҳад. Барои баҳодиҳии иқтисодии самаранокии сармоягузори фард ба таҳсилот асосан таъсири пулӣ, яъне таносуби даромадҳоеро, ки ба таҳсилот ва хароҷот вобаста ба хариди он рост меоянд, истифода мебаранд. Тибқи маълумоти ЮНЕСКО, 60% фарқияти даромади одамон ба таҳсилот ва

40% - ба ҳама омилҳои боқимонда (саломатӣ, қобилиятҳои табии, пайдоиши иҷтимоӣ) рост меоянд[24].

Ҳамин тавр, сармоягузорӣ ба таҳсилоти фард, бо ташаккул додани сармояи инсонии он, пас аз муддати муайян ба соҳибаш боздеҳ (даромад) меорад. Дар ин зимн ба инобат гирифта мешавад, ки фард дар нақши сармоягузори оқил баромад мекунад. Л. Лесли ва П. Бринкман дар асоси таҳлили маълумот оид ба вазъи таҳсилоти касбии ИМА дар нимаи дуюми солҳои 80-ум" тадқиқот гузарониданд[25], ки мувофиқи он сармоягузориҳо ба таҳсилоти касбӣ (пеш аз ҳама дар коллеҷҳо), ки аз ҷониби шахсони воқеӣ амалӣ карда мешаванд, чун қоида, суд оварда, манфиати назаррас меоранд. Масалан, коэффисиенти судоварии сармоягузориҳои хусусӣ ба таълим (меъёри хусусии боздеҳи таҳсилот) барои гирифтани дараҷаи бакалавр, тибқи ҳисобҳои онҳо, ба ҳисоби миёна 13,4%, барои магистр - 7,2%, барои доктори фалсафа - 6,6% -ро ташкил дод. Чи тавре, ки мебинем коэффисиенти судоварии сармоягузориҳои хусусӣ дар гирифтани дараҷаи бакалавр, ки асосан коллеҷҳо тайёр менамоянд, баландтар аст. Коэффисиенти судоварии сармоягузориҳои хусусӣ барои дараҷаи магистр (7,2%), доктори фалсафа (6,6%) нишон медиҳад, ки ба қадри боло рафтани мақоми таҳсилоти зинаи баландтар коҳишёбии даромаднокии сармоягузорӣ аз таҳсилот сурат мегирад.

Ин тамоюл ба қоида ва ё қонуни умумии таназул ва ё коҳиши даромад аз сармоягузорӣ дар соҳаи таҳсилот тааллуқ дорад: ҳар қадар сатҳи рушди ҷомеа баландтар бошад, ҳамон қадар таъсири мушоҳидашаванда аз сармоягузорӣ ба таҳсил камтар аст. Ҳамин тариқ, аз рӯи баъзе ҳисобҳо, сатҳи боздеҳи сармоягузорӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ дар кишварҳои пешрафта 11%, дар кишварҳои камтар тараққикарда 15-18% ва ба таҳсилоти олӣ бошад, мутаносибан 9% ва 13-16% -ро ташкил медиҳад[26].

---

[24] Богомолова Н.Е. Дополнительное педагогическое образование в XXI веке // Школа - 2004 - № 2 – С. 3.

[25] Добрынин А.И., Дятлов С.А., Цыренова Е.Д. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования. -СПб.: Наука, 1999. – С. 254.

[26] Майбуров И.А. Элементы стратегии развития государственной высшей школы в условиях демографического кризиса// Пятый всероссийский симпозиум «Стратегическое планирование и развитие предприятий» ЦЭМИ РАН. Тезисы докладов и сообщений. М.: ЦЭМИ РАН, - 2004. – С. 98

Дар марҳилаи кунунии рушд дар ҷумҳурӣ тадриҷан зерсохтори пурқудрати молиявӣ ташаккул ёфта истодааст, ки захираҳои молиявиро барои рушди низоми таҳсилоти касбӣ аз манбаъҳои мухталиф ҷамъ оварда, дастрасии доираи васеи ташкилотҳои таҳсилотро ба ин захираҳо таъмин менамояд. Интишори ҳарчи бештарро барномаҳои дастгирии таҳсилоти касбӣ, грантҳо барои ҳамкории байналмилалӣ, грантҳои «якдафъаина» барои рушди кадрӣ, таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи пешрафтаи хориҷӣ рӯз аз рӯз пайдо карда истодаанд.

Ҳангоми интихоби воситаҳои молиявӣ бояд бар арзёбии захираҳое асос ёфт, ки метавонанд воқеан ба низоми таҳсилоти касбӣ равона карда шаванд. Дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба андешаи мо, дастгирии давлатӣ аз рӯи қобилиятҳои фардҳо бояд бартарӣ дошта, меъёри мақоми иҷтимоӣ бошад, бояд дуюмдараҷа бошад.

Таҳлили вобастагии сатҳи таҳсилоти фард ва маоши ӯ якчанд қонуниятҳои умумиро ошкор мекунад:

- музди корманд аз синну соли ӯ вобастагии муайян дорад - музди меҳнат бо афзоиши синну сол афзоиш ёфта, ба авҷи муайян дар синни пеш аз нафақа расида, сипас андаке кам мешавад;

- дар ҳар як гурӯҳи синну солӣ кормандони дорои таҳсилот назар ба кормандони дорои таҳсилоти камтар музди зиёдтар мегиранд;

- суръати “синну солии” зиёдшавии музди меҳнати кормандони дорои таҳсилот назар ба музди меҳнати кормандони дорои таҳсилоти камтар баландтар аст;

Дар таҳлили самаранокии сармоягузории хусусӣ ба сармояи инсонӣ омилҳои вақт ва хавф муҳиманд. Дар ин робита, як қатор хусусиятҳои муҳими ин гуна сармоягузориҳоро зикр кардан бамаврид аст.

Аввалан, ин дараҷаи баланди хавф (ё номуайянӣ) -и сармоягузории хусусӣ ба таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ дар сатҳи муосир мебошад. Мавҷуд набудани кафолатҳои возеҳи даромади пешбинишуда дар дурнамои

дарозмуддат банақшагирии меъёри боздеҳи сармоягузориҳоро бо дараҷаи муайяни эҳтимолият имкон медиҳад.

Унсури дуввуми бунёдии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ вақт аст ва вақт бояд ба ҳайси як ҷузъи объективӣ ва ҳамчун ҷузъи субъективи ба корманди мушаххас хос ба назар гирифта шавад. "Ҳар як фард дорои захираи ибтидоии вақти инсонӣ мебошад. Захираи вақти инсонӣ ҳамчун захираи манбаъҳо хеле муҳим мебошад. Ин дороии асосии сармояи инсонист, ки ба фард имкон медиҳад дигар дороиҳои сармояи инсониро ба даст орад"[27]. Хусусиятҳои зерини сармоягузориро ба сармояи инсонӣ фарқгузорӣ мекунем, ки онҳоро аз намудҳои дигари сармоягузорӣ фарқ мекунонанд:

- боздеҳи сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ бевосита аз дарозии ҳаёти ҳомили он вобаста аст;

- фарсудашавии сармояи инсонӣ, аввалан, бо дараҷаи фарсудашавии табии организми инсонӣ, ва, сониян, бо дараҷаи фарсудашавии фитрати он бо сабаби кӯҳна шудани донишҳо ва тағйирёбии арзиши таҳсилоти гирифташуда муайян карда мешавад;

- ба қадри андӯхташавии сармояи инсонӣ даромаднокии он то ба охир расидани фаъолияти фаъоли меҳнатӣ афзоиш ёфта, сипас якбора коҳиш меёбад.

Хусусият ва намудҳои сармоягузорӣ ба инсон бо хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ муайян карда мешаванд. Сатҳи таҳсилот ва интихоби касб аз ҷониби фарзандон ба таври назаррас аз анъанаҳои оилавӣ ва сатҳи таҳсилоти падару модарон вобаста мебошанд.

Тибқи маълумоти омории ИМА оид ба миёнаи солҳои 1960, фарде, ки коллеҷро хатм кардааст, дар тӯли фаъолияти ҳаётиаш назар ба хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоби миёна 2 маротиба зиёдтар музди кор гирифтааст[28]. Қайд кардан зарур аст, ки дар охири солҳои 80-ум ҳамаи гурӯҳҳои мутахассисони ИМА ба кӯшиши баланд бардоштани сатҳи таҳсилот оғоз карданд. Дар миёнаи солҳои 1980-ум, пас аз 40 соли хатм кардани колеҷ

[27] см: Беккер Г. Человеческий капитал: теоретический и эмпирический анализ, - 1964 г. – С. 86.

[28] Зельднер А.Г. Методологические подходы к обеспечению экономического роста. Сборник: Государство и экономика: факторы экономического роста. Под ред. Зельднера А.Г., Ваславской И.Ю. - М.: Институт экономики РАН, 2002г. – С. 89.

мутахассис, назар ба корманде, ки таҳсилоти ибтидоии касбӣ дорад, тақрибан 0,5 млн. доллар бештар маош мегирад. Музди миёнаҳафтаинаи як амрикоӣ, ки шаҳодатномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ надорад, аз 462 доллар дар соли 1979 ба 337 доллар дар соли 1999 кам шуд, дар ҳоле ки шахсони дорои таҳсилоти коллеҷи дар ҳамин давра аз 758 доллар то 821 доллар афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавии даромади мутахассисони сатҳҳои мухталифи таҳсилот дар охири асри XX дар ИМА тезисро дар бораи самаранокии баланди сармоягузориҳои хусусӣ (шахсӣ) ба сармояи инсонӣ комилан тасдиқ мекунад. Шахсе, ки таҳсилоти миёна дорад, ба ҳисоби миёна дар як моҳ назар ба мутахассис 1000 доллар музди камтар мегирад. Чунин тамоюлот ба кишварҳои дигар низ хос мебошанд.

Ҳолати мазкур бо он тасдиқ мешавад, ки имрӯз дар ИМА маоши миёнаи кормандони илмӣ, ки онҳо дар ниҳояти кор сатҳу сифати тайёр намудани мутахасисиони коллеҷҳо ва донишгоҳоро муаяйн менамоянд, аз маоши миёна дар иқтисодиёт ду баробар зиёд мебошад. Барои муқоиса, вазъ дар ҷумҳурӣ фарқ мекунад. Дар солҳои иқтисодиёти шӯравӣ, маоши профессорон аз маоши миёна дар саноат 4 маротиба зиёдтар буд. Айни замон вазъ комилан тағйир ёфтааст. Ҳамин тавр, дар солҳои охир маоши олимон аз маоши миёна дар кишвар камтар шудааст..

Дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва илм бояд ба маблағгузории соҳаҳое диққати махсус дода шавад, ки ба афзалиятҳои стратегии рушди иқтисодии кишвар ҷавобгӯ мебошанд. Ба ақидаи мо, маблағгузории буҷетии соҳаи илм бри рушди низоми таҳсилоти касбии миёнаву оли нақши гиреҳӣ дорад. Имрӯз маблағгузории буҷетии соҳаи илм набояд ба дастгирии гурӯҳҳои заиф ва пошхӯранда, балки ба маблағгузории (дар шакли грант) олимони ҷавони боистеъдод ва мактабҳои илмии ояндадор нигаронида шавад. Ҳамчунин сафарҳои муваққатии кормандони баландихтисоси ватанӣ ба хориҷа дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳои пешрафта мувофиқи мақсад мебошанд. Таъсис ва маблағгузории барномаҳои махсуси мубодила ба ғанигардонии нерӯи зеҳнии коллеҷҳо мусоидат кунанд.

Сарфи назар аз даромаднокии пасти сармоягузорӣ ба таҳсилоти олии касбӣ дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷумҳурӣ аксарияти ҷавононе, ки таҳсилоти миёна ва таҳсилоти ибтидоии касбиро гирифтаанд, мехоҳанд таҳсилашонро идома дода, дипломи муассисаи таҳсилоти олиро гиранд. Тибқи таҳқиқот, аз даҳ оила нӯҳтоашон барои кӯдакон таҳсилоти олиро афзалтар мешуморанд. Вазъи асосии хоҳиши шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти олӣ дар ҷумҳурӣ анъанаи фарҳангӣ боқӣ мемонад. Таърихан, имконоти ноил шудан ба некӯаҳволии иқтисодӣ ва сатҳи муайяни иҷтимоӣ дар тафаккури ҷомеа бо таҳсилоти олӣ вобастагии зич дорад. Омили муайянкунандаи интихоби таҳсилоти олӣ ҳамчун роҳи асосии болоравии касбӣ имконияти таҳсили ройгон дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва берун мондан аз хизмати ҳарбӣ мебошад. Айни замон ин имконият ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, аммо довталаб метавонад бо гирифтани шаҳодатномаи хуби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҳои хуб, ки дар имтиҳонҳои дохилшавӣ нишон дода шуданд, ба таҳсили аз ҷиҳати расмӣ ройгон (вобаста ба нуфузи муассисаи таҳсилоти олии интихобшуда) умед бандад. Дар миёни ваҷҳои гирифтани таҳсилоти олии касбӣ инҳоро номидан лозим аст:

- ирсияти фарҳангӣ (мавҷуд будани таҳсилоти олӣ дар падару модарон);
- баланд бардоштани имконияти шуғли арзанда ва боэътимод;
- сатҳи некӯаҳволии оила, ки барои пардохти таҳсилоти фарзандон имконият фароҳам меорад.

Аммо як қатор ангезаҳои «ғайримуқаррарӣ» мавҷуданд, ки аз ҷониби равонии муайяни довталабон ва набудани кори тайёркунии фаҳмондадиҳӣ, ки бо хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида мешавад, ба миён меоянд. Ҳамин тавр, баъзе хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кӯшиш мекунанд, ки таҳсилоти олиро гиранд, зеро дипломи муассисаи таҳсилоти олӣ дарёфти ҷойи кор, ки меҳнати ҷисмониро истисно мекунад - «кормандони офисӣ» - ро кафолат медиҳад. Дигарон таҳсили худро идома медиҳанд, зеро мехоҳанд қабули қарорро ба таъхир андохта, фаҳманд, ки дар зиндагӣ бо кадом кор машғул хоҳанд шуд. Барои баъзе ҷавонон дохилшавӣ

ба донишгоҳҳо, чуноне, ки дар боло қайд намудем, барои фирор кардан аз адои хизмати ҳарбӣ дар артиш мусоидат менамояд. Ин тамоюл боиси ғайрисамаранок истифода шудани маблағҳои ҷомеаву давлат мегардад. Дар ин ҳолат зарурати танзими давлатии низоми таҳсилоти касбӣ ба миён меояд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд заминаи омӯзиш ва озмуни қобилиятҳо бошад, ки пас аз он сафарбар кардани онҳо ба донишгоҳҳо сурат гирад. Бинобар он ҷойгоҳи ва мақоми муасисаҳои миёнаи касбӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ баланд карда шавад ва робитаи онҳо бо донишгоҳо устувор карда шавад. Дар асоси маниторинги ҷойҳои корӣ ва вазифаҳое, ки дар соҳаҳову бахшҳои иқтисодиёт мавҷуданду ихтисосҳои таҳсилоти олии касбиро талаб менамоянд, муаяйн крда шавад ва ҳамин тариқ таносуби оқилонаи тайёр намудани миёни муассисаҳои низоми таҳсилоти касбӣ аниқ шуда ҳачми маблғгузории буҷавӣ тасниф карда шавад.

Таҳлили муаммоҳои ошкоршудаи дохилшавии донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олӣ дар миёни довталабон аз зарурати таҳия кардани як иттилоотӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ба хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳои гуногуни пешрафти касбиро ба таври объективӣ арзёбӣ кунанд. Кори фаҳмондадиҳӣ бояд ҳанӯз дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳам аз ҷониби корфармоён, ҳам аз ҷониби ҷомеашиносон гузаронида шавад. Донишҷӯи оянда бояд дурнаморо аниқ тасаввур карда, дар бораи «имкониятҳои аздастрафта» ва самаранокии гирифтани таҳсилоти касбӣ тасавурот дошта бошад. Дохилшавӣ ба муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва баъд ба донишгоҳҳо хуб ба сифати ангезаи асосӣ бояд гирифтани тахассуси хуб ва даромади баландро дар оянда кафолат диҳад.

Масъулият дар интихоби самти касб ҳангоми гирифтани таҳсилоти пулакӣ ба таври назаррас меафзояд. Дар шароити мавҷуда гузариш ба таҳсилоти пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аз ҷониби вазъи нисбатан пасти молияви қисми муаяйни аҳолӣ ва мавҷуд набудани рушди барномаи қарздиҳии таълимӣ мураккаб гардидааст. Роҳи имконпазири баромадан аз вазъият бояд ҷалби соҳибкорӣ ба маблағгузории таҳсилоти касбӣ оянда гардад.

Дар ҳолати муайян кардани меъёрҳои асосии тахассуси кормандони ҷавон аз ҷониби корфармо: ҳаҷм ва сифати донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо, соҳибкорон барои сармоягузорӣ ба нерӯи кадрии крхонаҳои манфиатдор гардида, метавонад дар маблағгузории таҳсилоти миёнаи касбӣ ширкат варзад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми баррасии масъалаҳои самарабахшии сармоягузориҳои хусусӣ ба сармояи инсонӣ хулоса дар бораи зарурати асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ барои ҳамгироии манфиатҳо ва ҳамкории судманди мутақобилаи соҳибкорӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба назар мантиқӣ мерасад. Интихоби шахсии корманд ба манфиати идомаи таҳсил бар арзёбии манфиати сармоягузории захираҳои иловагӣ (пул ва вақт) ба такмили ихтисос асос меёбад. Азбаски шуғли минбаъда мустақиман ба талаботи истеҳсолот вобаста аст, мафҳуми таҳсилоти пешрафта дар асоси банақшагирии тақозо ба қувваи корӣ дар иқтисодиёт муҳим хоҳад буд.

Бо ворид шудан ба бозори меҳнат, мутахасисон бо мушкилоти мураккаби дарёфти ҷойи кор рӯ ба рӯ мешаванд. Бояд қайд намуд, ки ин мушкилот на танҳо ба иқтисоди мамлакати мо, балки ба бозори меҳнати мамлакат таъсир мерасонад. Вазъият дар ҷумҳурӣ бо амалан мавҷуд набудани дастгирии давлатии иҷтимоии мутахассисони ҷавон амиқ мегардад. Дар чунин вазъият аз аҳамияти хос сатҳи таҳсилот, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки аз ҷониби ҷавонон дар давраи таҳсил ба даст оварда шудаанд, бархӯрдор мешаванд. Дар кишварҳои мутараққӣ вобастагии ба таври кифоя дақиқ миёни таҳсилоти гирифташуда ва имкониятҳои минбаъд дарёфти ҷойи кор ва ҳаҷми музди меҳнат ба мушоҳида мерасад. Аммо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вобастагӣ он қадар возеҳ нест. Ҷавоби саволи донишҷӯ будан ё набудани он ба сметаи арзиши омӯзиш ва даромади интизорравандаи он вобаста аст. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қарор медиҳанд, ки ба муассисаи таҳсилоти касбӣ дохил шаванд, агар онҳо боварӣ дошта бошанд, ки ин интихоби беҳтарин аст.

Бояд қайд кард, ки таҳаввулоти бозаргонии соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ барои донишҷӯён ангезаи дигареро ба вуҷуд овард, ки иттилоотисозии таҳсилот

на танҳо дар тафаккур ва рафтори омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, балки инчунин дар муносибатҳои онҳо бо донишҷӯён низ тағйиротро талаб мекунад. Солҳои охир сиёсати кадрии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҳолати вазнин қарор дорад. Мушкилот дар интихоби кадрҳои ҷавон синну соли миёнаи омӯзгоронро ба таври назаррас афзоиш дод, ки 45 солро ташкил медиҳад. Умуман, дар сохтори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шахсони аз 41 то 60 сола ва калонтар (67%) бартарӣ доранд. Фоизи ҷавонони то 30 сола кам - 33%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосӣ паст рафтани нуфузи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва маоши кам мебошад. Таҳқиқот дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нишон доданд, ки аксари хатмкунандагон ба маоши қариб 1000 сомони дар як моҳ тамаркуз мекунанд ва онҳо намехостанд, ки бо сабаби ин сатҳи маош дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ кор кунанд. Дар ин роҳ, эҳтимол дорад, ки қисми мушкилот тавассути таъмини кафедраҳои худ бо кадрҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимӣӣ олӣ бартараф карда шавад. Баробар намудани мақом ва сатҳи маоши кормандони дорои илмӣ бо мақому сатҳу кормандони донишгоҳҳо яке аз механизмҳои ҷалби омӯзгорони болаёқат мебошад.

Масъалаи тағйирот дар муносибатҳои роҳбарикунандаи «омӯзгор - донишҷӯ», «роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олӣ - контингенти донишҷӯён» мубрам маҳсуб меёбад. Бо фармоиши давлати дар тайи даҳсолаҳо решагирифта ба тайёр кардани мутахассисон, муайян кардани мазмуни курсҳо аз боло ва ғайра навъи таълим бо мавқеи авторитарии омӯзгорон, деканатҳо ва ғайра нисбати донишҷӯён ташаккул ёфта буд. Ин навъи муносибатҳои мутақобила кӯҳна шуд. Имрӯз як навъи дигари муносибатҳои дохиликолеҷӣ (алахусус дар баъзе коллеҷҳо) - коллегиализм, ки бар ғояи кори муштарак доир ба азхудкунии ихтисоси муайян асос ёфтааст, амал мекунад. Аз ин нуқтаи назар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии Британияи кабир ҷолиби диққат аст. Дар онҳо, чун қоида, зимни татбиқи ин ё он барномаи таҳсилотӣ кумитаи махсус таъсис дода мешавад, ки ба он ҳам омӯзгорон, ҳам донишҷӯён дохил мешаванд. Ҳар як модул ё курси таҳсилотӣ механизми расмие дорад, ки бо мақсади равшан

кардани андешаҳои донишҷӯён дар бораи таҳсилот алоқаманд аст. Одатан, чунин робитаи баръакс тавассути пурсишҳо муқаррар карда мешавад; баъзан «гурӯҳҳои фокусӣ» истифода мешаванд. Дар ҳар як марҳилаи омӯзиши афкор донишҷӯён фаъолона ҷалб карда шуда, иштироки иттифоқи донишҷӯён ташвиқ карда мешавад. Дар натиҷаи сӯҳбат бо донишҷӯён маълум мегардад, ки имрӯз аксари донишҷӯён ба ин гуна муносибат омодаанд. Онҳо тамаркуз ба: а) даст овардани ихтисоси мушаххас; б) азхудкунии соҳаи муайяни донишҳои соҳавӣ доранд. Дар атрофи танзимоти ин гурӯҳҳо на танҳо стратегияи ташаккули мутахассисони ояндаро тарҳрезӣ кардан, балки инчунин маъракаи ташвиқотиро барои ҷалби донишҷӯён ба маагистратура гузаронидан мумкин аст. Ҷалби онҳо ба эҷодкории якҷоя аз рӯйи ихтисос имкон медиҳад, ки вазъ дар аудиторияи донишҷӯӣ тағйир дода шуда, таъсири он гурӯҳи донишҷӯён бартараф карда шавад, ки ба гирифтани, пеш аз ҳама, лаззатҳои марбут бо мақоми донишҷӯ ва ғайра майл дорад. Ҳангоми гузариш ба чунин муносибат (парадигма) мушкилоти рафъи равонии як қисми ҳайати омӯзгорӣ истисно карда мешавад. Дар мавриди маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад, дар байни онҳо то ҳол истифодаи мақсадноки механизмҳои бозорӣ, стратегияҳои рафтори рақобатӣ ба мушоҳида намерасад. Аз ҷумла, имкониятҳои механизмҳои иҷтимоӣ дар омӯзиши мушкилоти идоракунӣ ба таври кофӣ истифода намешаванд.

Ивазкунии тамоюл дар соҳаи таҳсилот бавосита бо масъалаи идома додани таҳсилоти муттасил вобаста аст. Тавре маълум аст, қисми асосии донишҳои махсус ҳар 5-6 сол нав мешавад. Агар бо фаҳмиши «мутахассиси муосир», ки ба қисме аз донишҷӯён хос аст, розӣ шавем (тибқи яке аз пурсишҳо, таълими чунин «мутахассис» ба азхудкунии забонҳои англисӣ ва компютер маҳдуд мешавад), пас дар ҳақикт бояд бетанаффус таҳсил кард. Хусусияти бунёдии таҳсилот имкон медиҳад, ки бо шаклҳои нисбатан кӯтоҳмуддати таҳсилоти иловагӣ маҳдуд карда шавад. Инчунин таълими мутахассисони оянда бо усулҳои навсозии бонки донишу малакаи шахсии худ зарур мебошад.

Дар айни замон, гарчанде ки заминаи муайяни меъёрие, ки ба масъалаҳои рақобат дар соҳаи таҳсилоти касбӣ нигаронида шудааст, мавҷуд аст, он ҳанӯз ҳам дар иқтисоди бозорӣ дар ҳолати ҷустуҷӯи ҷойи худ қарор дорад. Вобаста ба ин, зарурати идома додани таҳқиқот оид ба ҷамъбасти таҷрибаи навъҳои гуногуни озмоишҳои таҳсилоти имрӯза, ҷорӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ғайра, таҳлили амиқи паёмадҳои онҳо тақвият меёбад.

Аллакай якчанд сол аст, ки низоми таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон мавриди ислоҳот қарор дорад, ки дар асоси он ҷорикунии низоми аврупоии гузариш ва ҷамъоварии кредитҳо (ECTS) фаъолият менамояд. Зери низоми кредитҳо таърифи низомии ҳамаи ҷанбаҳои асосии ташкили раванди таълимӣ дар асоси истифодаи воҳиди санҷишӣ (кредит) ба сифати андозаи меҳнатғунҷоишии кори таълимӣ фаҳмида мешавад, ки маҷмӯи ҳамаи ҷузъҳои таркибии марбутро бо ташкили раванди таълимӣ ифода мекунад. Аз нуқтаи назари ҷанбаҳои функсионалӣ низоми воҳидҳои санҷиши асоси инҳо маҳсуб меёбад:

- ташкили раванди таълимии фард-меҳвар, ки ба донишҷӯён имконияти тартиб додани нақшаҳои инфиродии таълимӣ, муайянкунии озоди пайдарпаии азхудкунии фанҳо, мустақилона тартиб додани ҷадвалҳои шахсии семестри машғулиятҳои таълимиро фароҳам меорад;

-низоми ташвиқдиҳандаи балли-рейтингии арзёбии натиҷаҳои фаъолияти таҳсилии донишҷӯён;

- ташаккул ва рушди доимии нақшаҳо, барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои мазмуни таҳсилот;

- озодиҳои академӣ, аз ҷумла ҳуқуқи интихоби озоди усули каи таълим, ки ба омӯзгорон пешниҳод карда мешаванд.

Ҷорикунии низоми ECTS аз ивазкунии назорати анъанавии дискретӣ-сесиявӣ ба рейтинги муттасил гирифташаванда дар давраи таҳсил ва дар марҳилаҳои назорати фосилавӣ иборат аст. Рейтинг арзёбии миқдории ягон сифати инсон мебошад. Бинобар ин, рейтинги таълими донишҷӯ – ин арзёбии миқдори натиҷаҳои таъсирррасонии педагогӣ ба инсон мебошад.

Аз ҷониби Вазорати маориф ва илм тавсия дода шудааст, ки сарбории таълимӣ ба кредитҳо бо роҳи тақсими математикии сарбории умумии (аудиторӣ ва мустақилонаи) таълимӣ дар семестр ба коэффисиенти 36 (36 соати сарбории таълимӣ) ҳисоб карда шавад. Мувофиқи қонунҳои раванди Болония, барои донишҷӯён ҳисоб кардани кредит барои таҷрибаомӯзӣ ва амалия, барои тайёршавӣ ба имтиҳонот меъёр ҳисобида мешаванд. Воқеан, ин кори воқеии таълимӣ мебошад, ки дорои меҳнатғунҷоиши муайян мебошад; муҳим аст, ки бузургии он ҳарчи бештар объективӣ муайян карда шавад. Бешубҳа, кредитҳо бояд барои навиштани рефератҳо ва корҳои курсӣ ҳисоб карда шаванд, ки омӯзиши миқдори назарраси манбаъҳоро пешбинӣ менамоянд, мутаносибан, меҳнатғунҷоишии чунин намудҳои кор баланд аст. Аммо, дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ кишвар аксарияти ин намудҳои фаъолият дар модули баллӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки ба сатҳи арзёбӣ аз рӯйи фанни додашуда таъсир мерасонанд, вале ба миқдори умумии кредитҳои бадастомада таъсир намерасонад.

Ҳисоб кардаи кредитҳо ба донишҷӯ танҳо аз рӯйи натиҷаҳои аз ҷониби ӯ супоридани бомуваффақияти шакли назорати ҷамъбастӣ, ки бо нақшаи таълим муайян карда шудааст, аз рӯйи фанни додашуда (имтиҳон, санҷиш, тест ё кори ҷамъбастии назоратӣ ва ғайра) гузаронида мешавад. Дар ин зимн бузургии баҳо ба миқдори кредитҳо таъсир намерасонад, ягона чиз он аст, ки он бояд мусбат бошад (балл на пасттар аз “E” дар низоми аврупоии баҳодиҳӣ).

Кредитҳо бевосита бо модулҳо алоқамананданд. Дар баробари ин ҷорикунии таълими модулӣ, ба монанди низоми кредитҳо, ҷорикунии тағйиротро дар ташкили раванди таълимӣ аз рӯи муносибатҳо миёни донишҷӯён, омӯзгорон ва муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ боис гардида, муносибати салоҳиятнокро ба таълим таъмин менамояд.

Ғояи асоси модул аз вазифаҳои зерин иборат аст: таълимгиранда бояд худаш таҳсил кунад, омӯзгор бошад, бояд идоракунии таҳсили ӯро амалӣ гардонад: ҳавасманд созад, таҳкил кунад, ҳамоҳанг созад, машварат диҳад, назорат кунад. Ҳамин тариқ, модул ба сифати воситаи таълимӣ хизмат мекунад,

зеро он нақшаи мақсадноки амалҳо, бонки иттилоот, роҳнамоии методӣ оид ба ноилшавиро ба ҳадафҳои дидактикӣ дар бар мегиард. Маҳз модул метавонад ҳамчун барономаи таълимие хизмат кунад, ки аз рӯйи мазмун, методҳои таълим, сатҳи мустақилият, суръати фаъолияти таҳсилию маърифатии донишҷӯ фардӣ кунонида шудааст.

Аммо, низоми ватании тайёркунии мутахассисон, ки дар даҳсолаҳои пешин ташаккул ёфтааст, наметавонад ба фазои таҳаввулёфтаи аврупои мавҷуда бидуни тағйироти сохторӣ комилан мутобиқ бошад. Бозбинии сохторҳо ва принсипҳои талабшавандаи раванди таҳсилотӣ боиси тағйирёбии сарбории таълимии омӯзгорон ва ҷадвали штатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ гардида, кори калони усули ро доир ба фароҳам овардани шароит барои таълими мустақилонаи доншҷӯён талаб карда, тағйиротро дар амалияи таълим – ва, бинобар ин, дар шуури омӯзгорон ва донишҷӯён тақозо мекунад. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани низоми кредитии модулӣ на танҳо масъалаи маъмурӣ ё ташкилӣ-ҳуқуқӣ, балки пеш аз ҳама иҷтимоӣ ва психологӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин ҳолатҳо мушкилоти асосии ташкили раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва тайёркунии мутахассисон ба шумор мераванд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

## 3.1. Муносибати барномавию мақсаднок ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 қайд шудааст, ки «...дурнамои рушди дарозмуҳлати низоми маорифи ҷумҳурӣ бояд дар принсипҳо ва талаботҳои асосии зерин асос ёбанд: тамоми сатҳҳои таҳсилот бояд ба стандартҳои сифат ҷавобгӯ бошанд; сифат ва миқёси таҳсилоти касбӣ бояд рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин намоянд; байни низоми маориф ва бозори меҳнат бояд алоқаи зич бошад, ки мувозинаи пешниҳоди мутахассисони дараҷаи мухталифро аз рӯи талаботи бозори меҳнат таъмин кунад; бунёди иқтидори инноватсионӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи зич доранд; низоми маориф дар тамоми сатҳҳо бояд барои ташаккулёбии дониш ва малакаи зарурӣ ҷиҳати рушди устувор мусоидат намояд»[29].

Барои татбиқ намудани чунин ҳадафҳои стратегӣ идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ, аз он ҷумла миёнаи касбии мамлакат бояд ба муносибатҳои барномавии мақсаднок такя намояд.

Муносибати барномавӣ-мақсаднок - ин усули муосири идоракунии низомҳои мураккаби иқтисодии сатҳҳои мухталиф (аз иқтисодиёти миллӣ то ташкилотҳои калон ва миёна) мебошад, ки дар низоми - банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ (БББ) асос ёфтааст. Муносибати барномавӣ-мақсаднок ба рушди низоми иҷтимоиву иқтисодӣ истилоҳи хеле васеъ буда, ҳамчун шакли банақшагирӣ баррасӣ мешавад, ки бо ҷустуҷӯи роҳҳои оптималии муттаҳид кардани ҳадафҳо ва захираҳо барои ба даст овардани онҳо алоқаманд буда, ба ҳалли масъалаҳои иқтисодии миллӣ бо даст кашидан аз муносибати танги соҳавӣ ва таҳкими хусусияти байнисоҳавии он нигаронида шудааст.

---

[29] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи то соли 2030. – С. 52.

Низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ (БББ) низоми идоракунии ташкилот мебошад, ки ҳалли танзимҳои мақсадноки онро ҳангоми истифодаи ҳадди ақали захираҳои молиявӣ таъмин менамояд. Мувофиқи ин система, роҳбарияти соҳа ва муассиса зимни иҷрои фаъолияти худ бояд мақсадҳои зеринро ба назар гирад: мақсадҳои муқарраршуда ва намудҳои фаъолият (чорабиниҳо), ки барои ноил шудан ба ин мақсадҳо заруранд; захираҳое, ки барои иҷрои ин намуди фаъолият заруранд; натиҷаҳое, ки ба даст оварда мешаванд. Низоми мазкур навъи алтернативии роҳи анъанавии тақсим ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ мебошад, вақте ки роҳбарияти ташкилоти буҷетӣ хароҷотро аз рӯи ду меъёр тасниф мекунад: кӣ хароҷотро амалӣ мекунад ва чӣ гуна маблағҳо сарф карда мешаванд (музди меҳнат, харидории таҷҳизот ва ғайра). Дар низоми БББ хароҷот мувофиқи ҳадафҳои фаъолият ва рушди муассиса, ки ҳангоми амалисозии намудҳои муайяни хароҷот (барномаи буҷетӣ) ба даст меоянд, гурӯҳбандӣ карда мешавад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мо муносибати барномавӣ-мақсадноки ба рушди соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун як шакли танзими давлатӣ ва идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, тамоми низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар асоси барномаҳои мақсаднок баррасӣ карда мешавад, ки дар навбати худ аз воситаи танзими давлатии иқтисодиёт иборат буда, дар шакли ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқии таъйиноти директивидошта қабул шудаанд. Ба ақидаи мо, маҳз дар «таҳияи барномавӣ» моҳияти муносибати барномавӣ-мақсаднок гузошта шудааст, ки раванди дарёфти роҳҳои беҳтарини муттаҳид кардани ҳадафҳо ва захираҳоро барои ба даст овардани онҳо бо истифода аз методологияи низомӣ ва муносибати маҷмӯӣ дар бар мегирад.

Барномаи мақсаднок аз маҷмӯи чорабиниҳои таҳсилотӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва дигар иборат аст, ки ҳалли самарабахши вазифаҳо дар соҳаи рушди давлатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар, инчунин рушди инноватсионии иқтисодиётро таъмин менамоянд. Мафҳуми “барнома” дар фаҳмиши муосири он ба гардиши истифодабарии амалияи дар охири солҳои 70-уми асри гузашта ворид шуд,

вақте ки имконнопазирии банақшагирии анъанавӣ имконнопазир гардида, таҳияи барномаҳои соҳавиву минтақавии мақсаднок асосноккуниҳои маҷмӯӣ ва воқеан ҳудудии нақшаҳои ояндаро ваъда медод.

Воқеият ва самарабахшии чорабиниҳои дар барнома пешбинишуда тавассути анҷом додани маҷмӯи амалҳои мушахасс ба даст оварда мешаванд. Раванди таҳия ва амалисозии барномаро бо истифодаи пайдарҳамии марҳилаҳои мувофиқашуда, ки дар раси 3.1. оварда шудаанд, тавсиф кардан мумкин аст.




**Расми 3.1. - Раванди таҳия ва амалисозии барномаро бо истифодаи пайдарҳамии марҳилаҳои мувофиқашуда**

**Сарчашма:** Ерохина Е.А. Назарияи рушди иқтисодӣ: муносибати низомташаккулдиҳанда. – Томск: Изд-во Том. Ун-та, 1999.

Дар марҳилаи таҳияи барнома вазифаи авалиндараҷа муайян кардани масъалае мебошад, ки ба ҳалли он нигаронида шудааст. Ташаккули барномаи рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун воситаи амалисозии стратегияи рушди иҷттимоиву иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он, ба назари мо, бо мушаххасоти масъалаҳое, ки зимни ҳалли он истифода мешаванд, муайян карда мешавад. Ҳалли ин масъала бояд дурнамои сифатан навро боз кунад, ки он дар асоси механизмҳои бозорӣ ва истифодаи расмиёти «анъанавии» идоракунии

мақомоти ҳокимият, идоракунии маҳаллӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ, инчунин дар доираи амалҳои истиснои яке аз тарафҳои ин раванд ғайриимкон аст. Маҳз бо ҳамин вазъияте муайян карда шудааст, ки зимни он соҳаи таҳсилоти касбӣ як навъ сарвар дар истифодаи чунин воситаы идоракунии давлатӣ, ҳамчун барномаи мақсаднок, маҳсуб меёбад.

Низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ аз мавқеи таҳияи стратегияи кишвар ва минтақаҳои он ҳамзамон ҳамчун объекти идоракунии стратегӣ ва банақшагирӣ, маҳдудияти имкониятҳои рушд ва ҳамчун манбаи асосии рушди устувори минтақавӣ баррасӣ мешавад. Аён аст, ки бо ин муносибат, низоми таҳсилоти миёнаи касбиро ҳамчун соҳаи алоҳида баррасӣ кардан имконнопазир аст.

Аз ҷумла, ғайримутамарказ кардани таъсири идоракунӣ ба рушди таҳсилоти касбӣ ба ташаккули муносибати нав ба идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ ҳамчун унсури низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа ва муайян кардани имкониятҳои интихоби самтҳои рушди он, ки бо стратегияи иҷтимоию иқтисодии он қиёс карда шудаанд, мусоидат менамояд.

Муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва зерҳадафҳои барномаи рушди низоми таҳсилоти касбии мамлакат ва минтақаҳои он «ҷалб» -и таҳияи барнома шуморида мешавад. Амсилаи ташаккули барномаи рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба низоми бисёрҷанбаи мақсадҳо асос ёбад, зеро шарти асосии воқеӣ будан ва натиҷанокии минбаъдаи барнома баҳисобгирии манфиатҳо ва дархостҳои корфармоён, ташкилоти таҳсилотӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

«Таҳкурсии» барномаи рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ самтҳои афзалиятноки рушди стратегии он маҳсуб меёбанд, ки дар навбати худ, аз самтҳои асосии тараққиёти мамлакат ва минтақаҳои он мувофиқи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии он, аз як тараф, ва самтҳои калидии рушди таҳсилоти касбӣ, аз тарафи дигар, бармеоянд.

Талаботи ба таҳлили вазъ ва иқтидори низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, мувофиқати он ба рушди иқтисодии мамлакат, ба арзёбии имконияти истифода ва инкишофи минбаъдаи он бо дарназардошти шароити дахлдор ва дурнамоҳои

стратегии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ зарурати таҳияи барномаи рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбиро муайян мекунад. Барномаи мазкур бояд баланд бардоштани низоми таҳсилоти касбӣ дар роҳандозии алоқаҳои зич бо субъектҳои бахши соҳибкорӣ, гузаронидани таҳқиқоти фаъол, рушди ҳамкорӣ ва ҳамгиросозии фаъолияти таҳсилотӣ, татбиқи траекторияҳои бисёрвариантии таҳсилоти мутасил ва бозомӯзии кадрҳо, таъсир ба рушди тамоюли меҳнатӣ ва касбӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, эҷод ва нигоҳдории иқтидори инноватисонии субъектҳои иқтисодӣ, банақшагирии робитаҳои дарозмуҳлат ва идоракунии иттифоқҳои стратегиро таъмин намояд.  Аз ин рӯ, барномаи рушди низоми таҳсилоти касбӣ ҳамчун воситаи татбиқи стратегияи иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Дар ҳар як марҳилаи ташаккули барномаи рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ методҳои гуногун: таҳлилӣ, амсиласозӣ, бозӣ, экспертӣ, ҳисобкуниҳои нақшавӣ ва асосноккунии пешбиникунандаро истифода бурдан мумкин аст.

Ҳангоми таҳияи воситаҳои амалисозии барнома арзёбии мувофиқати истифодаи он дар минтақаи муайян ва мувофиқати ин воситаҳо ба қонунгузории амалкунанда ва сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, баррасии вариантҳои алтернативӣ ва муқоисаи онҳо зарур аст. Пас аз ин бояд маҷмӯи тадбирҳо, амалҳо ва фишангҳои ба ҳам алоқаманд, ки ҳалли масъалаи гузошташударо таъмин намуда, ҳисобкунии хароҷоти нақшавиро таъмин менамоянд, муайян карда шаванд.

Дар асоси таҳлили самаранокии татбиқи барномаи рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ на танҳо ислоҳсозӣ «дар дохили барнома», балки инчунин пешниҳодҳо оид ба такмил додани унсурҳои стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва рушди низоми таҳсилоти касбӣ дар сатҳи минтақаҳои он низ имконпазир аст.

Танзими давлатӣ ва идоракунии рушди иқтисодӣ – ин амалҳои махсус ташкилшуда доир ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, тавозуни фаъолияти низомҳои минтақавӣ мебошанд, ки ҳадафи асосии онҳо беҳтар кардани сифат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Чунин навъи танзими

давлатии рушди соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар сатҳҳои гуногун дар идоракунии барномаи мазкур ифода меёбад. Бахусус, дар раванди нуфузи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дорои самтнокии дақиқи ҳадафманд, нишонии дақиқ, фосилаи маҳдуди замонӣ буда, ба тағйири вазъи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар минтақа тавассути марказонидани захираҳои молиявӣ, кадрӣ, зеҳнӣ ва моддӣ равона карда шудааст

Чи тавре дар боло зикр намудем, унсурҳои сохтории муносибати барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ *ҳадафҳо, чорабиниҳо ва захираҳоро* дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, сохтори идоракунии барномавӣ-мақсаднок - ин як навъ ё шакли идоракунии махсус мебошад, ки дар доираи он сохторҳои гуногуни хаттӣ ба татбиқи мақсадҳои мушаххаси барномавӣ нигаронида шудаанд. Навъҳои сохтори идоракунии барномавӣ-мақсаднок аз ҳадаф, лоиҳа, маҳсулот, матритса, мутобиқшавӣ, тақсимотӣ ва ғайра иборат мебошанд. Нуқтаи ибтидоии муносибати барномавӣ дар идоракунӣ муайян кардани муамоҳои алоҳида ва ташкили низоми муносибатҳои мақсадноки муассиса мебошад. Ҳалқаи (ҷисми) асосии барнома маҷмӯи чорабиниҳои барномавиро ташаккул дода, амалҳоеро тавсиф мекунад, ки барои расидан ба ҳадафҳо бояд иҷро шаванд. Алгоритми таҳияи барнома чунин пайдарпаиҳоро дар бар мегирад.

*Якум. Ифодаи мақсадҳои муассисаҳои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ.* Асоси ҳама гуна такмили низоми идоракунӣ таҳлили вазъи кор дар муассиса мебошад. Он аз таҳияи мақсадҳо ва таҳияи стратегияи оқилона оғоз меёбад. Таҳлил имкон медиҳад, ки “нуқтаҳои дарднок” муайян карда шуда, мавҷудияти масъалаҳо ва таъхирнопазирии ҳалли онҳо, инчунин паёмадҳои рафъ ё рафъ накардани зуҳуроти номатлуб арзёбӣ карда шаванд. Вазифаи асосии марҳилаи аввал муайян кардани масъала ва дар ин замина таҳияи муносибатҳо мебошанд. Муносибати мақсаднок - ин хусусияти ҳолати мушаххас ё маҳалли ҷойгиршавии муассиса мебошад, ки бо истифодаи маҷмӯи нишондиҳандаҳои дахлдор тавсиф карда мешаванд. Ба ҷумлаи муносибатҳои муҳимтарини мақсаднок сифати истеҳсоли хизматрасониҳои таълимӣ ва барориши

мутахассисон, рақобат дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва меҳнат, устувории молиявии муассисаҳо, иқтидори кадрӣ, мавҷудияти технологияҳои нав, хусусияти муассисаҳо ва идоракунӣ дар онҳо, методҳои кор бо стейкхолдерҳо ва ғайра мансубанд. Барои он ки мақсадҳо ба воситаи муосири идоракунӣ мубаддал гарданд, онҳо бояд қобили дастрасӣ, тағйирпазир, қобили андозагирӣ, мушаххас буда, дугонагӣ дар тафсир надошта, барои субъектҳои асосие, ки фаъолияти муассисаҳоро муайян мекунанд, мувофиқ ва қобили қабул бошанд.

Принсипҳои асосии таҳияи мақсадҳои муассиса инҳоянд:

- мувофиқати рисолати муассисаҳо ба мақсади генералии фаъолияти он, ки бо он муаррифӣ шудааст, ки чӣ тавр муассисаи додашуда мехоҳад дар назари истеъмолкунандгони хизматрасониҳои таълимӣ муаррифӣ гардида, нуфуз дошта бошад;

- асоснокӣ – муайянкунӣ ва ноилшавӣ ба ҳар гуна мақсад, ки вазъро дар муассиса дар маҷмӯъ ё дар воҳидҳои алоҳидаи он беҳтар месозад. Бо ин принсипи татбиқшавандагӣ (дастрасшавандагӣ)-и мақсадҳо робитаи наздик дорад;

- воқеияти муносибатҳои мақсаднок. Мақсадҳои гузошташуда бояд дар доираи имкониятҳои воқеӣ, бо дарназардошти на танҳо иқтидори моддӣ, кадрӣ ва молиявии муассиса, балки инчунин меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои нонавишта қарор гиранд;

- қобили қабул будани мақсадҳо барои ҳайати омӯзгории муассиса. Мақсадҳои гузошташуда бояд равшан, фаҳмо ва барои кормандон дар он дараҷае матлуб бошанд, ки онҳо ба татбиқи онҳо чӣ муносибат доранд.

Ифодаи мақсадҳои муассиса барои оянда аз муайянкунии рӯйхати умумии онҳо (каталогикунонии мақсадҳо) оғоз меёбад. Сипас тавсифи ҳар як мақсад дода шуда, кор доир ба муайянкунии муҳимияти он гузаронида мешавад. Мақсадҳои муассиса аз рӯйи хусусият ва миқёсҳои таъсири онҳо, аз рӯйи параметрҳои миқдории хароҷот, аз рӯйи имкониятҳои таъминоти институтсионалӣ, молиявӣ ва кадрии онҳо фарқ мекунанд. Баъдан,

муносибатҳои мутақобила байни мақсадҳо маълум карда мешавад. Ин муносибатҳо метавонанд ҳамоҳанг, бетараф ё зиддиятнок бошанд.

Айни замон тартиби асосноккунӣ ва сохторсозии мақсадҳои муассиса миқдори калони воситаҳои амалан санҷиданашударо дар бар мегирад. Тамоми маҷмӯи муносибатҳои мақсаднокро дар намуди “дархати мақсадҳо” тасаввур кардан мумкин аст, ки аз рӯйи сатҳҳои зинанизоми маҷмӯи муносибатҳои мақсадноки муассиса мураттаб гардидааст. Масалан, мақсад ё рисолати генералӣ таҳким ва рушди он мебошад.

Ба сифати мақсадҳои сатҳи аввал инҳо хизмат карда метавонанд:

- тавсеаи шабакаи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ;
- диверсификатсияи истеҳсоли хизматрасониҳои таълимӣ;
- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда.

Ба сифати мақсадҳои сатҳи дуюм инҳо хизмат карда метавонанд:

- ҷустуҷӯ ва ҷалби истеъмолкунандагони иловагӣ;
- кор бо истеъмолкунандагони мустақилона мурочиаткардаи хизматрасониҳои таълимӣ;
- тавсеаи номгӯи хизматрасониҳои таълимӣ;
- истифодаи технологияҳои нави раванди таҳсилотӣ;
- ҷалби кадрҳои нави баландихтисос.

*Дуюм. Таъмини маҷмӯи чорабиниҳои барномавӣ.* Мазмуни асосӣ ва қисми асосии барномаро маҷмӯи чорабиниҳое ташкил медиҳад, ки татбиқи онҳо барои ноилшавӣ ба мақсадҳои барнома зарур аст. Номгӯйи ин чорабиниҳо бояд ба таври кифоя мушаххас буда, маҷмӯи онҳо бояд хусусияти ҳамаҷониба дошта бошад.

Маҷмӯи чорабиниҳои барномавӣ аз номгӯйи амалҳои бо ҳамдигар алоқаманди аъзои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ оид ба ноилшавӣ ба муносибатҳои мақсадноки ин ё он сатҳи зинанизом иборат аст. Гуфтан мумкин аст, ки ин шарҳи дигари мақсадҳо дар маҷмӯи амалҳо барои татбиқи онҳо мебошад, ки бо шахсони мушаххасе алоқамананд, ки барои амалӣ мазкур ва барои ноилшавӣ ба муностабти мазкури мақсаднок ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳалли масъалаҳо алоқамандсозии захираҳо бо тадбирҳои андешидашуда ва мақсадҳои гузошташуда; таъминоти захиравии муносибати барномавӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои оянда; муносибати меъёрӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳо ва гузариш аз чорабиниҳо ба захираҳои барнома; муайянкунии нархи хизматрасониҳо, ки дар ҳаҷми хароҷоти барои ин мақсадҳо талабшаванда ифода меёбад, дар бар мегирад.

*Сеюм. Дар татбиқи барнома ҷойгоҳи пешбарро ташкили* идоракунии самарабахшӣ (натиҷанокӣ)–и фаъолияти муассисаи таҳсилоти касбӣ ишғол менамояд, ки усули маҷмӯӣ буда, имкон медиҳад, ки ҳамаи равандҳои таҳсилотии муассиса ба ноилшавӣ ба мақсадҳои стратегӣ равона карда шуда, қарорҳои ба ҳадди аксар самарабахш саривақт қабул карда шаванд. Муносибати маҷмӯӣ ба идоракунии муассиса методологияи нав набуда, маълумоти тамоми низомиҳои истифодашударо барои ноилшавии зуд, мақсаднок ва самарабахши ҳадафҳои стратегӣ ҷамъ карда, ба ҳисоб мегирад. Дар асоси он принсипи идоракунӣ қарор дошта, таъсироти омилҳои берунаеро ба назар мегирад, ки дар фаъолияти муассисаҳо нуфуз дошта, ташаккули стратегия, банақшагирии фаъолият, назоратро тавассути нишондиҳандаҳои калидии фаъолиятро дар бар мегиард. Ин раванди бетанаффус, доиман такроршавандае мебошад, ки тавассути робитаи баръакс байни ҷузъҳои он имкон медиҳад самарабахшии фаъолият баланд бардошта шавад.

Қаблан низомҳои қабулшуда, ки дар банақшагирии захираҳои зарурии моддӣ ва истеҳсолӣ, идоракунии муносибатҳои мутақобила бо истеъмолкунандагон, идоракунии захираҳо асос меёфтанд, бе дахолат кардан ба сатҳҳои тактикӣ ва стратегӣ, вазифаҳои идоракунии амалиётиро ҳал мекарданд. Мафҳуми идоракунии самарабахшӣ (натиҷанокӣ) дар ду маъно истифода мешавад:

1.Ҳамчун консепсияи идоракунӣ – муносибати муайян ба қабули қарорҳои идоракунӣ ва татбиқи онҳо зимни сарварии мақсадҳои стратегӣ;

2. Ҳамчун низоми иттилоотӣ – маҷмӯи воситаҳои барномавӣ, ки идеологияи қарорҳои идоракуниро дастгирӣ намуда, татбиқи онро дар амал таъмин менамоянд.

Низоми "идоракунии самарабахшӣ (натиҷанокӣ)" ба он нигаронида шудааст, то ки қарорҳои мушаххас барои баланд бардоштани самарабахшии фаъолият пешниҳод карда шаванд. Ин низом:

- мақсади стратегии аз ҷониби муассиса муайян кардашударо дар раванди фаъолияти таҳсилотӣ тавассути назорати мувофиқати параметрҳои воқеии фаъолият ба арзиши (бузургиҳои) муқарраршуда дастгирӣ менамояд;

- фаъолияти самарабахш, босифат ва мақсадноки тамоми воҳидҳоро ба тавре таъмин менамояд, то вазъиятеро, ки як воҳид ба мақсади худ ноил мешавад ва, хусусан, иҷрои супоришҳои инфиродиро аз ҳисоби дигар таъмин менамояд, пешгирӣ намояд. Дар натиҷаи татбиқи ин метод бо ҳамкорон на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид, балки инчунин аз мавқеи муассиса самарабахш низ мегардад;

- барои тамаркуз додани тамоми ҳайати омӯзгорӣ дар идоракунии амалиётӣ ва босифат такмили раванди ташаккули қарорҳои идоракуниро аз ҳисоби тақсимоти сатҳҳои идоракунӣ, яъне интиқоли ваколатҳо ва баланд бардоштани масъулияти кормандони зинаи қаблӣ, ташаккули низоми ҳавасмандсозии кормандонро вобаста ба ноилшавӣ ба мақсадҳои стратегӣ пешниҳод менамояд.

Дар низоми идоракунии арзиш, хавфҳо, хароҷот низоми мутавозини нишондиҳандаҳо ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Воситаҳои муҳимтарин амсиласозӣ, пешбинӣ, банақшагирӣ, назорат ва таҳлил мебошанд. Барои таъмини татбиқи стратегия дар реҷаи амалиётӣ ба сифати воситаи асосӣ буҷетгузорӣ истифода мешавад.

Тавре маълум аст, буҷетгузорӣ – ин банақшагирии истеҳсолӣ-молиявии фаъолияти корхона тавассути тартиб додани буҷети умумии корхона, инчунин буҷетҳои воҳидҳои алоҳида бо мақсади муайян кардани хароҷоти молиявӣ ва натиҷаҳои онҳо мебошад. Буҷетгузорӣ - ин расмиёти бетанаффуси тартиб

додани буҷет ва иҷроиши он мебошад. Буҷетгузориро ҳамчун арзёбии мустақилияти молиявии ташкилот, тақвияти интизоми молиявӣ ва тобеият ба манфиатҳои ташкилот дар маҷмӯъ манфиатҳои ҳамаи воҳидҳои он баррасӣ кардан мумкин аст[30]. Бо истифода аз буҷетгузорӣ чунин вазифаҳоро, ба монанди эҷоди низоми самарабахши идоракунии молия, мубаддал гардонидани муассисаҳо "аз ҷиҳати молиявӣ шаффоф" ва ғайра, ҳал кардан мумкин аст.

Ба монанди ҳар гуна расмиёт, муҳим аст, ки буҷетгузорӣ аз рӯйи қоидаҳои пешакӣ муқаррargардида амалӣ карда шавад. Мутаносибан, асоситарин – ин таҳия ва тасдиқи қоидаҳои муайян, ки маҳз бо такя бо онҳо низоми буҷетгузорӣ: ороиши шаклҳои ҷадвалӣ, методология, сохтори молиявӣ ва ғайра бунёд меёбад. Принсипҳои асосии банақшагирии буҷетӣ одатан инҳо шуморида мешаванд:

- ҳамгунасозии ҳамаи шаклҳои буҷетӣ, давраҳо ва расмиёти буҷетии таҳия барои муассиса дар маҷмӯъ ва барои ҳамаи воҳидҳои сохтории он, новобаста аз хусусияти фаъолияти хоҷагидории онҳо;

- таъмини имконияти тартиб додани буҷети ҷамъбастӣ (ки барои он мавҷудияти сохтор, қоидаҳо ва механизмҳо воситаҳои муттаҳидшавӣ зарур аст);

- мувофиқати ҳуҷҷатҳои ёрирасони буҷетӣ бо шаклҳои асосии буҷетӣ;

- бетанаффусии расмиёти тартиб додани буҷетҳо, ки бозбинӣ ва ислоҳсозии мунтазами пешбиниҳои пешакӣ кардашударо барои давраи нав, бе мунтазир шудани анҷомёбии пешбинии амалкунанда пешбинӣ менамояд;

- босуботӣ, тағйирнопазирии расмиёти буҷетгузорӣ ва муқаррарсозии меъёрҳои мақсаднок дар тӯли тамоми давраи буҷетӣ;

- баҳисобгирии муфассал (таҳлилӣ)–и моддаҳои муҳимтарини хароҷот, ки ҳиссаи онҳо дар фурӯшҳои холис ба таври кифоя бузург аст;

- баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, воридот ва хориҷкунӣ (хориҷшавӣ)–и воситаҳои пулӣ дар воҳидҳо қиёсшавандаи баҳисобгирӣ;

---

30 Бадокина Е.А. Бюджетирование /Е. А. Бадокина, Н. В. Ружанская; М-во образования Рос. Федерации, Сыктывк. гос. ун-т. - Сыктывкар: СГУ, 2007. – С. 98.

- истифодаи низоми буҷетгузорӣ таҳлили бисёрвариантии паёмадҳои молиявии татбиқи нақшаҳои андешидашударо тақозо намуда, таҳлили сенарияҳои гуногуни тағйирёбии вазъи молиявии муассиса, арзёбии устувории молиявиро дар шароити тағйирёбандаи муҳити берунаи хоҷагидорӣ пешбинӣ менамояд;

- ифодаи қаблии мақсадҳои молиявии ҳамаи воҳидҳо дар намуди супоришҳои меъёрҳои муайяни даромаднокӣ.

Буҷетгузорӣ марҳилаҳои муайянро дар бар гирифта, асоситаринашон инҳоянд:

- марҳилаи ифодаи вазифаҳо;
- марҳилаи баҳисобгирии захираҳое, ки дар ташкилот мавҷуданд;
- марҳилаи гуфтушунидҳои шахсони манфиатдор оид ба рақамҳои буҷет;
- марҳилаи ҳамоҳангсозӣ ва санҷиши ҷузъҳо;
- марҳилаи тасдиқи ниҳоӣ;
- марҳилаи интишори буҷети тасдиқгардида [31].

Буҷетгузорӣ ба сифати технологияи идоракунӣ хизмат мекунад. Дар ин робита, буҷетҳои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат фарқгузорӣ карда мешаванд. Зимнан, буҷетҳои дарозмуҳлат нисбат ба буҷетҳои кӯтоҳмуддат аввалия мебошад, зеро дар асоси онҳо буҷети кӯтоҳмуҳлат тартиб дода мешавад. Идоракунии муассиаҳои соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути буҷети кӯтоҳмуҳлат амалӣ карда мешавад, зеро он меъёрҳои қабули қарорҳоро имрӯз пешниҳод менамояд. Ду усули таҳияи буҷетҳоро фарқгузорӣ мекунанд:

1. Усули базиси сифрӣ.
2. Усули афзоиш

Усули базиси сифрӣ барои муассиса имконияти таҳияи буҷети хароҷоти ягон соҳаи фаъолиятро зимни сатҳи ҳадди ақали истеҳсоли хизматрасониҳои таълимӣ фароҳам месозад. Илова бар ин, он зиёнҳо ва фоидаҳоро аз афзоиши иловагии фаъолият фарқгузорӣ мекунад. Маънои усули тавозуни сифрӣ аз он

[31] Ермакова Н.А. Бюджетирование в системе управленческого учета /Н. А. Ермакова. - М.: Экономистъ, 2006. – С. 187.

иборат аст, ки ҳар як намуди муайяни фаъолияти воҳид бояд тасдиқ кунад, ки он самарабахш буда, муассиса беҳуда ба он маблағгузорӣ намекунад. Ин метод дар амалисозӣ он қадар оддӣ нест. Агар он барои ҳамаи буҷетҳое, ки аз ҷониби муассисаҳо тартиб дода мешаванд, ба кор бурда шаванд, пас вақти хеле зиёд лозим аст.

Усули афзоиш усули анъанавӣ маҳсуб ёфта, аз он иборат аст, ки зимни тартиб додани буҷет барои соли оянда муассиса ба он нишондиҳандаҳои аллакай бадастомадаи даромадҳо ва хароҷотро ворид мекунад. Сипас ин маълумот бо дарназардошти тағйири ҳаҷми истеҳсоли хизматрасониҳои таълимӣ, хусусияти фаъолияти муассиса ва нархҳои мавриди интизор коркард мешаванд. Яъне, буҷетҳо дар асоси афзоиши хароҷот ва даромадҳо таҳия карда мешаванд. Афзалияти ин метод аз он иборат аст, ки дар иҷроиши худ хеле содда мебошад. Вале камбудӣ низ вуҷуд дорад, қарорҳои ғайрисамарабахш, ки аллакай ба сатҳи бадастомада ворид карда шудаанд, ба буҷети соли оянда интиқол дода мешаванд.[32]

Буҷетгузорӣ дар низоми нақшаҳои муассисаҳо – ин идоракунии ташкилот бо истифода аз буҷетҳои кӯтоҳммуҳлат мебошад. Ба ҳар ҳол, чӣ гуна мақомро буҷетгузорӣ дар низоми умумии идоракунии ташкилот ишғол менамояд. Асосӣ – ин рисолати ташкилот мебошад, яъне он чизе, ки мехоҳад ва метавонад анҷом диҳад, маҳз чӣ чизро он мехоҳад ба даст орад. Он дорои хосияти оҳиста тағйир ёфтан мебошад. Ба рисолат стратегия замима карда мешавад – он чизе, ки дар он ташкилот пул ба даст меорад, чӣ тавр он мехоҳад мақсадҳои гузошташударо татбиқ намояд. Охирин – ин идоракунии буҷетӣ, яъне иҷроиши рисолат ва иҷрои стратегияи идоракунии муассиса мебошад. Буҷетгузорӣ дар ин низом – сатҳи аз ҳама охирин буда, дар ин ҷо арзиши иҷрои рисолат ва татбиқи стратегия ҳисоб карда мешавад.

Чор марҳилаҳои асосии буҷетгузорӣ дар муассиса мавҷуданд:

---

[32] Дугельный А.П. Бюджетное управление предприятием /А. П. Дугельный, В. Ф. Комаров. - [2-е изд.]. - М.: Дело, 2007. – С. 83.

- марҳилаи 1: банақшагирӣ, ислоҳсозӣ ва назорат оид ба истифодаи молияи ташкилот. Асоситарин дар ин ҷо назорати иҷроиши нақшаҳои фаврии пардохтҳо ва банақшагирии фаврӣ мебошанд. Аз паси иҷроиши ин марҳила назорат ва оптимизатсияи хароҷот қарор мегирад;

- марҳилаи 2: банақшагирӣ, ислоҳсозӣ ва назорат оид ба хароҷот аз рӯйи моддаҳо ва дар буриши воҳидҳо. Дар ин марҳила аз ҳисоби таҳлили ҳамаи воҳидҳо дар алоҳидагӣ оптимизатсияи харҷотоҳо амалӣ карда мешавад, ки сарфакории воситаҳоро дар маҷмӯъ дар ташкилот тавлид мекунад. Аз ҳама асосӣ ҷалби кормандони масъулиятноки воҳидҳо ба раванди идоракунӣ тавассути хароҷоти худ мебошад. Идомаи мантиқӣ оптимизатсияи хароҷот шуморида мешавад, ки дар самарабахшӣ ва арзёбии самарабахшӣ асос меёбад;

- марҳилаи 3: банақшагирӣ, ислоҳсозӣ ва назорати даромадҳо ва хароҷот аз рӯйи моддаҳо ва дар буриши воҳидҳо. Ба сифати маркази масъулияти молиявӣ воҳиди сохтории муассиса (шуъба, корманд ва ғайра) номида мешавад, ки барои ноилшавӣ ба арзиши мақсадноки нишондиҳандаҳои молиявӣ масъул мебошад.

Дар ин марҳила аллакай на оптимизатсияи хароҷот, балки оптимизатсияе амалӣ карда мешавад, ки аз кам кардани ғайрисамаранокии марказ ё овардани он то худи сатҳи ҳадди ақали хароҷот зимни боздеҳи ҳадди аксар иборат мебошад. Марҳилаи минбаъда пешбиникунӣ ва амсиласозии рушди тамоми ташкилот ҳамчун низоми воҳидҳои ҳамкорикунанда мебошанд;

- марҳилаи 4: пешбиникунӣ, амсиласозӣ ва назорати иҷроиши нақшаҳо ва пешбиниҳои вазъи тамоми ширкат ҳамчун низоми воҳидҳои ҳамкорикунанда. Дар ин марҳила, дар пояи амсилаҳои буҷетҳои воҳидҳои алоҳида амсилаи буҷети тамоми ташкилот асос меёбад. Тағйир дар амсилаҳои воҳидҳо (ҳам воқеӣ, ҳам ба нақша гирандашаванда) имкон медиҳанд, ки тағйироти амсилаи муассиса дар маҷмӯъ пешбинӣ карда шаванд.

Буҷетгузорӣ афзоиши самарабахшии истифодаи захираҳои муассисаро пешбинӣ намуда, аз воситаи банақшагирии амалиётӣ-молияви иборат мебошад, ки зуд арзёби гардидани натиҷаҳои фаъолият ва зимни зарурат имконияти

ислоҳсозии саривақтии нақшаҳоро таъмин менамояд; он кӯшишҳои ҳамаи воҳидҳоро барои ноилшавӣ ба вазифаҳои гузошташуда муттаҳид месозад[33].

Буҷетгузорӣ дар ташкилот вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

1. Банақшагирӣ ва таҳияи мақсадҳо (аз ҷумла пешбинӣ)
2. Назорат ва мониторинг (таҳлил)
3. Робита
4. Ҳамоҳангсозӣ
5. Ҳавасмандӣ

Банақшагирӣ – ин вазифаи муҳимтарин мебошад, зеро буҷетгузорӣ барои банақшагирии дохилиташкилотӣ асосӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси мақсадҳои стратегии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ буҷетҳо масаъалаҳои тақсимоти молияи онҳоро, ки онҳо дар ихтиёр доранд, ҳал мекунанд. Раванди таҳияи буҷет ба таҳияи дурусти мақсад, стратегияи бурдани бизнес мусоидат менамояд. Ҳар як муассиса дорои мақсадҳои стратегӣ, захираҳои маҳдуди худ мебошад, ки роҳбарон онҳоро ҳангоми амалисозии фаъолият оид ба истеҳсол ва хизматрасониҳо дар ихтиёр дошта, ҳамин тариқ, ба ҷониби мақсад ҳаракат мекунад. Таҳияи буҷет банақшагириро осон мегардонад, зеро барои он мақсадҳои ба таври равшан гузошташуда ва буҷетҳои ҷудокардашуда лозиманд. Буҷетҳои кӯтоҳмуддат имконияти ноилшавӣ ба мақсадҳои дарозмуҳлатро фароҳам меоранд. Вазифаи пешбинӣ аз ҳисобкунии нишондиҳандаҳои пешбинӣ доир ба иҷрои вазифаҳои нақшавӣ, дар асоси баҳсисобгирии муҳосибӣ иборат аст. Вазифаи таҳлил муқоисаи нишондиҳандаҳои имрӯзаро бо нишондиҳандаҳои нақшавӣ дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки камбудиҳо дар фаъолияти ташкилот аз он маълумоте, ки аз ҷониби буҷет гузошта шуда буданд, ва мутаносибан, амалҳои минбаъда ислоҳ карда шаванд. Иҷроиши буҷет ба ширкаткунандагони раванд имкон медиҳад, ки оид ба натиҷаҳои ҷорӣ иттилоот ба даст оранд. Ин як навъ робитаи баръакс мебошад, ки воситаи идоракунии амалиёт дар дохили ташкилот ва воҳидҳои он

[33] Сергеев И.В. Оперативное финансовое планирование на предприятии /И.В. Сергеев, А.В. Шипицын. - М.: Финансы и статистика, 2002. – С. 164.

маҳсуб меёбад. Бо муоқисаи доимии натиҷаҳои фаъолияти шуъбаҳо бо нишондиҳандаҳои буҷетӣ роҳбарон дар бораи он хулоса мебароранд, ки оё онҳо иҷро мешаванд ё не. Ҳангоми ошкор шудани инҳирофот аз буҷет ба таври фаврӣ хулосаҳоро оид ба сабаби бавуҷудоии чунин инҳирофот бароварда, саривақтӣ тадбирҳои ислоҳсозиро андешидан мумкин аст. Агар инҳирофот вуҷуд надоша бошанд, ин маънои онро дорад, ки ширакт дар самти дуруст ҳаракат карда истодааст.

## 3.2. Рушди инфрасохтори инноватсионӣ-таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ

Дар шароити муосир зарурати таъмини идоракунии самарабахши ташкил ва рушди инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба вуҷуд меояд, ки ташаккули амсилаи ташкилоти низоми “амали якҷоя – ҳамкорӣ – шарикӣ”-ро талаб мекунад. Инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ механизми рушди низоми таҳсилоти касбӣ буда, вазифаҳо ва амалиётҳои сершумори бо ҳамдигар алоқамандро дар бар мегирад. Хусусиятҳои низоми ташкилотӣ аз сохтор (меъморӣ) ва тарзи фаъолияти он маҳсуб меёбанд. Амсиласозии фаъолияти низом як қатор марҳилаҳои пайдарпайро дар бар мегирад:

- мақсадгузорӣ – интихоби мақсадҳое, ки дар назди низом гузошта шудаанд, дар асоси сохтани “дарахти мақсадҳо”;

-амсиласозии омилӣ – интихоби стратегияи рушди низом - тарҳрезии пешбинии қаблии фаъолияти низом;

- амсиласозии амалиётӣ – таҳияи равандҳое, ки ба ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда дар асоси ташаккули сенарияҳои фаъолияти низом нигаронида шудаанд;

- амсиласозии ҷараёнӣ, ки ба таҳқиқи ҷараёнҳои молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва дигар нигаронида шудааст, ки дар низоми ташкилотӣ чарх зада, онро бо муҳити беруна бо истифода аз технологияҳои таҳлили сохторӣ ва лоиҳасозӣ пайваст мекунанд.

Дар ҳолати мазкур, методологияҳои амсиласозии сохторӣ ба ду намуд тасниф мешаванд:

- функсионалӣ-меҳварӣ, ки асоснокии лоиҳасозии ҷузъҳои функсионалиро нисбати сохторҳои мавҷуда муаяйн менамояд;

- иттилоот – меҳвар, ки ба ташаккули сохторҳои итилоот, ки ҷузъҳои расмиётиро муайян мекунанд, нигаронида шудаанд.

Дар шароити муосир зарурати идоракунии самарабахш ташкил ва рушди инфрасохтори илмӣ ва таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ ба миён омадааст, ки ташаккули амсилаи ташкилии низоми «ҳамкории - шарикӣ»-ро талаб мекунад. Инфраструктураи илмӣ-таҳсилотӣ ҳамчун механизми рушди низоми таҳсилоти касбӣ дар асоси шабакаҳои шарикӣ ташаккул меёбад, ки асоси он муассисаи таҳсилоти миёнаи касби пешбар ва ё олии низомташаккулдиҳанда, ҳамчун маркази иттилоотӣ-таҳлилии ҳамоҳангсоз маҳсуб меёбад. Дар мавриди мазкур қобили қабул муносибати иттилоот-меҳвар мешавад, азбаски ҷараёнҳои иттилоотие, ки дар низом чарх мезананд, авлавиятнок мебошанд. Дар асоси он амсилаи функсионалии раванди идоракунии низоми “амали мутақобила – ҳамкорӣ – шарикӣ” ва муассисаи таҳсилоти касбӣ ва олии низомташаккулдиҳанда ҳамчун унсури асосӣ ташаккул хоҳад ёфт. Дар таҳлили сохторӣ ва лоиҳакашӣ амсилаҳои гуногун истифода мешаванд, ки сохтори функсионалии низом; пайдарпайии амалҳои иҷрошаванда; интиқоли иттилоот миёни равандҳои функсионалӣ; муносибатҳо байни маълумотро тавсиф медиҳанд.

Амсилаҳои паҳншудатарини се гурӯҳи аввал амсилаи функсионалии SADT (Structured Analysis and Design Technique)[34] ба шумор меравад, ки аз маҷмӯи қоидаҳо ва тартиботе иборат аст, ки барои тарҳрезии амсилаи функсионалии объекти ягон соҳаи фаннӣ таъйин шудаанд. SADT ин методология таҳлилӣ сохторӣ ва лоиҳагирӣ, ки раванди амсилагириро ҳамгиро (интегратсия) намуд барои идоракуни муосидат менамояд. Амсилаи

[34] Усули SADT аз ҷониби Дуглас Росс (SoftTech, Inc.) дар соли 1969 барои амсиласозии низомҳои сунъии мураккабии миёна таҳия гардидааст.

функсионалии SADT сохтори функсионалии объект, яъне амалҳои аз ҷониби он содиршаванда ва алоқаҳоро байни ин амалҳо инъикос менамояд. Таҳияи амсилаи ташкилотӣ муайянкунии субъект ва объекти раванди идоракунии муносибатҳои шарикиро дар инфрасохтори илмию таҳқиқотӣ мувофиқи мақсадгузории низоми таҳссилоти касбӣ ҳамчун низоми иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ менамояд. Сохтори субъект-объектии механизми ҳамоҳангсозӣ ва ташкили низоми шарикӣ дар ҷадвали 3.1. пешниҳод шудааст.

Дар сохтор субъектҳое фарқгузорӣ карда шудаанд, ки барои онҳо объектҳои идоракунӣ инҳоанд: давлат – ҷомеа ва иқтисодиёт, ки мувофиқи онҳо предметҳои идоракунӣ фарқгузорӣ карда шуданд, дар доираи мақсадгузорӣ – ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ; низоми таҳсилоти касбӣ, ки ҷомеаи касбӣ, омӯзгорон ва маъмурияти муассисаи таҳсилотро дар бар мегирад; соҳибкорон – корхонаҳо (ташкилот) – корфармоён ва ҷамъиятҳо ва иттифоқҳои саноатчиён, инчунин хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки гурӯҳи довталабон, донишҷӯён ва падару модарони онҳо ва гурӯҳи хатмкунандагон – захираҳои баландихтисоси меҳнатиро дар бар мегирад. Барои омӯзгорон, хатмкунандагон ва хоҷагиҳои хонаводагӣ дар симои донишҷӯён ва падару модарони онҳо объекти идоракунӣ ихтисос, касб, салоҳиятҳои касбӣ, ки дар раванди таълимӣ, амалисозии фаъолияти меҳнатӣ ва такмили ихтисос ба даст меоянд.

Марҳилаи аввали амсиласозии функсионалӣ мақсадгузорӣ дар асоси тарҳрезии дарахти мақсадҳо мебошад. Дар ҳолати тарҳрезии низоми нави идоракунӣ фарқгузории ду унсур: амсиласозии раванди идоракунии ташаккул (а) ва фаъолияти (б) инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ, ки ҷадвалҳои 3.1 ва 3.2 пешниҳод шудааст, мантиқан ин равандҳоро ба назар мерасад.

## Ҷадвали 3.1. - Сохтори субъектӣ-объектии механизми ҳамкорӣ

| **Субъектҳои идоракунии низоми ҳамкорӣ** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давлат** | **Омӯзгорон** | **Маъмурият** | **Ҷомеаи касбӣ** | **Бахши соҳибкорӣ** | **Хоҷагиҳои хонаводагӣ** | **Хатмкунандагон** |
| Предметҳои идоракунии низоми ҳамкорӣ | | | | | | |
| Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ;<br>мутобиқатнокии иҷтимоии аҳолӣ;<br>пасткунии сатҳи ҷинояткорӣ;<br>пасткунии сатҳи шиддатнокии иҷтимоӣ;<br>баланд бардоштани дараҷаи мутобиқатнокӣ ба донишҳо, технологияҳои нав ва паҳнкунии онҳо дар ҷомеа;<br>бароriши мутавозини мутахассисон мувофиқи сохтори бозори меҳнат. зиёд кардани ҳаҷми андозҳое, ки ба буҷет ворид мешаванд; баланд бардоштани маҳсулнокӣ;<br>зиёд кардани истеъмол;<br>баланд бардоштани тағйирпазирӣ ва мутобиқатнокии захираҳои меҳнатӣ;<br>кам кардани сарбориҳо бар фондҳои таҳсилоти иҷтимоӣ ва шаклҳои дигари дастгирии давлатӣ;<br>баланд бардоштани сатҳи боздеҳи сармоягузориҳо ба таҳсилоти касбӣ | Сатҳи баланди бозхост аз ҷониби ҷомеаи касбӣ;<br>баланд бардоштани мақоми шахсии иҷтимоӣ;<br>имконияти татбиқи сатҳи илмии фаъолият;<br>болоравии вазифавӣ;<br>баланд бардоштани сатҳи тахассус. баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва ҷубронпулҳои дигар;<br>бозхост ва шуғли босубот;<br>баланд бардоштани ҳаҷмҳои грантҳо барои амалисозии корҳои илмию таҳқиқотӣ ва НИОКР; баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ;<br>зудҳаракатии касбӣ ва шахсӣ. | Афзоиши нишондиҳандаҳои бо ҷойи кор таъмин кардани хатмкунандагон;<br>афзоиши рейтинг;<br>баланд бардоштани сатҳи бозхости муассисаи таҳсилот;<br>баланд бардоштани сифати таҳсилот;<br>баланд бардоштани бозхости коркардҳои илмию таҳқиқотӣ;<br>ташаккули низоми амалия ва таъмин кардан бо ҷойи кор. баланд бардоштани ҳаҷмҳои маблағгузорӣ аз манбаъҳои гуногун;<br>диверсификатсияи намудҳои фаъолият бо мақсади ноилшавӣ ба самарабахшии ҳадди аксари иқтисодӣ;<br>беҳтарсозии сифатии заминаи моддию техникӣ;<br>истифодаи техника ва технологияи муосир дар раванди таълим. | Татбиқи принсипҳои таҳсилоти пешраванда ва муттасил;<br>баланд бардоштани ошкоройӣ ва тағйирпазирии раванди таълим;<br>амалисозии лоиҳаҳои байнифаннӣ ва байнидонишгоҳӣ;<br>ташаккули бонки маълумот бо мақсади дастгирии раванди қабули қарорҳои идоракунӣ дар пояи ҷорикунии технологияҳои иитилоотию иртиботӣ дар раванди идоракунии муассисаҳои таълимӣ.<br>баландшавии сатҳи истиқлолияти иқтисодӣ;<br>рушди низоми таҳсилоти касбӣ. | Пуррашавандагии ҷойҳои холии кор;<br>ташаккули салоҳиятҳои матлуб дар хатмкунандагони низоми таҳсилоти касбӣ;<br>интихоби кормандоне, ки таълими иловагиро талаб накарда, дорои таҷрибаи кор дар корхона (ташкилот) мебошад. паст кардани хароҷот барои таҳсилоти иловагӣ, тайёркунӣ ва бозомӯзии кормандон;<br>баланд бардоштани сифати натиҷаҳои фаъолият дар асоси ситифодаи кормандони баландихтисос;<br>баланд бардоштани боздеҳи сармоягузориҳо ба таҳсилот ва баланд бардоштани тахассуси кормандон;<br>афзоиши даромад аз ҳисоби афзои маҳсулнокӣ. | Таъминоти итилоотии раванди интихоби объективонаи муассисаи таҳсилот;<br>гирифтани ихтисоси бозхостшуда;<br>азхуд кардани малакаҳо ва салоҳиятҳое, ки дар бозори меҳнат талаб карда шуда, ёфтани зуд ва самараноки ҷойи корро кафолат медиҳанд;<br>азхуд кардани малакаҳое, ки мутобиқатнокии иҷтимоиро баланд мебардорад. баланд бардоштани боздеҳи сармоягузорӣ ба маориф;<br>баландшавии сатҳи даромадҳо;<br>эътимонокӣ ва суботи иҷтимоӣ. | Ёфтани зуд ва самараноки ҷойи кор;<br>имконияти мутобиқшавии иҷтимоӣ аз ҳисоби тағйирпазирӣ ва зудҳаракатӣ дар бозори меҳнат;<br>нигаҳдории робитаи мутақобила бо муассисаи таҳсилоти хатмкунанда бароранда;<br>амалисозии такмили ихтисос;<br>таълими пасазколлеҷӣ баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва ҷубронпулиҳои дигар;<br>шуғли бозхостшуда ва босубот;<br>баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ;<br>зудҳаракатии касбӣ ва шахсӣ. |

## Сарчашма: таҳияи муаллиф

Мақсадҳои ташаккули инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ ва ё инноватсионӣ-таҳсилотӣ инҳоянд:

Якум. Эҷоди шабакаҳои шарикӣ ҳамчун асоси инфрасохтори инноватсионӣ ва ё илмӣ-таҳсилотӣ – дар асоси фарқгузории гурӯҳҳои иҷтимоию иқтисодӣ – низоми таҳсилоти касбӣ, бизнес – ҷомеа, мақомоти давлатии идоракунӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ – дар ҳар як гурӯҳ ошкор кардани субъектҳои мушаххас – иштирокчиёни эҳтимолии шабакаҳои шарикӣ, гузаронидани чорабиниҳое, ки ба ҷалби субъектҳои зикргардида ба ҳамкорӣ ва шарикӣ нигаронида шудаанд; ошкор кардани нуқтаи баҳамоии манфиатҳо ва гузаронидани расмиёти мувофиқасозии онҳо бо мақсади тайёр кардани тавсия барои ба расмият даровардани муносибатҳои ҳамкорӣ ва бастани шартномаҳо оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ, амалисозии чорабиниҳо оид ба бастани шартномаҳо.

Дуюм. Воридкунии шабакаҳои шарикӣ ба низоми сатҳи идоракунӣ – кишвар, минтақа, - гузаронидани арзёби ҷавобгӯ будани низоми эҷод кардашудаи шарикӣ ба тамоюлоти иҷтимоию иқтисодии рушд ҳудуд, таҳқиқи сохтори соҳавӣ, муайян кардани тамоюли рушди соҳаҳо, ислоҳсозии мақсад ва вазифаҳои фаъолияти инфрасохтори инфрасохтори инноватсионӣ ва ё илмӣ-таҳсилотӣ мувофиқи натиҷаҳои арзёбӣ.

Сеюм. Эҷоди низоми корхонаҳои хурд ва миёна дар чаҳорчӯби ҳамгиросозии равандҳои таъмини хатмкунандгон бо ҷойҳои корӣ зимни иҷрои вазифаҳои мувофиқашудаи истеҳсолкунандаи захираҳои баландихтисоси иқтисодӣ аз ҷониби таҳсилоти касбӣ ва корфармо ва равандҳои рушди илм ва баланд бардоштани сатҳи инноватсионӣ будани иқтисодиёти ҳудуд – муассисаи таҳсилоти ҳамчун корпоратсияи иқтисодӣ дар пояи технопаркҳо ва бизнес-инкубаторҳои эҷодшуда лоиҳаҳоро дар асоси тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар самти эҷоди низоми корхонаҳои ҳамроҳикунандаи инноватсионӣ ва венчурии бизнеси хурд ва миёна.

Мақсадгузории раванди фаъолияти инфрасохтори инноватсионӣ, илмӣ-таҳсилотӣ самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- муосиркунонии низоми таҳсилоти касбӣ ба мақсади баланд бардоштани самарабахшии он ва мутобиқат ба шароити муосир;

- эҷоди низоми самарабахши рушди илми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо ҷалби иқтидори сатҳҳои гуногуни таҳсилоти касбӣ;

- ташаккули низоми иттилоотӣ-таҳлилии дастгирии қабули қарорҳои идоракунии субъектҳои гурӯҳҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ;

- маблағгузории низоми версификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ барои таҳсилоти касбӣ.

Марҳилаи дуюми низом амсиласозии омилӣ мебошад, ки барои банақшагирии стратегӣ ва пешбиникунии рушди минбаъдаи ташкилот зимни таъсири омилҳои беруна ва дохилие, ки рушди онро муайян мекунанд, асос ёфтааст. Микдори ба таври кифоя калони методҳои таҳлил ва банақшагирии стратегӣ барои муайян кардани стратегияи муассиса истифода мешавад. Дар ин ҷода арзёбии мавқеи корхонаро мутобиқи 4 гурӯҳи омилҳо: мавқеи молиявии муассиса, бартариятҳои рақобатӣ, суботи муҳит, ҷолибияти соҳа пешбинӣ намудан лозим аст. Барои ин кор метавон таҳлили SWOT арзёбиро истифода бурд, ки он тарафҳои қавӣ ва заифи ташкилотро пешбинӣ менамояд: омилҳои дохилие, ки ба самарабахшии фаъолият таъсир мерасонанд, имкониятҳои мусоиди он ва таҳдидҳо – шароити беруна, ки ба амалишавии мақсадҳо мусоидат ё монеа эҷод мекунанд. Зимни гузаронидани таҳлил аҳамияти хосро муайянкунии афзалиятҳои фарққунанда пайдо мекунад, зеро маҳз имкониятҳои нодир метавонанд ба меҳвари стратегия табдил ёбанд.

Азбаски инфрасохтори инноватсионӣ, илмӣ-таҳсилотӣ бар низоми шабакаҳои шарикӣ асос ёфта, аз низоми томи иҷтимоию иқтисодӣ иборат аст, ки як қатор зернизомҳои бо ҳамдигар амалкунандаро дар бар мегирад, чунин фарзия одилона аст, ки таҳлили стратегӣ имкон медиҳад тарафҳои қавӣ ва заифи фаъолият маълум карда шуда, имкониятҳои ноилшавӣ ба мақсадҳои сохтори додашуда муайян карда шаванд. Дар замима ба соҳаи мазкури предметӣ барои гузаронидани таҳлили инфрасохтори инноватсионӣ, илмӣ-

таҳсилотӣ таҳлили SWOT бештар қобили қабул аст, ки дар ҷадвали 3.2. пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 3.2. - Таҳлили стратегии инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ**

| **Тарафҳои эҳтимолии дохилии қавӣ** | **Тарафҳои эҳтимолии дохилии заиф** |
|---|---|
| - мақоми муассисаи таҳсилоти низомташаккулдиҳанда;<br>- салоҳиятнокӣ;<br>- таъминоти захиравӣ;<br>- мавҷудияти сохторҳои асосӣ барои татбиқи раванди идоракунӣ;<br>- мавҷудияти таҷҳизот ва мутахассисон барои ташаккули ҷорикунии низоми иттилоотӣ-таҳлилӣ;<br>- заминаи илмӣ;<br>- имиҷи (симои) муассисаи таҳсилоти низомташаккулдиҳанда. | - фарқи фарҳангҳои гурӯҳҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва субъектҳои онҳо;<br>- мураккабии муайян кардани нуқтаҳои баҳамоии манфиатҳо ва мувофиқасозии онҳо;<br>- фарқи манфиатҳои ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии субъектҳои гурӯҳҳои иҷтимоию иқтисодӣ – стейкхолдерҳои низоми таҳсилоти касбӣ;<br>- сохторишавии мураккаби низоми эҷодшаванда. |
| Имкониятҳои эҳтимолии берунаи мусоид | Таҳдидҳои эҳтимолии беруна |
| - ислоҳоти низоми таҳсилоти касбӣ;<br>- мавҷуд набудани сохторҳои мушобеҳ;<br>- хусусиятҳои ихтиёрии равандҳои ҳамгироӣ, ки дар мувофиқасозии манфиатҳо асос ёфтааст;<br>- мавҷуд набуудани низоми алоқаҳои шарикӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва субъектҳо-стейкхолдерҳо | - тағйири стратегияи рушди иқтисодиёт дар кишвар;<br>- рушди бухрон;<br>- иннерсионӣ будани низоми таҳсилоти касбӣ. |

**Сарчашма:** *аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тариқ, таҳлили стратегии тарафҳои қавӣ ва заиф имкон медиҳад, ки дар бораи бартарияти омилҳои эҳтимолии қавии дохилӣ ва имкониятҳои эҳтимоли мусоид хулоса бароварда шуда, ба сифати рисолати ташаккул ва фаъолияти инфрасохтори илмӣ-таҳсилотии зайл муайян карда шавад: *эҷоди инфрасохтори самарабахши таҳсилоти касбӣ ва илм дар пояи муассисаи таҳсилоти низомташаккулдиҳанда, ки имкониятҳои нодири низоми тайёркунии касбии захираҳои меҳнатиро барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии ҳудуд татбиқ менамояд.*

Марҳилаи дигар – амсиласозии амалиётӣ истифодаи *шабакаҳои Петри–*ро[35] пешбинӣ менамояд, ки ба тарҳрезии маҷмӯи амсилаҳои миёни ҳамдигар ҳамоҳанг сохташудаи равандҳо ва истифодаи *сенарияи идоракунии мантиқие* нигаронида шудаанд, ки дар ҳолати амсилаасозии низомҳои тақсимотшудаи

[35] Системаи иттилооти, шабакаҳои МЭҲ ( ЭВМ), ки ба таҳлили сифатии итилоот сару кор дорад. Онро К. Петри ворид намудааст

ташкилотӣ ба кор бурда мешавад, ки аз маҷмӯи ҷузъҳои ба таври худмухтор фаъолияткунандаи ҳамкорикунандаи сохторӣ иборатанд.

Барои амсиласозии раванди идоракунии ташаккул ва татбиқи инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ мутобиқи принсипҳои асосии бакорбарӣ усули таҳияи сенарияи идоракунии мантиқӣ муносиб мебошад. Ба сифати маълумоти ибтидоӣ барои таҳияи сенарияи мақсадноки раванд маҷмӯи мақсадҳои авлавиятнок хизмат мекунанд, ки аз ҷониби стратегия ва дарахти мақсадҳои инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ пешниҳод шудаанд.

Тарҳрезии ишорахати (графаи) амалиёти “ташаккули инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ” аз муайянкунии пайдарпайии амалҳо мувофиқи мақсадҳои муқарраршуда иборат мебошад. Амалиётро ҳамчун пайдарпай-мутавозӣ муайян кардан мумкин аст, зеро се самти амалҳо метавонанд ба таври мутавозӣ иҷро шуда, дар амали А6 ҳамдигарро убур кунанд, ки муқоисаи натиҷаҳои амалҳои мутавозӣ ва гузаришро ба амали ниҳоии А7 пешбинӣ менамояд. Илова бар ин, ҳалқа баста шуда, принсипи робитаи баръаксро татбиқ менамояд, зеро пайдарпайии амалҳо вобаста аз натиҷа метавонад такрор ёбад. Дар ин зимн такрор на аз натиҷаи мусбат ё манфӣ, балки аз тағйири шароити беруна ё дохилӣ – пайдошавии шарикони нави эҳтимолӣ, ба даст овардани натиҷаҳои нави корҳои имлӣ-таҳқиқот, тағйироти шароити иҷтимоию иқтисодии рушди ҳудуд вобаста мебошад.

*А1 - Эҷоди шабакаҳои шарикӣ*

*А2 – Муайянкунии шарикони эҳтимолӣ*

*А3 – Муайянкунии нуқтаҳои баҳамоии манфиатҳо*

*А4 – Мувофиқасозии манфиатҳо*

*А5 – Бастани шартнома оид ба ҳамкорӣ (шарикӣ)*

*А0 – Ташаккули инфрасохтори таҳсилотӣ*

*А1 – Ҳамоҳангсозии шабакаҳои шарикии низоми иҷтимоию иқтисодии ҳудуд*

*А2 – Мониторинги сохтори ҳудудӣ-соҳавӣ*

*А3 – Муқоисаи натиҷаҳои арзёбӣ ва низоми шарикӣ*

*А2 – Арзёбии тамоюлоти рушди иҷтимоию иқтисодӣ*

*А1 – Эҷоди низоми корхонаҳои хурд ва миёнаи ҳамроҳикунанда*

*А2 – Арзёбии нерӯи илмии низоми таҳсилоти касбӣ*

*А3 – Эҷоди технопаркҳо ва бизнес-инкубаторҳо*

*А4 – Эҷоди низоми корхонаҳои хурд ва миёна*

*А7 – Низоми мукаммал кардашудаи шарикӣ*

Ишорахати пешниҳодшуда амалиёти умумиро тавсиф медиҳад, ки амалҳои он метавонанд тафсил дода шуда, дар намуди амалиётҳои мустақилонае пешниҳод карда шаванд, ки пайдарпайии тартиботи сатҳи минбаъдаро дар бар мегиранд. Дар чаҳорчӯби амалисозии фаъолияти инфрасохтори эҷодшудаи илмӣ-таҳсилотӣ ишорахати сатҳи олии идоракунӣ мувофиқи мақсадҳои стратегӣ аз пайдарпайии амалиётҳо мувофиқи дарахти мақсадҳо фаъолият иборат мебошад. Амалиёти калонкардашудаи идоракунии равандҳои ҳамгирой дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ” аз маҷмӯи амалҳои мутавозӣ-пайдарпай мувофиқи самтҳо иборат аст:

- дар фаъолияти таҳсилотӣ – низоми мониторингҳои бозори меҳнат, бозори хизматрасониҳои таълимӣ, бозхости хатмкунандагон, арзёбиҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сохтори ҳудудӣ-соҳавӣ – ин намудҳои амалҳо ба таври мутавозӣ амалӣ карда мешаванд. Натиҷаҳои иҷрои амалиётҳои номбаршуда дар баромад аз асосноккунии иттилоотӣ-таҳлилии қабули қарорҳои идоракунӣ иборатанд, ки ба пешбиникунии рушди иқтисодиёт ва чун натиҷа ба муайянкунии талабот ба мутахассисони низоми таҳсилоти касбӣ нигаронида шудаанд. Мониторинги бозори меҳнат ва ҷомеаи соҳибкорон имкон медиҳад, ки барои ташаккули барномаҳо ва Атласҳои касбҳо итилоот ба даст оварда шаванд. Марҳилаи баъдинаи амалҳо доир ба ташаккули низоми мукаммалкардашудаи идоракунии рушди таҳсилоти касбӣ мувофиқи шароити муосири иҷтимоию иқтисодии рушди ҳудуд ба шумор мераванд. Барои нашри нусхаи маълумоти таҳлилии бадастомада ва таҷрибаи идоракунӣ эҷоди низоми такмили ихтисос барои кормандони низоми идоракунии таҳсилоти касбӣ дар инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ муҳим мебошад;

- дар фаъолияти инноватсиониву илмӣ ду амалиёти сатҳи дуюм– эҷоди низоми самарабахши фаъолияти “грантӣ” ва амалисозии лоиҳаҳои байнифаннӣ ва фарофаннии илмӣ-таҳқиқотӣ фарқгузорӣ карда шудаанд. Зери фаъолияти “грантӣ” бурдани лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз марҳилаи ҷустуҷӯи озмунҳо то хотимаёбии кор аз рӯйи лоиҳа – “ҷустуҷӯи лоиҳаҳо ва озмунҳо – омодасозии дархост – пешниҳоди дархост – идоракунии лоиҳавӣ (ҳамроҳшавӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ)– омодасозии ҳисобот – ҷорикунии натиҷаҳо” фаҳмида мешавад. Дар амалиёти дуюм таъкид ба байнифаннӣ ва фарофаннии лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ карда шудааст, зеро шабакаҳои шарикие, ки дар асоси инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ қарор доранд, имкон медиҳанд мутахассисони соҳаҳои гуногуни фанҳо барои иҷрои таҳқиқоти дорои аҳамияти гуногунҷанба ё хусусияти бисёрсоҳави буда ҳамгиро карда шаванд;

- амалиёти эҷоди низоми ташхисшудаи манбаъҳои маблағгузорӣ се амалиёти мутавозиро дар бар мегирад, ки дутои онҳо бо самтҳои таҳсилотӣ ва илмӣ алоқаманд мебошанд;

- амалиёти ташаккули низоми интерактивии иттилоотӣ-таҳлили дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ дар инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ ба истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои татбиқи принсипҳои ошкоройӣ, зудамалӣ нигаронида шудааст. Амалиёти мазкур бо ҳамаи амалҳои дар инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ амалишаванда алоқаманд буда, дар ташаккули пойгоҳҳои ҳамгирошудаи маълумот асос ёфтааст, ки дар реҷаи интерактивӣ бо сатҳҳои гуногун дастрас ва мушаххасоти иттилоот ташаккул ёфта, пурра мешаванд.

Ба блоки алоҳида дар амалиёт амале, ки ба эҷоди меъёрҳои самарабахшии фаъолияти инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ нигаронида шудааст, ҷудо карда шудааст. Низоми меъёрҳо барои амалисозии робитаи баръакс зарур буда, нишондиҳандаҳо ва тавсифоти микдоран ва сифатан муайянкардашудаеро дар бар мегирад, ки мувофиқи гурӯҳҳои иҷтимоию иқтисодӣ – унсурҳои инфрасохтори илмӣ – таҳсилотӣ, мақсадҳои гузошташуда ва амалиётҳои онҳоро татбикунанда гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Низоми меъёрҳои

самарабахшии фаъолияти инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ дар ҷадвали 3.3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.3. - Низоми меъёрҳои самарабахшии фаъолияти инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ**

| Гурӯҳи ичтимоию иқтисодӣ | Меъёр | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| Давлат | Баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ | Сатҳи маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва ё минтақавӣ ба сари аҳолӣ<br>Музди миёнаи меҳнат |
| | Мутобиқатнокии иҷтимоии аҳолӣ | Теъдоди бекорони ба қайд гирифташуда |
| | Пастравии сатҳи ҷинояткорӣ | Миқдори ҷиноятҳо дар динамика |
| | Пастравии сатҳи шиддатнокии иҷтимоӣ | Шумораи низоҳои иҷтимоӣ дар динамика |
| | Баланд бардоштани дараҷаи мутобиқатнокӣ ба донишҳо, технологияҳои нав ва паҳнкунии онҳо дар ҷомеа | Нишондиҳандаҳои бекории фриксионӣ |
| | Барориши мутавозини мутахассисон мутобиқи сохтори бозори меҳнат | Шумораи хатмкунандагони ба қайд гирифташудаи низоми таҳсилоти касбӣ аз рӯйи сатҳҳо |
| | Баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат | Маҳсулнокии соҳавии меҳнат дар динамика |
| Давлат | Камшавии сарборӣ ба фондҳои таҳсилоти ичтимоӣ ва шаклҳои дигари дастгирии давлатӣ | Ҳаҷми пардохти кумакпулиҳо барои бекорӣ |
| | Баланд бардоштани сатҳи боздеҳи сармоякузориҳо ба таҳсилоти касбӣ | Афзоиши ММИ нисбати афзоиши сармоягузориҳо ба низоми маориф |
| Омӯзгорон | Баланд бардоштани мақоми иҷтимоии шахсӣ | Баланд бардоштани эътибори касб<br>Афзоиши ҳиссаи омӯзгорони ҷавон |
| | Имконияти татбиқи самтҳои илмии фаъолият | Количество защищенных диссертаций<br>Миқдори диссертатсияҳои ҳимояшуда |
| | Баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва ҷубронпулиҳои дигар | Музди миёнаи меҳнати ҳайъати профессорию омӯзгорӣ |
| | Баланд бардоштани ҳаҷмҳои грантҳо барои амалисозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва НИОКР | Ҳаҷмҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз рӯйи грантҳои гирифташуда |
| | Зудҳаракатии касбӣ ва шахсӣ | Миқдори сафарҳои хидматӣ, таҷрибаомӯзиҳои хориҷӣ |
| Маъмурият | Афзоиши нишондиҳандаҳои таъмини хатмкунандагон бо ҷойҳои корӣ | Сатҳи таъмини хатмкунандагон бо ҷойҳои корӣ |
| | Афзоиши рейтинг | Рейтинги муассиса |
| | Баланд бардоштани сатҳи бозхости муассисаи таҳсилот | Озмун |
| | Баланд бардоштани бозхости коркардҳои илмӣ-таҳқиқотӣ | Миқдори шартномаҳо оид ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ<br>Миқдори шартномаҳо оида амалисозии таёр намудани мутахассисон |

**Идомаи ҷадвали 3.3.**

| | | |
|---|---|---|
| | Ташаккули низоми амалияҳо ва таъмин бо ҷойи кор | Миқдори шартномаҳо бо корхонаҳо – корфармоҳо оид ба гузаронидани амалияҳо<br>Миқдори хатмкунандагони бо ҷойи кор таъмин кардашуда аз рӯйи ҷамъбасти гузариши амалияҳо |
| Маъмурият | Баланд бардоштани ҳаҷмҳои маблағгузорӣ аз манбаъҳои гуногун | Ҳаҷмҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз рӯйи грантҳо, шартномаҳои басташуда |
| | Беҳтарсозии сифатии заминаи моддию техникӣ | Нишондиҳандаҳои мулкӣ: миқдори озмоишгоҳҳо, таъминоти фонди аудиторӣ, таҷҳизот, хобгоҳҳо ва ғайра |
| | Истифодаи техника ва технологияҳои нав дар раванди таълим | Нишондиҳандаҳои фаъолияти таҳсилотӣ: миқдори аудиторияҳо бо алоқаҳои конференсӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таҳсилотӣ |
| Низоми таҳсилоти касбӣ | Татбиқи принсипҳои таҳсилоти пешраванда ва муттасил | Пешбиниҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва талабот ба мутахассисон дар буриши соҳавӣ ва аз рӯйи таҳсилоти касбӣ |
| | Баланд бардоштани ошкорой ва тағйирпазирии раванди таълим | Нишондиҳандаҳои истифодаи шаклҳои фосилавии таълим |
| | Амалисозии лоиҳаҳои байнифаннӣ ва байнидонишгоҳӣ | Миқдори иҷрокунандагони ҷалбшуда аз низомҳои таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ |
| | Ташаккули бонкҳои маълумот бо мақсади дастгирии раванди қабули қарорҳои идоракунӣ дар пояи ҷорикунии технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба раванди идоракунии муассисаҳои таълимӣ | Мавҷудият, пуррагӣ ва саривақтӣ будани навсозии пойгоҳҳои маълумот<br>Мувофиқати пойгоҳҳои маълумот ба талаботи муассисаҳои таълимӣӣ, корхонаҳо-корфармоҳо, мақомоти давлатии идоракунӣ |
| | Баландшавии сатҳи истиқлолияти иқтисодӣ | Ҳиссаи воситаҳои ғайрибуҷетӣ дар ҳаҷмҳои умумии маблағгузорӣ |
| | Рушди низоми таҳсилоти касбӣ | Нишондиҳандаҳои омории рушди низоми таҳсилоти касбӣ дар динамика |
| Бизнес-ҷомеа | Пуррашавандагии ҷойҳои холии кор | Коҳишёбии вақт барои пурра кардани ҷойҳои холии кор |
| | Ташаккули салоҳиятҳои матлуб дар хатмкунандагони низоми таҳсилоти касбӣ | Сатҳи мутобиқати салоҳиятҳои касбшуда дар раванди таълим ба талаботи корфармоён, ки дар ҷойҳои холии кор пешниҳод шудаанд |
| Бизнес-ҷомеа | Интихоби кормандоне, ки таълими иловагиро талаб накарда, дорои таҷрибаи кор дар корхона (дар ташкилот) мебошанд; камкунии хароҷот барои таҳсилоти иловагӣ, тайёркунӣ ва бозомӯзии кормандон | Афзоиши ҷузъи таркибии амалӣ дар равнди таълимӣ<br>Нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии гузаштани амалияҳо дар корхонаҳо ва муассисаҳо |
| | Баланд бардоштани сифати натиҷаҳои фаъолият дар асоси истифодаи кормандони баландихтисос | Афзоиши нишондиҳандаҳои даромад, судоварӣ, маҳсулнокии меҳнат |

| | | |
|---|---|---|
| | **Идомаи ҷадвали 3.3.** | |
| | Баланд бардоштани боздеҳи сармоягузориҳо ба таҳсилот ва такмили ихтисос | Афзоиши даромад нисбати сармоягузориҳо ба таҳсилот ва такмили ихтисоси кормандон |
| | Афзоиши даромад аз ҳисоби маҳсулнокӣ | Таҳлили омилии даромад барои маҳсулнокии меҳнат |
| Хоҷагиҳои хонаводагӣ | Таъминоти иттилоотии раванди интихоби объективонаи муассисаи таҳсилот, ихтисос | Баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокӣ оид ба низоми таҳсилоти касбӣ |
| | Гирифтани ихтисоси мавриди бозхост; азхудкунии малакаҳо ва салоҳиятҳое, ки дар бозори меҳнат бозхост гардида, ёфтани зуд ва самараноки ҷойи корро кафолат медиҳанд | Нишондиҳандаҳои дарёфти ҷойи кор аз рӯйи ихтисос: дар вақти таълим, аз рӯйи натиҷаҳои гузаштани амалияҳо, дар давоми як моҳ, се моҳ, ним сол, як сола ва зиёда аз он пас аз хатми муассисаи таҳсилот |
| | Баланд бардоштани боздеҳи сармоягузориҳо ба маориф | Музди меҳнат нисбати сармоягузориҳо ба маориф |
| | Баландшавии сатҳи даромадҳо: баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва ҷубронпулиҳои дигар | Афзоиши музди меҳнат вобаста ба сатҳи таҳсилот |
| | Нигаҳдории робитаи мутақобила бо муассисаи таҳсилоте, ки хатмкунандагонро мебарорад<br>Баланд бардоштани тахассус ва таълими пасаздонишгоҳӣ | Шумораи аъзои Ҷамъиятҳои хатмкунандагон<br>Ҳаҷми хайрияҳо ба Фонди сармояи мақсаднок аз хатмкунандагон<br>Такмили ихтисос аз ҷониби хатмкунандаго |

**Сарчашма:** Тартиб дода шуд аз рӯйи: Гриненко С.В. Амсиласозии ташкилӣ-идоракунии инфрасохтори илмӣ-таҳсилотии ҷомеаи касбӣ: аз ҳамкорӣ ба шарикӣ.

Низоми пешниҳодшудаи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки натиҷанокии фаъолияти инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ арзёбӣ карда шуда, ҳамчун пойгоҳии иттилоотӣ барои амалисозии таъсироти танзимкунандаи идоракунӣ, тағйир додани мақсаднокӣ, ташаккули маҷмӯъҳо мувофиқи чорабиниҳо хизмат кунад. Нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвал пешниҳод гардидаанд, дар асоси намудҳо ва манбаъҳои гуногуни: маълумоти оморӣ, маълумоти марказҳои шуғл, маълумоти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, иттилоот аз корхонаҳо-корфармоён ҳисоб карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар бахши мазкур се марҳилаҳои аввали амсиласозии инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ ҳамчун низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гардиданд: субъектҳо ва объектҳои идоракунӣ, стратегия муайян карда шуда, дарахти мақсадҳо тарҳрезӣ карда шуданд, ки ҳамчун асос барои ташаккули ишорахатҳои калон кардашудаи амалиётҳо ва амалҳои асосӣ аз рӯйи ҳалли

вазифаҳои гузошташуда хизмат карданд; низоми меъёрҳои арзёбии натиҷанокии фаъолияти инфрасохтори илмӣ-таҳсилотӣ муайян карда шуда, барои марҳилаи чорум – амсиласозии ҷараёнӣ – пойгоҳ омода карда шуд.

### 3.3. Таҳияи амсилаи такмили низоми идоракунии зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ

Таҳлили гузаронидашудаи сохтори маблағгузории таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ дар муқоиса бо кишварҳои дигар аз самарабахшии нокифояи низоми мавҷудаи ҷалби захираҳо ба соҳа, инчунин аз номувофиқатии ҷузъи манфиатҳои стратегии давлат дар соҳаи таҳсилоти касбӣ гувоҳӣ медиҳад. Муқоисаи амалияи мавҷудаи маблағгузории таҳсилоти миёнаи касбӣ бо таҷрибаи хориҷи ҷалби сармоягузориҳо ба ин соҳа имкон медиҳад, ки оид ба тавсеаёбии манбаъҳои таъминоти захиравии таҳсилоти касбӣ хулоса барорем.

Ҳамин тавр, ба сифати манбаъҳои асосии маблағгузории бисёршабакаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ инҳоро номидан мумкин аст:

- буҷети ҷумҳуриявӣ;
- буҷетҳои маҳаллӣ;
- фондҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла фондҳои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, иттиҳодияҳои сарпараст;
- воситаҳои худии муассисаҳои таълимӣ, ки аз хизматрасониҳои пулакии таҳсилоти ва дигар хизматрасониҳо, моли аз ҷониби онҳо пешниҳодшуда ба даст омадаанд;
- воситаҳои корхонаҳо, ки ба тайёр кардани кадрҳо маблағгузорӣ карда мешаванд;
- сармоягузориҳои хусусии таълимдиҳандагон, ки аз ҳисоби захираҳои шахсӣ ва қарзӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Бешубҳа, дар дурнамои наздиктарин асоси маблағгузории таҳсилоти миёнаи касбиро ба мисли пештара захираҳои буҷети давлатӣ ташкил хоҳанд дод. Аммо, минбаъд ба қадри афзоиши миқдори минтақаҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувор хароҷотро барои маблағгузории таҳсилоти касбӣ сатҳи миёна

мувофиқи мақсад аст, ки бо буҷетҳои маҳаллӣ тақсим карда шаванд. Ба сифати сабаби интиқоли ваколатҳо оид ба маблағгузории таҳсилоти касбӣ ба сатҳи минтақавӣ манфиатнокии бевоситаи ҳокимиятҳо ва маъмуриятҳои маҳаллӣ дар тарбияи мутахассисони тахассусҳои муайян (барои рушди истеҳсолоти ҳудудӣ ва бахши хизматрасонӣ) хизмат мекунад.

Самти калидии таҳаввули сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ гузариш ба рушди бештар соҳавӣ ба минтақавии таҳсилоти касбӣ ва, мутаносибан, аз идоракунии соҳавӣ ба идоракунии муштараки миллӣ-минтақавии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар сатҳи минтақавӣ дигар ҳамчун кори истисноии давлат боқӣ намонда, ба майдони ҳамкории бисёрҷанбаи шариконаи сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятии идоракунӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷомеаи касбии педагогӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ табдил меёбад.

Ба вазифаҳои мустақими давлатӣ ба мисли пештара ташаккули низоми тадбирҳо мансуб аст, ки ба рушди омодасозии мақсадноки шартномавӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи таҳсилот нигаронида шудааст. Амалияи мавҷудаи таҳия ва иҷроиши лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф бо маблағгузории сохтмони асосӣ алоқаманд аст. Аммо, хусусияти низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ зарурати сармоягузории захираҳоро на танҳо ба объектҳои сохтмон, балки инчунин ба фаъолияти асосӣ – равандҳои таҳсилотӣ зарур аст. Барои ҳалли чунин вазифаҳо таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ зарур аст, ки метавонистанд маблағгузориҳои маҷмӯи захираҳоро ба ҳамаи ҷузъҳои таркиби фаъолияти коллеҷҳо бо дарназардошти хусусияти он пешбинӣ карда, ба ноилшавӣ ба мақсадҳои мушаххас, ба даст овардани натиҷаҳои муфид барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ алоҳида ва тамоми низоми таҳсилоти олии касбӣ равона карда шаванд.

Ба сифати алтернатива барои маблағгузории буҷетӣ захираҳои ғайрибуҷетӣ хизмат мекунанд, ки, асосан, аз ҳисоби сармоягузориҳо (пардохти донишҷӯён барои таълим), маблағгузориҳои корпоративӣ ва сарпарастӣ ҷалб карда мешаванд. Айни замон дар ҷумҳурӣ тамоюл ба ташаккули робитаҳои

мустаҳкам миёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва корхонаҳои ба таври динамикӣ рушдёбандаи саноат акнун тавлид ёфта истодааст. Аммо, ин амалия, ки худро дар шароити Ғарб хуб тавсия дод, ба қадри афзоиши болоравии иқтисодии саноат ногузир тавсеа хоҳад ёфт. Шарти асосӣ барои ҳавасмандсозии соҳибкории ватанӣ муносибати ташхисӣ ба раванди тайёр кардани мутахассисони сатҳҳои гуногун, ки бо талаботи воқеии иқтисодиёт алоқаманд аст, маҳсуб меёбад.

Дар робита ба зарурати мувофиқасозии дақиқи сохтори касбҳо ва ихтисосҳо бо талаботи ояндадори иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ба назари мо, мувофиқи мақсад аст, ки мақомоти байниидоравие таъсис дода шавад, ки талаботи ҷориро ба кадрҳои корӣ назорат кунад. Ин мақомот метавонист барои мониторинги талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат ҷавоб дода, тағйиротро вобаста аз динамикаи рушди саноат ва иқтисодиёт пешбинӣ кунад; пайдо шудани ихтисосҳо ва ҷойҳои холии кориро пайгирӣ карда, сохтори омодасозии ихтисосҳоро вобаста ба талабот ба ин ё он касб ба танзим дарорад.

Равшан аст, ки чунин мақомот бояд намояндагони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, инчунин Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони иттифоқҳои касаба ва хадамоти шуғлро дар бар гирад. Инчунин аён аст, ки кори чунин мақомот бояд ба коркардҳои усули е такя кунад, ки имконият медиҳад дар асоси мониторинг ва таҳлили тамоюлоти ҷорӣ дар иқтисодиёти кишвар (минтақа) талабот ба мутахассисон барои оянда пешбинӣ карда шуда, сохтори тайёркунии кадрҳои соҳибихтисос ташаккул дода шавад. Аз ин рӯ, шарти муҳими фаъолияти чунин мақомот иштироки мактабҳои илмӣ дар таҳияи усули каҳои дахлдор, тасвиб ва ҷорикунии онҳо мегарданд.

Татбиқи амалии фаъолияти мақомот, дар навбати аввал, дар сатҳи минтақавӣ бозхост хоҳад шуд. Муқоиса ва ҷамъбасти натиҷаҳои кори шуъбаҳои минтақаи мақомоти байниидоравӣ ба таҳияи сиёсати таҳсилотӣ дар сатҳи милли мусоидат хоҳад кард. Масъалаи назарраси таъсиси чунин марказҳо дар минтақаҳо метавонад нарасидани мутахассисон аз ин соҳа гардад. Ба назари

мо, чунин шуъбаҳо бояд дар заминаи хадамоти шуғл, ки аз ҷиҳати ҳудудӣ дар ҳар як минтақа ҳузур доранд, таъсис дода шаванд.

Махсус бояд бисёрфункционалӣ будани истифодаи пойгоҳи таъсисшаванда дар чаҳорчӯби фаъолияти мақомот оид ба ҷойҳои кори холӣ ва ихтисосҳо таъкид карда шавад, ки, дар навбати худ, ба баъзе корхонаҳои ватанӣ кумак мекунад, то ки дархостҳоро барои тахассуси кадрҳо дақиқтару равшантар ифода карда, сармоягузориҳоро ба тайёр кардани онҳо амалӣ созанд. Ҳангоми пешбиникунии талаботи дурнамои иқтисодиёти ҷумҳурӣ бояд мавҷудияти давраи ниҳонии ташаккули талабот ба ихтисосҳои муайян; фосилаи вақтеро, ки барои таҳияи стандартҳои тахассусӣ ва тайёркунии мутахассисон, ва муҳимтар, вариантӣ будани бозсозии сохтори иқтисодиёт талаб карда мешавад, ба назар гирифт. Маҳз зарурати мавҷудияти пешбинии дақиқ оид ба бозсозии сохтори иқтисодиёт ба сифати меҳвари ҷорикунии усули каи мазкур хизмат мекунад.

Зимни возеҳияти комилаи манфиатнокии тарафайни сармоягузориҳо, воситаҳо аз ҷониби корхонаҳо ба таҳсилоти касбӣ, “факултавӣ” будани ин механизми маблағгузориро қайд накардан номумкин аст. Дар шароити муосир маблағгузориҳои корпоративӣ ба таҳсилоти касбиро танҳо ҳамчун захираи иловагӣ баррасӣ кардан лозим аст, ки дар дурнамо метавонад барои як қатор ихтисосҳо, барои баъзе муасисаҳои таҳсилот муҳим гардад.

Дар ин самт ниҳоди муҳиме, ки ба диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат менамояд, эндаумент маҳсуб меёбад, ки аз ҳисса, маблағгузорӣ ба нафъи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити муайян иборат аст. Эҷоди ниҳоди эндаумент-фонд манфиатҳои бахши давлатӣ ва хусусиро пайваст мекунад, яъне афзоиши эътимоднокии маблағгузории давлатӣ ва хусусиро ба соҳаи маориф таъмин менамояд. Масалан, сармоягузории захираҳо ба қоғазҳои қиматнок, дороиҳо даромади босубот, айни замон усутвории молиявиро ҳатто дар мавриди камшавии каналҳои дигари воридоти пулӣ кафолат медиҳад. Тафовути эндаумент аз ниҳодҳои одии хайриявӣ аз аҳамияти иқтисодӣ ва хусусияти ҷиддан мақсадноки фаъолияти он иборат аст. Зеро мақсади эдаумент таъмини

дастгирии молиявии муассисаи мушаххаси соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мушаххас дар асоси ба даст овардани даромади босубот аз сармоягузориҳо мебошад. Эндаумент бояд истиқлолияти муассисаҳои соҳаи таҳсилоти касбиро аз хайрияҳои якдафъаина ва воридоти дигари хайриявӣ, устувории вазъи молиявӣ, инчунин хусусияти дарозмуддати манбаи эҷодшавандаи маблағгузории онҳо таъмин намояд. Яке аз бартариятҳои муҳими ниҳоди эндаумент хусусияти шаффофи фаъолияти он мебошад, зеро воситаҳои он танҳо ба дастгирии он муассисаи соҳаи таҳсилот нигаронида шудаанд, ки барои он эҷод карда шудаанд. Барои ташкил кардани эндаумент ҳамчун шакли сармояи мақсаднок барои ташкилоти ғайритиҷоратӣ инчунин ташаккули шароити институтсионалӣ-инфрасохторӣ, пеш аз ҳама, ба расмият даровардани санади қонунгузорӣ зарур аст[36].

Ба сифати манбаъҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ захираҳои буҷетӣ ва воситаҳое, ки аз пардохт барои таълим ворид мешаванд, боқӣ мемонанд. Мутаносибан, ба сифати масъалаи асосӣ дар чаҳорчӯби идоракунии маблағгузории соҳа интихоби таносуби оптималии ин захираҳо хизмат мекунад, ки самаранокии бештарини фаъолияти тамоми низомро таъмин менамояд. Дар ин зимн бояд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- эҷоди шароити баробар барои худмуайянкунии касбӣ ва ташаккули вазифаи кории шаҳрвандони мақоми гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ;
- ошкоркунӣ ва мувофиқасозии манфиатҳо ва талаботи умумииқтисодӣ ва шахсӣ дар тайёр кардани кормандони меҳнати тахассусӣ аз ҳисоби мувофиқасозии самарабахшии хусусӣ ва ҷамъиятии сармоягузорӣ;
- ташаккули фазои ягонаи таҳсилотӣ дар асоси стандартҳои умумии таҳсилотӣ.

Зимни самтгирии низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аҳолӣ ба пардохти таълимгирандагон татбиқи се амсила имконпазир аст:

[36] Мирсаидов А.Б, Азизов Ш. Институциональние изменений в сфере высшего профессионального образование Республики Таджикистан: позитивнее и негативние процессы. // журнал «ASJ» — EAST EUROPEAN SCHENTICH LJURNAL №8(60), 2020 PAKE 2. C. 40-48 Үежемесячное онлайн-издание.

- муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ субсидияи муайянро барои пардохти арзиши таълим дархост карда, пардохти худро барои таълим, ки аз донишҷӯён ситонида мешавад, муқаррар карда, ҳамин тариқ “нархро” барои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда муайян мекунад, ки аксари донишҷӯёнро маҷбур мекунад, ки муассисаҳои таҳсилоти аз ҷиҳати “нарх” муносибатро ҷустуҷӯ кунанд;

- андозаи субсидия барои пардохти арзиши таълим аз ҷониби давлат муқаррар карда мешавад, вале муассисаи таълим метавонад меъёрҳои худи пардохти таълимро барои донишҷӯён муқаррар намояд;

- андозаи субсидия ва пардохти таълим барои донишҷӯён аз ҷониби давлат муқаррар карда мешаванд.

Эҳтимолан, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба истифодаи манбаъҳои гуногун барои маблағгузории фаъолияти худ кӯшиш кунанд, ки ин худи механизми пардохтро барои таълим тағйирпазиртар месозад. Истифодаи пардохт барои таълим ҳамчун механизми маблағгузории таҳсилоти миёнаи касбӣ танҳо ба назари аввал қисми хароҷотро аз буҷет мебардорад. Воқеан бошад, худи ҳамин хароҷотро буҷет дар шакли субсидияҳо ба донишҷӯёне, ки таълимро пардохт мекунанд, ба зимма мегирад.

Дар ҳолати татбиқи чунин тарҳи маблағгузорӣ ҳангоми қабули буҷети давлатӣ дар соли навбатии молиявӣ ба ҳисоб гирифтани пешниҳодот оид ба номгӯйи субсидияҳо, дотатсияҳо ва имтиёзҳои андозӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зарур аст. Айни замон муассисаҳои таълимӣ бояд аз пардохти ҳамаи намудҳои андозҳо дар қисми фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ – аз пардохти андозҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ, агар даромади аз он бадастоянда ба такмили раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилот равона шавад., озод карда шаванд.

Маблағгузории давлатии пардохт барои таълим метавонад манбаи асосии воридот барои ҷуброни хароҷот барои ташкили барномаҳои таълим бошад, ки арзиши онҳо дар “нархи стандартӣ”, ки аз ҷониби давлат ба танзим даровварда мешавад, ҷой мегирад. Он гоҳ воситаҳое, ки аз донишҷӯён дар намуди пардохт

барои таълим ба даст омадаанд, барои пӯшонидани хароҷоти марбут бо ташкили таълим дар сатҳи баландтар равона карда мешаванд.

Маблағгузории буҷетии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ истифодаи субсидияҳои блокиро пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи меъёрҳои муайяне, ки аз ҷониби давлат муқаррар карда шудаанд, тақсимот мешаванд. Ҳаҷми воситаҳои тахсисшаванда метавонад вобаста ба мансубият соҳаи дониши илмӣ муассисаи таҳсилоти додашуда миқёси фарогирии фанҳои омӯхташаванда, инчунин дар алоқаманди бо шумораи умумии донишҷӯён ва таҷрибаи аллакай мавҷудаи ҳамкорӣ бо ниҳоди додашуда лаппиш хӯрад.

Қисми воситаҳоро мувофиқи мақсад дар асоси озмун ба ниҳодҳое тақсимот карда шавад, ки барномаҳои мукаммалтарро пешниҳод менамоянд. Субсидияҳоро барои як-ду сол пешниҳод кардан мумкин аст. Зимни маблағгузории блокӣ ниҳодҳо маҳдудияти ба таври кифоя шадидро аз рӯйи микдори донишҷӯёни қабулшаванда ба даст меоранд. Дар ҳолати қабули нопурра маблағгузорӣ метавонад кам карда шуда, аз воситаҳои озодшуда муассисаҳои таҳсилоти дигар метавонанд маблағгузории иловагиро ба даст оранд.

Аз нуқтаи назар таъсир ба кори ниҳод механизми маблағгузории ҷамъбастии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба назар ҷолиб мерасад. Маблағгузории ҷамъбастӣ қисми маблағгузории барномавӣ-мақсаднок мебошад, вақте ки ҳаҷмҳои маблағгузорӣ бо нишондиҳандаҳое муайян карда мешаванд, ки дар давраи қаблӣ ба даст омада буданд. Маблағгузорӣ метавонад ҳам дар модули пулӣ, ҳам дар шакли ҳавасмандсозии амволӣ (дар намуди компютер, мебел, техникаи тадорукотӣ) ифода ёбад.

Маблағгузории ҷамъбастӣ метавонад ҳам бевосита аз ҷониби мақомоти буҷетӣ, ҳам аз ҷониби ташкилоти дигар ва шахсони воқеӣ амалӣ карда шавад, ки дар баланд бардоштани соҳибкасбӣ ва соҳибтахассусии таълимгирандагон манфиатдоранд, аз ҷумла аз ҷониби:

- хадамоти шуғл;
- корфармоён;

- мақомоти минтақавии ҳокимият ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

- иттифоқҳои касаба;

- муассисаҳо, мақомоти идоракунии таҳсилот;

- иттифоқҳои тоҷирон, соҳибкорон, ҷамъиятҳои фермерҳо ва косибон, палатаҳои савдою саноатӣ;

- мақомоти ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон;

- худи хонандагон (падару модарони онҳо).

